АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ба номи РӮДАКӢ

ЗАБОНШИНОСӢ

маҷаллаи илмӣ

№1 2010

АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ба номи РӮДАКӢ

ЗАБОНШИНОСӢ

маҷаллаи илмӣ

№ 1. 2010

Маҷалла соли 2010 таъсис ёфтааст, дар як сол ду шумора нашр мешавад

Муассис: Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сардабир
Д. Саймиддинов

Муовини сардабир
С. Назарзода

Дабири масъул
Н.О. Назаров

Ҳайати таҳрир: Т.Ваҳҳобов, Ф.Қ.Зикриёев, Б.Камолиддинов, М.Н.Қосимова, Ҳ.Маҷидов, С.Сулаймонов, М.Ҳ.Султон, М.Т.Ҷабборова, П.Ҷамшедов, Ғ.Ҷӯраев.

Душанбе

© Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, 2010

АКАДЕМИЯ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ИНСТИТУТ ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ имени РУДАКИ

ЗАБОНШИНОСИ

журнал «Языкознание»

№ 1. 2010

Основан в 2010 г. Выходит два раза в год

Учредитель: Институт языка и литературы имени Рудаки Академии наук Республики Таджикистан

Главный редактор
Д. Саймиддинов

Заместитель главного редактора
С. Назарзода

Ответственный редактор
Н.О. Назаров

Редакционная коллегия: Т. Ваххобов, М.Т.Джабборова, П.Джамшедов, Г.Джураев, Ф.К.Зикриёев, Б.Камолиддинов, М.Н.Касымова, Х. Маджидов, С.Сулаймонов, М.Х.Султон.

Душанбе

© Институт языка и литературы имени Рудаки АН РТ, 2010

ПЕШГУФТОР

Маҷаллаи «Забоншиносӣ», ки шумораи нахусти он пешкаши мутахассисон ва дигар алоқамандону дӯстдорони забони тоҷикӣ мегардад, бо дастуру ҳидояти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо орзуҳо ва ҳадафҳои начиб баҳри омӯзиш ва таҳқиқи масоили мухталифи забони миллӣ дар мақоми забони давлатӣ таъсис шудааст. Бо ифтихор бояд иброз дошт, ки таъсиси чунин нашрияи тахассусӣ дар бахши забоншиносӣ дар кишвари мо дар пайи он ҳама иқдомҳои начиб далели дигари гамхорӣ ва таваҷҷуҳи ҳамешагии Сарвари давлат нисбат ба забони миллӣ ва арзишҳои таърихиву фарҳангии миллат дар замони Истиқлолият мебошад.

Маҷаллаи «Забоншиносӣ» дар назди Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ дар асоси пешниҳоди Президенти кишвар ҳангоми мулоқот бо зиёиёни кишвар 20 марти соли 2009 таъсис ёфтааст. Дар ин мулоқот дар баробари дигар масъалаҳои вобаста ба инкишофу густариши забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ Президенти кишвар дар ин бора чунин фармуда буданд: «Аз ин рӯ, барои таҳқиқи масъалаҳои гуногуни забони тоҷикӣ, бахусус забони адабӣ ва меъёрҳои он, назария ва амалияи забон ва дар маҷмӯъ ҳама масоили марбут ба он имрӯз зарурати таъсиси як маҷаллаи илмии забоншиносӣ ба миён омадааст...Бешубҳа, нашри ин маҷалла барои таҳким ва густариши забони давлатӣ, ки омили мухими болоравии худшиносӣ ва вахдати миллӣ мебошад, мусоидат хоҳад кард.»

Бояд гуфт, ки гамхорӣ ва мувозибат аз забони модарӣ пеш аз ҳама пуштибонӣ аз халқу миллати худ мебошад. Миллати тоҷик баъд аз солҳо ва садаҳои тӯлонии зери истило ва юғи аҷнабиёну бегонагони гуногунирку мухталифмазҳаб қарор доштан, ба чунин пуштибониву дастгирӣ ниёз дорад. Ва имрӯз тавре ки мебинем ва мушоҳида мекунем, забони модарии мо мавриди гамхориву пуштибонии ҳаматарафаи давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан Президенти кишвар қарор гирифтааст. Забони миллӣ ҳамчун яке аз поясҳои асосии давлатдории миллӣ дар пойдории давлати миллӣ нақши ҳалкунанда дорад. Ба касе пӯшида нест, ки дар давраҳои пурошӯбу пурмоҷарои таърих забони миллӣ дар таъмини вахдату ягонагии миллат парчами муборизони роҳи озодӣ ва истиқлол мегардад.

Акнун баъд аз гузашти солҳо давлати миллии мо бо роҳбарии мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди зиёиён ва фарҳангиёни тоҷик ба хотири равнақу инкишофи забони тоҷикӣ ва ба ҳамин восита пешрафти фарҳанги миллӣ вазифаҳои бомасъулият мегузорад. Тавре ки Президенти мамлакат ҳангоми мулоқот бо зиёиён дар соли 2001 зикр

карда буд: «...мо пеш аз ҳама барои рушди солими забони давлатӣ тамоми тадбирҳоро меандешем....». Барои ба даст овардану таҳким бахшидани истиқлоли фарҳангии миллӣ пеш аз ҳама пояҳои забони миллиро мустаҳкам намудан зарур аст.

Махсусан, дар асарҳои Президенти кишвар «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» ва дар китоби сеюми «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» ба масъалаҳои инкишофи илми забоншиносӣ, пажӯҳиши таърихи забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳову шеваҳои он, таҳқиқи забонҳои эронӣ ва инкишофи забоншиносии муқоисавӣ аҳамияти зиёде дода, самтҳои асосии пешрафти илми забоншиносӣ муайян шудааст.

Бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоллаи "Забоншиносӣ"-и Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ саҳифаи наве дар инкишофу густариши забони модарии мо ҳамчун забони давлатӣ оғоз меёбад. Тавре ки Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар 20 марти соли 2009 таъкид кард: "Итминони комил дорам, ки қабули қонуни нав "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва тадбирҳои дигар дар иртибот ба забони миллӣ як силсила монеаҳои мавҷудаи сунъиро дар ин самт барканор сохта, марҳалаи воқеан навро дар таҳким ва рушди забони давлатӣ оғоз хоҳанд кард. Мақоми давлатии забон бояд бар асоси Конституцсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда шавад..."

Мақоллаи "Забоншиносӣ" сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар робитаи ба забони давлатӣ пайгирӣ намуда, дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо дарҷи матолиби гуногун ба хотири ташаккули забон мусоидат хоҳад кард.

Дар мақолла аз ҳама бахшҳои забоншиносӣ ба монанди вожашиносӣ, грамматика ва ё дастури забон, таърихи забон, забоншиносии ҳамагонӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ, лаҳҷашиносӣ, забоншиносии иҷтимоӣ, решашиносӣ, номшиносӣ ва ғайра мақолаҳо ба табъ мерасад. Ҳамчунин дар ҳар шумораи мақолла саҳифаи махсус барои фарҳангномаи мухтасари вожаву истилоҳоти сиёсиву иҷтимоии русӣ ба тоҷикӣ, ки имрӯз ҷомеа ба он ниёз дорад, ба нашр мерасад. Дар мақолла мақолаҳои забоншиносони хоричӣ, ки ба масоили забони тоҷикӣ ва таърихи он иртибот доранд, бо дарназар гирифтани мӯҳтаво ва арзиши илмии онҳо барои хонандаи тоҷик пешниҳод мешаванд.

Ҳайати таҳрир

ЗАБОНШИНОСӢ, № 1, 2010

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Ахбори Мақлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №9-10, мод. 546)

Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии забони давлатиро муайян ва истифодаи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Вазифаҳои Қонуни мазкур

1. Қонуни мазкур истифодаи забони давлатӣ ва забонҳои дигарро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ танзим менамояд.

2. Қонуни мазкур истифодаи забонҳоро дар муносибатҳои шахсӣ танзим намекунад.

Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат аст.

Моддаи 3. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст.

2. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст забони давлатиро донад.

3. Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин менамояд.

4. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, вазифадоранд барои омӯхтани забони давлатӣ ва такмили забондонии кормандон шароит фароҳам оранд.

5. Забони давлатӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад.

6. Ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ҳатмӣ мебошад.

Моддаи 4. Забонҳои дигар

1. Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд.

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимоя ва инкишофи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) ва забони ягнобӣ шароит фароҳам меорад.

БОБИ 2.
ЗАБОНИ КОРИИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 5. Забони коргузорӣ

Коргузории мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ сурат мегирад.

Моддаи 6. Забони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия ва қабул карда мешаванд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба забонҳои дигар тарҷума карда мешаванд.

Моддаи 7. Забони кории Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Забони кории Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисмҳои ҳарбӣ ва ҷузъу томҳои он забони давлатӣ аст.

2. Дар машқҳои якҷоя бо кишварҳои хориҷӣ забони дигаре, ки муқаррар шудааст, истифода мешавад.

БОБИ 3. ЗАБОНИ СОҲАҲОИ МАОРИФ, ИЛМ, ФАРҲАНГ ВА ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА

Моддаи 8. Забони таҳсил

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил ба забони давлатӣ сурат мегирад.

2. Муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ метавонанд ба забонҳои дигар низ фаъолият намоянд.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳо дар интихоби озоди забони таҳсил тибқи қонунгузорӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

Моддаи 9. Омӯзиши забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ

1. Дар муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ омӯзиши ҳатмии забони давлатӣ таъмин карда мешавад.

2. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, омӯзиши забони давлатӣ ҳатмӣ мебошад.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиши хати арабиасос ва табъу нашри адабиёт ба ин хат шароит фароҳам оварда мешавад.

Моддаи 10. Забони илм

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони илм забони давлатӣ аст.

2. Дар таҳқиқоти илмӣ забонҳои дигар низ метавонанд истифода шаванд.

Моддаи 11. Забони чорабиниҳои фарҳангӣ

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои фарҳангӣ ба забони давлатӣ баргузор мегарданд.

2. Чорабиниҳои фарҳангии байналмилалӣ ва байнидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ва ба забонҳои дигар сурат мегиранд.

Моддаи 12. Забони воситаҳои ахбори омма

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои ахбори омма тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ва ба забонҳои дигар фаъолият менамоянд.

Моддаи 13. Забони эълону реклама

1. Эълону реклама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ интишор мешавад.

2. Эълону реклама тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забонҳои дигар низ интишор карда мешавад.

Моддаи 14. Забони иттилоот ва коммуникатсия

1. Забони иттилоот ва коммуникатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатӣ аст.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи забони давлатӣ дар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

Моддаи 15. Мусоидат ба ҳифз ва рушди забони тоҷикӣ берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифз ва рушди забони тоҷикӣ берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мусоидат мекунад.

БОБИ 4. ЗАБОНИ КОРГУЗОРИИ ТАШКИЛОТҲО

Моддаи 16. Забони коргузории ташкилотҳо

Коргузории ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ба забони давлатӣ сурат мегирад. Забонҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд.

Моддаи 17. Забони мукотиба

1. Ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, дар мукотиба бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳудидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин бо шаҳрвандон забони давлатиро истифода менамоянд.

2. Мукотиба бо ташкилотҳои хориҷӣ ба забони давлатӣ ва забоне, ки мукаррар шудааст, сурат мегирад.

БОБИ 5. ЗАБОНИ НОМГУЗОРӢ

Моддаи 18. Номгузории ташкилотҳо

1. Номгузории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо, инчунин дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ба забони давлатӣ сурат мегирад.

2. Ҳамаи лавҳаю овезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ навишта мешаванд.

3. Номи ташкилотҳои хориҷӣ ва муштарак ба забонҳои дигар низ баргардонида мешавад.

Моддаи 19. Номгузории маҳалҳо

1. Номгузорӣ, иваз намудани номи вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо, деҳаҳо, инчунин кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, боғҳои фарҳангӣ ва дигар маҳалҳои аҳолинишин тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ сурат мегирад.

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарорсозӣ ва ҳифзи номҳои таърихиро дар ҳудуди ҷумҳурӣ таъмин менамояд.

Моддаи 20. Забони матни мӯҳру тамғаҳо, бланкҳо, нархномаҳо ва дигар маводи иттилоотӣ

1. Матни мӯҳру тамғаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба забони давлатӣ навишта мешавад.

2. Матни мӯҳру тамғаҳои ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ ба забони давлатӣ навишта мешавад.

3. Бланкҳо, нархномаҳо ва дигар маводи иттилоотӣ ба забони давлатӣ навишта мешаванд ва дар муносибат бо ташкилотҳои хориҷӣ мумкин аст ба дигар забонҳо низ баргардонида шаванд.

Моддаи 21. Забони матни коғазҳои қиматнок

Чопи коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ сурат мегирад.

БОБИ 6. ИСТИФОДАИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Моддаи 22. Забони гуфтушунидҳо ва мукотибот

Гуфтушунидҳо ва мукотибот бо намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ, созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ба забони давлатӣ ва забонҳои расмии онҳо сурат мегиранд. Ҳангоми зарурат, дар гуфтушунидҳо ва мукотибот истифодаи забонҳои дигар маҳдуд карда намешавад.

Моддаи 23. Забони фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ ва намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷа, созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ

Фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ ва намояндагиҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ ба забони давлатӣ, забонҳои расмии кишварҳои қарордошта ва созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ сурат мегирад.

Моддаи 24. Забони шартномаҳои байналмилалӣ

Шартномаҳои байналмилалии дучониба ба забонҳои давлатии тарафҳои аҳдкунанда ва шартномаҳои байналмилалии бисёрчониба ба забонҳое, ки тарафҳо муайян кардаанд, ба имзо мерасанд.

Моддаи 25. Забони пазирой, гуфтушунид ва нишастҳои матбуотӣ бо намояндагони хоричӣ

Пазирой, гуфтушунид ва нишастҳои матбуотӣ бо иштироки намояндагони давлатҳои хоричӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ва забони пазируфтаи тарафҳо сурат мегирад.

БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 26. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони мансабдор, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки талаботи Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 27. Дар бораи аз эътибор соқит кардани Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989 (Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон, соли 1989, №15, моддаи 102) аз эътибор соқит карда шавад.

Моддаи 28. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон**

ш.Душанбе, 5 октябри соли 2009, № 553

Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

Раиси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **С. Хайруллоев**

ш. Душанбе, 1 октябри соли 2009, № 1395

Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **М. Убайдуллоев**

ш. Душанбе, 3 октябри соли 2009, № 687

ЗАКОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О ГОСУДАРСТВЕННОМ ЯЗЫКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Настоящий Закон определяет правовой статус государственного языка и регулирует его применение в Республике Таджикистан.

ГЛАВА 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

Статья 1. Задачи настоящего Закона

1. Настоящий Закон регулирует применение государственного языка и других языков в деятельности органов государственной власти, органов самоуправления поселков и сел, а также юридических лиц, независимо от организационно-правовых форм, дехканских (фермерских) хозяйств и индивидуальных предпринимателей.

2. Настоящий Закон не регулирует использование языков в личных отношениях.

Статья 2. Законодательство Республики Таджикистан о государственном языке Республики Таджикистан

Законодательство Республики Таджикистан о государственном языке Республики Таджикистан основывается на Конституции Республики Таджикистан и состоит из настоящего Закона, других нормативных правовых актов, а также международных правовых актов, признанных Таджикистаном.

Статья 3. Государственный язык Республики Таджикистан

1. Государственным языком Республики Таджикистан является таджикский язык.

2. Каждый гражданин Республики Таджикистан обязан знать государственный язык.

3. Республика Таджикистан обеспечивает применение, защиту и развитие государственного языка.

4. Органы государственной власти, органы самоуправления поселков и сел, а также юридические лица, независимо от организационно-правовых форм, обязаны создавать благоприятные условия для изучения государственного языка и совершенствования его знания работниками.

5. Государственный язык применяется во всех сферах политической, социальной, экономической, научной и культурной жизни Республики Таджикистан.

6. При применении государственного языка обязательно соблюдение положений правил орфографии литературного языка.

Статья 4. Другие языки

1. Все нации и народности, проживающие на территории Республики Таджикистан, вправе свободно пользоваться своим родным языком, за исключением случаев, предусмотренных настоящим Законом.

2. Республика Таджикистан создает условия для свободного применения, защиты и развития бадахшанских (памирских) языков и ягнобского языка.

ГЛАВА 2. РАБОЧИЙ ЯЗЫК ОРГАНОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ

Статья 5. Язык делопроизводства

Делопроизводство законодательных, исполнительных и судебных органов в Республике Таджикистан осуществляется на государственном языке.

Статья 6. Язык нормативных правовых актов

Нормативные правовые акты Республики Таджикистан разрабатываются и принимаются на государственном языке. В предусмотренных законодательством случаях нормативные правовые акты переводятся на другие языки.

Статья 7. Рабочий язык Вооружённых Сил Республики Таджикистан

1. Рабочим языком Вооружённых Сил Республики Таджикистан, воинских частей и их подразделений является государственный язык.

2. В совместных учениях с иностранными государствами используется также и другой установленный язык.

ГЛАВА 3. ЯЗЫК СФЕР ОБРАЗОВАНИЯ, НАУКИ, КУЛЬТУРЫ И СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ

Статья 8. Язык обучения

1. В Республике Таджикистан обучение осуществляется на государственном языке.

2. Дошкольные учреждения, учреждения общего, начального и среднего профессионального, высшего профессионального, после-

вузовского профессионального образования могут осуществлять деятельность на других языках.

3. Для всех наций и народностей Республики Таджикистан создаются условия для свободного выбора языка обучения в соответствии с законодательством.

Статья 9. Изучение государственного языка в образовательных учреждениях

1. В дошкольных учреждениях, учреждениях начального профессионального, среднего профессионального, высшего профессионального, послевузовского профессионального образования обеспечивается обязательное обучение государственному языку.

2. В иностранных учреждениях среднего и высшего профессионального образования, осуществляющих свою деятельность в Республике Таджикистан, независимо от организационно-правовых форм, изучение государственного языка является обязательным.

3. В Республике Таджикистан создаются условия для изучения письма на основе арабской графики и издания литературы на этом письме.

Статья 10. Язык науки

1. В Республике Таджикистан языком науки является государственный язык.

2. В научных исследованиях могут использоваться и другие языки.

Статья 11. Язык культурных мероприятий

1. В Республике Таджикистан культурные мероприятия проводятся на государственном языке.

2. Международные и межгосударственные мероприятия в Республике Таджикистан проводятся на государственном языке и на других языках.

Статья 12. Язык средств массовой информации

В Республике Таджикистан средства массовой информации осуществляют свою деятельность на государственном языке и других языках в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Статья 13. Язык объявлений и реклам

1. В Республике Таджикистан объявления и рекламы распространяются на государственном языке.

2. Объявления и рекламы могут распространяться в соответствии с законодательством Республики Таджикистан и на других языках.

Статья 14. Язык информации и коммуникации

1. Языком информации и коммуникации Республики Таджикистан является государственный язык.

2. В Республике Таджикистан создаются благоприятные условия для использования государственного языка в информационно-коммуникационных технологиях.

Статья 15. Содействие защите и развитию таджикского языка за пределами республики

Республика Таджикистан содействует защите и развитию таджикского языка за пределами республики на основе международных правовых актов, признанных Таджикистаном.

ГЛАВА 4. ЯЗЫК ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА ОРГАНИЗАЦИЙ

Статья 16. Язык делопроизводства организаций

Делопроизводство организаций, функционирующих на территории Республики Таджикистан, осуществляется на государственном языке. Другие языки используются в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Статья 17. Язык переписки

1. Организации, осуществляющие свою деятельность на территории Республики Таджикистан, в переписке с органами государственной власти и органами самоуправления поселков и сел, а также с гражданами используют государственный язык.

2. Переписка с международными организациями осуществляется на государственном и на том языке, который установлен.

ГЛАВА 5. ЯЗЫК НАИМЕНОВАНИЙ

Статья 18. Наименование организаций

Присвоение наименований органам государственной власти, министерствам и ведомствам, а также другим организациям, независимо от организационно-правовых форм, осуществляется на государственном языке.

2. Все транспаранты и вывески в Республике Таджикистан пишутся на государственном языке.

3. Наименования иностранных и совместных организаций также могут быть переведены и на другие языки.

Статья 19. Наименование местностей

1. Присвоение наименований, переименование областей, городов, районов, поселков, сел, других населенных пунктов, а также улиц, проспектов, площадей, парков культуры осуществляются на государственном языке в порядке, установленном законодательством Республики Таджикистан.

2. Республика Таджикистан обеспечивает восстановление и защиту исторических наименований местностей на территории республики.

Статья 20. Язык реквизитов и визуальной информации

1. Тексты печатей и штампов органов государственной власти пишутся на государственном языке.

2. Тексты печатей и штампов организаций, независимо от организационно-правовых форм, дехканских (фермерских) хозяйств и индивидуальных предпринимателей пишутся на государственном языке.

3. Тексты бланков, ценников и другой визуальной информации излагаются на государственном языке и в отношениях с иностранными организациями могут быть переведены на другие языки.

Статья 21. Язык текста ценных бумаг

Ценные бумаги в Республике Таджикистан издаются на государственном языке.

ГЛАВА 6. ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЯЗЫКА В МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЯХ

Статья 22. Язык переговоров и переписки

Переговоры и переписка с дипломатическими представительствами и консульскими учреждениями, международными, региональными и межгосударственными организациями, действующими в Республике Таджикистан, осуществляются на государственном языке и официальных языках этих организаций. При необходимости, на переговорах и в переписке использование других языков не ограничивается.

Статья 23. Язык деятельности дипломатических представительств, консульских учреждений и иностранных представительств Республики Таджикистан в иностранных государствах, международных, региональных и межгосударственных организациях

Деятельность дипломатических представительств, консульских учреждений и иностранных представительств Республики Таджикистан в международных, региональных и межгосударственных организациях осуществляется на государственном языке, официальных языках страны пребывания и международных, региональных, межгосударственных организаций.

Статья 24. Язык международных договоров

Двусторонние международные договоры составляются на межгосударственных и государственных языках договаривающихся сторон, а многосторонние договоры подписываются на языках, оговоренных сторонами.

Статья 25. Язык приёмов, переговоров и пресс-конференций с иностранными представителями

Приёмы, переговоры и пресс-конференции с участием представителей иностранных государств в Республике Таджикистан проводятся на государственном языке и на языке, оговоренном сторонами.

ГЛАВА 7. ЗАКЛЮЧИТЕЛЬНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ

Статья 26. Ответственность за нарушение требований настоящего Закона

Должностные лица, а также физические и юридические лица, нарушающие требования настоящего Закона, привлекаются к ответственности в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Статья 27. О признании утратившим силу Закона Республики Таджикистан «О языке»

Признать утратившим силу Закон Республики Таджикистан от 22 июля 1989 года «О языке» (Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан, 1989 г., № 15, ст. 102).

Статья 28. Порядок введения в действие настоящего Закона

Настоящий Закон ввести в действие после его официального опубликования.

Президент
Республики Таджикистан **Эмомали Рахмон**

г. Душанбе, 5 октября 2009 года,
№ 553

НАЗАРЗОДА С.

ЗАБОН ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

Забон яке аз василаҳои асосии таҳкими вахдату ягонагии миллатҳои гуногуни дунё мебошад. Он унсури асосӣ ва нишондиҳандаи фарҳангу тамаддуни миллат буда, дар рушди давлатдории миллӣ низ нақши асосӣ мебозад. Аслан забон ҳамчун нишонаи асосии миллат яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ дар асоси вахдат, ягонагӣ ва умумияти миллист. Ҳамин далел собит месозад, ки вақте давлатҳои хурду бузург пайдо мешаванд, пеш аз ҳама барои устувор сохтани пояҳои давлатдории худ, аз унсурҳои бегона сарфи назар карда, оҳиста-оҳиста рӯ ба асолати дохилии миллӣ меоранд. Таърихи башарият ва махсусан таърихи давлатдории ориёӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои бостонии мо ҳамеша кӯшиш ва ҷаҳду ҷадал мекарданд, ки барои устувор сохтани пояҳои давлатдорӣ ва ба вуҷуд овардану мустаҳкам сохтани давлатдории миллӣ ва вахдату ягонагӣ аз унсури забонӣ истифода бурда, барои рушду тараққӣ ва густариши забони модарии марзу буми хеш тадбирҳои мушаххас андешанд. Агар ба умки таърихи забон назар афканем, мебинем, ки гузаштагони мо барои равнаку инкишофи забони модарии худ ҷоннисориҳо ва саҳсупурдагӣ зоҳир карда, ба тадбирҳои муназзам ва пайвастаи хеш оҳиста-оҳиста забони аслии хешро ба пояи забони расмӣ ва давлатӣ бароварданд. Дар ин бобат таҷрибаи ниёгони мо қобили истифода аст. Биноан ба қавли Одам-уш-шуаро аз таҷрибаи рӯзгор бибояд баҳра гирифт ва аз дастовардҳои ниёгони худ дар инкишофу густариши забони худ ҳамчун унсури асосии таҳкими вахдати миллӣ баҳравар гардем. Он чи ки имрӯз аз гузаштагону ниёгони мо баъди сухтору тохтутозу қатлу нобудӣ эмин мондаву ба мо расидааст, гувоҳ бар он аст, ки масъалаҳои густариши забони модарӣ, нигаҳдорӣ ва нашъунамои он ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи давлатдорони мо будааст. Забони модарии ҳар миллат сарчашма ва манбаи бақои он буда, меҳвари асосии илҳом ва таҳарруку ҷунбишҳои ҳунариву фарҳангӣ ва илмии равшангарони он мебошад. Далел ва санади равшантарини исботи зинда будани ҳар миллат зиндаву пойдор мондани забони модарии он мебошад. Дар ин роҳи пурпечутоби таърих ва ҳаҷшату маргбориҳо ва тохтутозҳои аҷнабиёну бегонагони гуногунмаҳабу гуногунтабор забони модарии мо зинда бокӣ монд ва маншаъу сарчашмаи бокӣ мондани миллати мо гардид. Тавре ки Президенти кишвар мефармояд: «Фаромӯш набояд кард, ки забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз қадимтарин забонҳои зиндаи ҷаҳон маҳз дар

Мовароуннаҳру Хуросон ташаккул ёфта, ба эҳёи тафаккури миллии форсизабонон ва густариши адабиёти классикии тоҷику форс замина гузоштааст» [Эмомалӣ Раҳмон 2007]. Забони тоҷикӣ санади раднопазири Истиқлоли миллии мост. Ваҳдати миллӣ ва истиқлоли миллӣ бе забони модарӣ тасаввурнопазир аст. Муҳаққиқони ҷомеашинос дар эҷоди ваҳдати миллӣ забон ва ваҳдати забониро дар қатори нажод, фарҳанг ва авомили дигар яке аз аслҳои асосии ваҳдати миллӣ донистаанд [Эмомалӣ Раҳмон 2007, 8].

Шоҳаншоҳии бузурги Ҳахоманишиён, ки дар арсаи таърих бо фарҳанг ва тамаддуни худ беназир аст, пеш аз ҳама бар пояи фарҳанги асили ориёӣ бунёд шуда, забони модарии хешро дар баробари забонҳои пуркудрату маълуми он замон - иломӣ ва ошурӣ ба ҳайси забони расмӣ ва давлатии худ истифода мекарданд. Онҳо номи хат ва забони худро ориёӣ хондаанд. Инчунин, дудмони Кушониёни Кабир ҳам оҳиста-оҳиста аз истифодаи забони юнонӣ даст кашида, забони ориёии хешро (Канишка ҳам мисли Дориюши Кабир забони навиштаҳои худро ориёӣ хондааст) забони ягонаи давлатӣ ва расмии давлати паҳновари худ қарор додаанд. [Эмомалӣ Раҳмон 2007, 14] Забони мо оинаест, ки дар он роҳи дуру дарози тайкардаи халқи тоҷик бо ҳама саҳифаҳои дурахшон ва фаслҳои камрангу фоҷиабори он инъикос ёфтааст.

Ва дар ин оина мебинем, ки барои аҷдодони бо нангу номуси мо мафҳуми ватан ва забон ҳамеша якмаъно будааст. Беҳуда нест, ки озодихоҳон ва мухолифони сарсахти хилофат аз Хуросону Мовароуннаҳр чун Яъқуби Лайс ба шоире, ки ба забони арабӣ ӯро васф карда буд, гуфт: «Чизе ки ман андар наёбам чаро бояд гуфт?» [Назарзода 2004, 62-63].

Аз ин ба баъд шеъргӯӣ ва адабиёти нав ба забони дарӣ (тоҷикӣ, форсӣ) огоз гардид ва қофиласолори шеъри форсу тоҷик Абӯабдуллои Рӯдакӣ низ аз ин диёр бархост.

Ба ҳамин тариқ аз ҳамон ибтидои таърих яке аз сарчашмаҳои асосии истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастӣ забон буд. Дар паҳлӯи диловароне чун Бобак, Яъқуби Лайс ва дигарон, ки мехостанд бо зарби шамшер аз зери бори ҳукумати араб халос шаванд, гурӯҳи дигар бо нармӣ аз рӯи дастури ақл дар фикри бунёди давлати миллии хеш афтоданд ва бо саъйу талоши мулоим ва оқилона барои истиқлоли ватани хеш хидмат карданд, монанди Сомониён, ки ба зоҳир ҳукумати арабро қабул доштанд, вале дар амал ба сӯи истиқлоли мамлакати хеш ҳаракат намуда, ба ҷони он ҷони тоза бахшиданд.

Ба ин сиёсатмадорони хирадманд оқибат муяссар шуд, ки аввалин шуда дар Мовароуннаҳру Хуросон парчами истиқлолро бафрозанд ва сулола ва салтанати азимро аз хонадони начиби маҳаллӣ барпо намоянд.

ЗАБОНШИНОСӢ, № 1, 2010

Сомониён гузашта аз истиқлоли сиёсӣ барои сарбаландии миллат ва мамлакати худ дар роҳи истиқлоли фарҳангӣ, забонӣ ва илмӣ низ кӯшишҳо карданд. Барои ин осори гузаштагонро зинда карданд, китобҳои илмиро барои огоҳии ҳамватанони хеш аз забони арабӣ баргардонданд. Барои шукуфоии забони модарии худ ҳеҷ гуна ғаҳ ва дастгириро дареғ надоштанд ва ҳатто талош варзиданд Қуръонро ба тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ) тарҷума кунанд. Ба ҳамин тариқ ҳостанд ба воситаи таълифу интишори китобҳои гуногуни адабӣ, таърихӣ ва девонҳои ашъори зебо нуфӯзи забони арабиро маҳдуд ва кам намоянд.

Дар натиҷаи ҳамин дурандешии сиёсӣ ва ватандӯстии Сомониён буд, ки бузургтарин олимони асрҳои миёна чун Абурайҳони Беруний, Ибни Сино, Закариёи Розӣ, Носири Хусрав ва ҳамасрону пайравони онҳо бузургтарин осори илмии он замонаро ба забони тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ) навиштанд.

Аммо пас аз сукути Сомониён ва аз даст додани истиқлоли давлатӣ забони тоҷикӣ низ ба тадриҷ шукуфоӣ ва истиқлолияти худро аз даст дод. Ҳарчанд ки дар дастгоҳи ҳокимони нав нақши забони давлатиро мебозида бошад ҳам, аммо дар ин дарборҳои бегона оҳиста - оҳиста ба забони сиёсат ва дин-забони арабӣ, забони қабилаҳои гуногуни ҳокими туркиву узбакӣ ва дар даврони шӯравӣ - забони русӣ ҷлудаву махлут шуда, таровату зебоӣ ва ҷӯшу хурӯши зиндагии худро дар бисёр маврид аз даст дод.

Дар замони шӯравӣ ҳам шароити мусоиди табиӣ барои рушду такомули забон фароҳам нагардид. Албатта инкор набояд кард, ки дар ин солҳо корҳои ниҳоят муҳиму арзишманд барои навсозии забон анҷом дода шуд. Дар натиҷа забони муосири тоҷик аз печидагӣ ва саҳлбофии муншиёна, ки аз як ду асри охир мерос гирифта буд, раҳо шуд. Садҳо мактабу омӯзишгоҳ, донишгоҳу донишкада ва муассисаҳои илмӣ, аз ҷумла Академияи илмҳо ташкил шуд ва усулҳои нави таҳқиқ дар соҳаи забон ҷорӣ гардид. Бо роҳбарии устод С. Айнӣ як зумра забоншиносон тарбия шуданд, ки минбаъд барои забони тоҷикӣ ва баррасии проблемаҳои он корҳои шоёни қадре анҷом доданд.

Дар чорчӯбаи ҳамин сиёсати забонӣ барои омӯзиш ва таҳқиқи забон, адабиёт ва таърихи халқи тоҷик Институти таърих ва лингвистика ва барои ҳамгунсозии истилоҳот соли 1935 Кумитаи терминология (истилоҳот) ва Алифбои нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуд, вале баъд аз қабул шудани «Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ» (1936) раванди саросар ворид намудани истилоҳоти русӣ ва

интернатсионалӣ ба забони тоҷикӣ оғоз шуд. Дар соли 1938 ду маҷлиси машвараті ва ё ба истилоҳ «совешчания»-ҳои забоншиносии Тоҷикистон (феврал ва ноябри соли 1938) барпо шуд, ки дар онҳо роҳҳои минбаъдаи инкишофи забони тоҷикӣ баррасӣ гардида, лоиҳае ҳам дар ин боб таҳия шуд ва моҳи январи соли 1939 Комиссариати халқии маорифи РСС Тоҷикистон бо фармони №1- и худ онро тасдиқ кард. Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар ин чорабиниҳо мавқеи хос дошт, чунин буд: «Ин чорабиниҳо ба барҳам додани архаизмҳо, арабизмҳо ва эронизмҳо (таъкиди мо – С. Н.) дар забони тоҷикӣ, ба барҳам додани ҷудоии сунъии байни забони адабӣ ва забони зиндаи гуфтугӯй, ба наздик кардани шаклҳои зиндаи забон ва советизмҳо равона карда шудаанд» [Назарзода 2004, 62-63].

Дере нагузашт, ки ин лоиҳа бо номи «Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ» ҳамчун санади расмӣ нашр шуд. Он аз се қисм иборат буд: қисми 1 «Масъалаҳои грамматика», қисми 2 «Дар бораи масъалаҳои терминологияи забони тоҷикӣ» ва қисми 3 «Дар бораи масъалаҳои имлои забони тоҷикӣ». Ин санад ва тадбирҳои баъдӣ оид ба табдили алифбо барои русикунонии истилоҳот ва дар маҷмӯъ ба тағйири сарфиву наҳвӣ (грамматикӣ) ва овоии (фонетикии) забони тоҷикӣ роҳи васеъ кушод. Умуман, ин давраи инкишофи забони тоҷикӣ пажӯҳиш ва баррасиҳои амиқи илмиву тадқиқотиро меҳоҳад ва дар сурати анҷом додани чунин пажӯҳишҳо шояд бисёр ҷиҳатҳои норавшани инкишофи забони тоҷикӣ кушода шавад. Мо фақат як мақоларо, ки аз тарафи таҳиягарони лоиҳаи нави алифбо ба номи «Алифбои нав» чоп шудааст, аз назари истифодаи истилоҳот ва услуби забон баррасӣ кардем. Маълум гардид, ки дар матни начандон калон 32 истилоҳи русӣ – интернатсионалӣ аз қабили союз, совет, политика, юбилей, прогрессивӣ, совещания болшевик, пособие, агитатсия, элемент истифода шудаанд. Инчунин матн ва услуби навиштани он нишондиҳандаи равшану возеҳи махлут шудани забони тоҷикӣ бо вожаҳо ва ибораҳои русӣ мебошад: «Партия ва Ҳукумати Тоҷикистон роли бузурги политикӣ ва мадании забони русро ба назар гирифта, порсол дар мактабҳои тоҷикӣ ва дигар мактабҳои республика албатта таълим додани забони русиро ҷорӣ намуданд»; ё: «Оммаи меҳнаткаши дигар республикаҳои бародаронаи союзӣ ҳам дар бораи гузаштан ба алифбои нав масъала бардоштанд»; ё ин ки: «Гуфтушуниди дар ҳамон совешчания барпо шудагӣ он роҳҳоеро, ки дар вақти тартиб додани проекти алифбои нав ба он рафтан лозим аст, ба таври умумӣ муайян карда буд». Ҳамин тариқ, бо қабули алифбои нав ва санадҳои меъёрӣ доир ба инкишофи забон сиёсати забонии Иттиҳоди Шӯравӣ барои солҳои баъдӣ муайян гардид, ки он то охири солҳои 80-уми қарни XX идома ёфт. Агар ин сиёсат то охи-

ри солҳои панҷоҳум хеле бошиддат амалӣ мегардид, пас аз охири солҳои 60-ум он заифтар гардид ва забонщиносон имконият пайдо кардаанд, ки дар бораи масъалаҳои забон ва имлои он озодтар андеша намоянд.

Ба хотири «демократикунонӣ»-и забон, ки сиёсати забонии давлатии меҳнаткашон ва принсипи илмии оғози давлати шӯравӣ буд, забони тоҷикӣ мавриди ислоҳ ва бознигарӣ қарор гирифт ва дар натиҷа бисёр лугату истилоҳоти асилу ноб ва сабку услубҳои ҷолиби эҷоз аз даст дод. Ба ҷои онҳо калимаҳои носуфтаву худсохта, лугатҳои омиёна ва ё аз лаҳҷаҳои бо забонҳои дигар махлутшуда ва ҳамчунин қолабҳои калимасозии бегона ва сабку услубҳои таклидӣ ворид гардид.

Бино ба аҳамияти сиёсӣ ва илмӣ пайдо кардани масъалаҳои навсозии забони адабӣ, меъёри имло ва истилоҳшиносӣ дар даврони Шӯравӣ санаду ҳуҷатҳои зиёде таҳия шуда, ба ҷуз аз конференсияву совешчания»-ҳо ду маротиба Анҷумани забоншиносон (августи соли 1939 ва соли 1967) даъват гардид. Инчунин якчанд санади муҳим қабул гардид, ки барои ба як меъёри муайян даровардани имлои забон, тарзи навишт ва иқтибоси вожаҳо, танзими истилоҳот ва ғайри ин ҳалкунанда доштанд. Ин ҳуҷҷатҳо бештар хусусияти сиёсӣ ва ҳатмӣ доштанд ва ҳадафи онҳо асосан дар амал зиёда кардани сиёсати забонии Ҳукумати Шӯравӣ буд.

Аз охири солҳои 50-уми садаи гузашта дар рушду такомули забони тоҷикӣ, аз ҷумла шохаи истилоҳсозии он як нав ҷунбуҷуши ҳатмёҳкорона дар шакли руҷӯъ ба манбаи миллӣ ва ислоҳи баъзе истилоҳоти нодуруст ва ҳамчунин кӯшиши камҷуръатонаи истифодаи лугату истилоҳоти навсохти иҷтимоӣ ва сиёсии ҳамзабонон пайдо мешавад. Омилҳои барангезонда ва сабабҳои асосии ин ҷараён ба назари мо чунин буданд:

- «Нармиш»-и нисбие, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар (пас аз анҷумани XX ҲКИШ, 1956) падид омад;
- Нашри як силсила осори барҷастаи илмӣ ва фарҳангии адабиёти классикӣ ба алифбои нави тоҷикӣ (кирилӣ);
- Баланд шудани сатҳи саводнокии аҳолӣ ва ошноии аҳлиқтар ба таъриху фарҳанги худ;
- Густариши робитаҳои илмӣ-фарҳангӣ бо мамолики Шарқ, аз ҷумла Эрону Афгонистон, рафту омади ҳайатҳои фарҳангӣ ва ҳунарӣ, ҳамкориҳои адибону олимон чопи намунаҳои назму насри адиби муосири кишварҳои ҳамзабонон ва монанди он;
- Боз шудани шӯъбаи форсӣ ва арабӣ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, таъсиси Шӯъбаи мустақили шарқшиносӣ дар

Академияи илмҳо ва огози мутолиа ва таҳқиқи таърих, адабиёт ва иқтисоди муосири кишвархои ҳамзабон;

- Огози рафту омади як қатор кормандони илмӣ ва маорифи матбуот ба Эрону Афғонистон ба сифати тарҷумон ва монанди он.

Зери таъсири ин авомил дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷалло кам-кам суханони фаромӯшшуда ва истилоҳоти нав пайдо шуд, к дар муқобили луғату истилоҳоти русӣ истифода гардиданд, аз қабил «анҷуман» ба ҷои «съезд», «донишгоҳ» ба ҷои «университет», «донишҷӯ» ба ҷои «студент» ва ғайра [Назарзода 2004, 145-146].

Ин кор ҳанӯз ҷанбаи расмӣ надошта, балки ташаббуси ашхоси алоҳида буд.

Раванди мулоҳизакорона ва муҳофизакоронаи рушду такому ли забони тоҷикӣ ва истилоҳсозӣ, ки аз солҳои 60-ум огоз гардид буд, пас аз тағйири хати сиёсии давлати шӯравӣ ба номи «бозсозӣ» бебоктар ба сӯи асли худ ва раҳоӣ аз меъёрҳои маснӯӣ гом мебар дошт. Дар ин раванд илова бар авомили фарҳангӣ нақши касоне, к дар ин солҳо барои кор ба Афғонистон рафта буданд, ба назари мо қобили мулоҳиза мебошад.

Баъди ба истиқлол расидани Тоҷикистон, махсусан дар солҳои аввал дар инкишофи забони тоҷикӣ ва истилоҳсозии он давра расто хези ачибе падид омад.

Маҳдудияту мамониатҳо ва «сензура» аз байн рафт ва истилоҳоти фаровони сиёсӣ ва ичтимои навсохт аз форсии Эрон ва дарии Афғонистон дар забони гуфтор ва навиштор иқтибос гардид. Ба таври куллӣ дар ин ҷунбиш ду шеваи барҳӯрд баръало намоён шуд. Як гурӯҳ фарҳангиёну аҳли матбуот истилоҳҳоеро, ки солҳои сиюм барканор гардида буданд, монанди анҷуман, рӯзнома, шӯро, инқилоб ва ғайраро дубора зинда карда, худ низ луғоти наве аз қабили «чархбол-вертолет», «сарқонун-конституция», «чипта-билет» ва амсоли он сохтанд. Гурӯҳи дигари нисбатан радикал гузашта аз ин истилоҳоти навсохти форсиро меъёри асосӣ ва намунаи олӣ вожагузинӣ пазируфта, онҳоро ба ҳамон шакл истифода карданд.

Забони миллӣ ҳамчун яке аз поёҳои асосии давлатдорӣ миллӣ дар пойдории давлати миллӣ нақши ҳалкунанда дорад. Ба каси пӯшида нест, ки дар давраҳои пурошӯбу пурмоҷарои таърих забони миллӣ дар таъмини вахдату ягонагии миллат парчами муборизони роҳи озодӣ ва истиқлол мегардад. Аз ҷумла, халқи тоҷик дар охири солҳои 80-ум муборизаи хешро баҳри истиқлоли ҷумҳурӣ маҳз аз талоши барои эълон кардани забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар қаламрави Тоҷикистон шурӯъ карда буд. Ва бояд зикр кард, к Қонуни забон дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз [illegible] дар Тоҷикистон қабул гардид.

Аҳамияти қабули Қонуни забонро дар ташаккули фарҳангӣ, миллӣ қайд намуда Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалии Раҳмон дар суханрониашон дар соли 1998 ҳангоми мулоқот бо ҳаводорони лаёқатманд ин нуктаро хуб ёдоварӣ кардаанд: «Истиқлолияти фарҳангии Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир ба назари ман аз кӯшишу талошҳои зиёиёни равшанзамир ва аҳли ҷомеа баҳри истиқлолияти забон ва мақоми давлатӣ ёфтани он огоз ёфт» [Эмомалӣ Раҳмон 1998].

Албатта барои қабул шудани ин қонун корҳои зиёде ҳамон вақт анҷом гирифт, яъне вақте ки дар саҳифаҳои матбуоту радиову телевизион ҳамарӯза муҳокимаи ин қонун идома меёфт ва дар Маҷлиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳам ин мавзӯъ, бо баҳсҳои мухталиф баррасӣ гардид ва вақте ки рӯзи 22 июли соли 1989 ин қонун қабул гардид, ин рӯз дар Тоҷикистон як ҳодисаи бисёр муҳимми таърихӣ ҳисоб гардид ва аз тарафи Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Рӯзи забон эълон гардид. Албатта он моддаҳо, он унсурҳое, ки дар ин қонун ҷо дода шуда буданд, имрӯз ба таври куллӣ таҳрибан ичро шудаанд ва зарурати такмил ва таҳрири ин қонун ба миён омад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баъд аз баррасиҳои тӯлонӣ ниҳоят рӯзи 1.10.2009 аз тарафи Маҷлиси Намояндагон ва 3.10.2009 аз тарафи Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Ин рӯйдоди муҳим марҳилаи беш аз бистсолаи татбиқи Қонуни забонро, ки ҳанӯз дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ 22-юми июли соли 1989 қабул гардида буд, ҷамъбаст намуд. Албатта, ин марҳилаи рушду инкишофи забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ таҳқику баррасиҳои амиқи илмиро меҳоҳад. Вале бо итминони комил метавон гуфт, ки Қонуни забон рисолати таърихии худро ичро кард ва барои ба забони давлатӣ табдил ёфтани забони модарии мо хидмати бузургеро анҷом дод.

Албатта, ба ҳамагон маълум аст, ки забон ҳамчун нерӯтунсури вахдати миллӣ, сарвати бебаҳои фарҳангӣ, яке аз шохисҳои асосӣ-шиносномаест, ки дар ҷаҳон миллатҳоро пеш аз ҳама ба воситаи он мешиносанд. Осори тамаддун ва фарҳанги чандинҳазорсолаи мардуми мо ба воситаи ин забон ба ганҷинаи фарҳангу тамаддуни умумибашарӣ дохил мешавад. Бинобар ин дар шароити имрӯза забон яке аз унсурҳои асосии ҳифзи ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ буда, ҳифзу ҳимоя ва нигаҳдории он на танҳо вазифаи мақомоти давлатӣ, балки вазифаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ аст.

Акнун Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавре ки аз ном ва моҳияти он ҳувайдост «...вазъи ҳуқуқии забони давлатиро муайян ва истифодаи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд». Дар ин Қонун масъалаҳои ҳифзу нигаҳдории забони тоҷикӣ, истифодаи он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, риояи ҳатмии меъёрҳои забони адабӣ ва бисёре аз масъалаҳои муҳими дигар, ки барои инкишофи забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар солҳои оянда пояҳои ҳуқуқии бунёдӣ таъмин менамояд, дарҷ шудааст. Моддаи сеюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки «Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст, ба ин масъалаҳо бахшида шуда, моҳиятан онҳоро мушаххас кардааст, ки дар Қонуни пешин дида намешуд. Банди сеюми ин модда чунин аст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин менамояд» [Ҷумҳурият 5, 2009].

Масъалаи ҳимоя ва ҳифзу нигаҳдории забони давлатӣ дар санадҳои меъёрии байналмилалӣ ва қонунҳое, ки дар кишварҳои дигар оид ба забони давлатӣ қабул шудаанд, ҷойи асосиро ишғол менамояд ва дар аксари қонунҳои забони кишварҳои ҷаҳон он дар мадди аввали таваҷҷӯҳ қарор дорад. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Полша (Лаҳистон) «Оид ба забони поландӣ (лаҳистонӣ)» дар моддаи сеюм қисми 1 чунин гуфта шудааст: « Ҳимояи забони лаҳистонӣ чунин унсурҳоро дар бар мегирад: 1. Ғамхорӣ дар бораи истифодаи дуруст ва ба таври мукаммал донистани он аз тарафи истифодабарандагон ва инчунин таъмини шароит барои рушди минбаъдаи забон ҳамчун василаи муоширати байни мардум; 2. Монеагузорӣ бар зидди омиёна ва даҳал шудани забон; 3. Тавсеаи донишандӯзӣ дар бораи забон ва нақши он дар фарҳанги лаҳистонӣ; 4. Муносибати боэҳтиромона ба забону гӯишҳои минтақавӣ ва мамониат кардан ба нобудшавии онҳо; 5. Интишори забони лаҳистонӣ дар саросари ҷаҳон; 6. Пуштибони аз омӯзиши забони лаҳистонӣ дар кишвар ва хориҷ аз он». [Писарек 2003, 272]. Шоёни таҳсин аст, ки дар моддаи сеи Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ тамоми ин талаботҳое, ки ба истифода, ҳимоя, нигаҳдорӣ, рушд ва инкишофи забони давлатӣ бахшида шудаанд, матраҳ шудааст, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ будани ин бахши Қонунро нишон медиҳад.

Яке аз масъалаҳои бисёр муҳим дар сарнавишти забон масъалаи риояи меъёрҳои забони адабӣ ва поку беолоиш нигоҳ доштани забони модарӣ аст. Дар ин Қонун банди 6-и моддаи се ба ҳамин масъала бахшида шудааст: «Ҳангоми истифодаи забони давлатӣ рио-

ии мукаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ҳатмӣ мебошад». Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, имрӯз дар навиштаҳои забони тоҷикӣ ба мушоҳида дар бахши риояи имлои забони адабӣ ҳарҷу марҷ ба чашм мерасад ва хусусан матбуоти имрӯзаи Тоҷикистон (бештар матбуоти хусусӣ ва ҷамъиятӣ) меъёрҳои имлои забони адабиро риоя намекунанд. Фикр мекунам, ки бо қабули ин қонун пеши роҳи ин ноҳамвориҳо гирифта хоҳад шуд.

Ба акнун забони тоҷикӣ, дар миёни забонҳои кӯҳна ва рангини ҷаҳон яке аз забонҳои ширин ва бой ба шумор меравад. Намунаи ин боигарӣ гузашта аз миқдори луғот ва истилоҳот ва маҳорати бешумори истифодаи онҳо дар он аст, ки вай барои баёни ҳаёти ва фикрҳои муҳаққиқ ва мафҳумҳои гуногуни моддӣ ва маънавӣ ба қадри имкон ва тавоноӣ дорад.

ФЕҲРИСТИ МАНОБЕЪ:

Эмомалӣ Раҳмон. Ҷавонон ояндаи миллат (Суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонони лаёқатманд) // Ҷумҳурият, 23 майи соли 1998.

Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таъриҳ. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. - Душанбе, Ирфон, 2006.

Эмомалӣ Раҳмон. Мушкилоти рӯзгори мардумро осон ва мавқеи байналмилалии Тоҷикистонро боз ҳам мустаҳкам гардонем // Ҷумҳурият, №36 (21243, 27 марти соли 2007).

Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурурии Тоҷикистон», моддаи 3, банди 6 // Ҷумҳурият, 5, октябри с. 2009.

Назарзода С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофии забон ва ташаккули истилоҳ). - Душанбе, 2003.

Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи XX. – Душанбе, 2004.

Назарзода С. Забон ва ваҳдати миллӣ. – Душанбе, 2007.

Писарек В. Комментарий к закону «О польском языке» // Решение национально-языков в современном мире (под. ред. акд. РАН В. П. Челышева). - Санкт-Петербург, Златоуст, 2003.

НАЗАРЗОДА С.

ЯЗЫК И НАЦИОНАЛЬНОЕ ЕДИНСТВО

В статье речь идет о роли языка в укреплении национального единства. Особо рассматриваются вопросы соблюдения нормативов литературного языка, правил правописания и сохранения чистоты таджикского литературного языка. Автор подчеркивает, что отныне

закон Республики Таджикистан «О государственном языке Республики Таджикистан» определяет состояние правовых норм государственного языка и регулирует его применение в Республике Таджикистан. Сохранение перечисленных требований преобразует таджикский язык в государственный языка, благодаря чему в стране достигается языковое единство. Языковое единство, в свою очередь, является одним из главных фундаментов обеспечения единство нации.

NAZARZODA S.

LANGUAGE AND NATIONAL UNITY

This article deals with the role of language in fortification national unity. Specifically it consideres the questions of observance of the standards of literarily language, spelling rules and conservations of purity of Tajik Literarily language. Author emphasizes that hereafter the law of the Republic of Tajikistan "About the state language of Republic Tajikistan" defines the condition of legal standard of state language and adjusts its using in the Republic of Tajikistan. Preserving of enumerated requirements will convert the Tajik Language into state language, due to that in country is reached the language unity. Language unity, in his turn, is the main foundation of the provision of united culture and nationality.

САЙМИДДИНОВ Д.

ИҚТИБОС, САВТИЁТ ВА МЕЪЁР

Робитаи забонҳои эронӣ бо забонҳои дигар ба давраҳои гуногуни таърихи ташаккули ин забонҳо ва осори хаттии онҳо иртибот дорад. Ин робита дар мисоли осори забони форсии бостон ва забонҳои эламӣ, аккадӣ (бобулӣ), оромӣ ва юнонӣ аз замони шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ оғоз мегардад, ки далели он иқтибосҳои форсии бостон ва забони модӣ дар манобеи хаттии ин забонҳо мебошад. Вожаҳои форсии бостон ва ё дар маҷмӯъ эронии бостон дар осори эламӣ, аккадӣ (бобулӣ), оромӣ ва юнонӣ мутобиқ ба вижагиҳо ва қонунҳои савтиёти ин забонҳо иқтибос шудаанд. Ба таври намуна: форсии бостон xšaçapāvan – «шаҳрдор, шаҳриёр» > юнонӣ σατραπης, оромӣ 'hšdrpn-, эламӣ ša-at-ra-ba-ma; эронии бостон *ganza–, *ganzabara-, «ганҷ, ганҷвар, ганҷур» > юнонӣ γάζα, оромӣ gnz, аккадӣ (бобулӣ) *ganzabara; эронии бостон *frasanga-, *frasaxa- «фарсанг, фарсах» > юнонӣ παρασάγγης, оромӣ hrasax, prs*, эронии бостон *framāna- «фармон» > оромӣ hrmn' ва г. Дар мавриди меъёри савтиёти иқтибосҳои эронии бостон (форсии бостон ва забони модӣ) дар осори эламии замони Хоҳоманишиён аз Персаполис ниг.: Cameron 1948; Hallock 1969; Benveniste 1966; Mayrhofer 1973; дар осори аккадӣ (бобулӣ) ва оромӣ: Eilers 1940; Дандамаев 1968; Боголюбов 1966; 1971; Hinz 1975. Дар ин бора ба ин манобеъ низ мурочиат шавад: Оранский 1979, 66-68; Расторгуева 1990.

Ҳамчунин чанд иқтибос аз аккадӣ ва оромӣ низ дар забони форсии бостон дар сангнабиштаҳои мехӣ бар асоси вижагиҳои савтиёти форсии бостон дарҷ гардидаанд: форсии бостон dipī – «навишта, катиба» < аккадӣ di-pi эламӣ tip-pi [Brandeinstein, Mayrhofer, 1964, 166] форсии бостон maškā «машк» < оромӣ maška', аккадӣ maš-ku-u [Kent 1953, 203].

Дар забони форсии миёна низ иқтибоси вожаҳо аз забонҳои юнонӣ, оромӣ, ҳиндӣ ва суриёнӣ бо риояи муқаррароти савтиёти ин забон сурат гирифтааст. Вожаҳои иқтибосӣ аз ин забонҳо дар форсии миёна мафҳумҳо ва маъниҳои тоза буда, онҳо дар забони форсии миёна муродиф ва ё баробарии худро надоранд. Бештари ин мафҳумҳо исмҳои мушаххас, аз ҷумла номи фулузот, маъданҳо, воҳидҳои пулӣ, истилоҳоти диниву фалсафӣ, кайҳоншиносӣ ва г. буда, дар осор бар пояи меъёри адабӣ аз роҳи тарҷума ворид гардидаанд. Бештари ин луғату истилоҳот баъдан аз суннати хаттӣ ё

навишторӣ ба забони гуфторӣ шомил шудаанд, ки ин яке аз роҳҳои солими иқтибос миёни забонҳо дониста мешавад. Чанд намуна аз иқтибосҳои юнонӣ, оромӣ, ҳиндӣ ва суриёнӣ дар савтиёт ва навишти форсии миёна:

а) аз юнонӣ: almāst «алмос» < юнонӣ αδαμας, форсии миёнаи монавӣ 'rm's [Henning 1937, 45; Nyberg 1974,14]; дар форсии дарӣ бо ихтисори –t дар гурӯҳи –st пас аз s – almās, арабӣ almās (иқтибос аз форсии нав). Дар осори арабӣ дар бархе маврид al (ال)-ро артикл пиндошта, ин вожаро дар шакли mās ба кор бурдаанд [ниг.: Фарҳанги вожаҳои форсӣ дар забони арабӣ, 38]; asēm «сим, нукра» < юнонӣ ασημων; yākind «ёқут» < υακινυως, портии монавӣ y'kwnd, форсии нав yākand баъдан yāqut (шакли муарраб) [Henning 1937, 89, Nyberg 1974,225]; murwārīd «марворид», юнонӣ μαργαριτης, портии монавӣ mwrg'r'yd, форсии нав marwārīd, лотин margarita, арманӣ margarit [Nyberg 1974,134]; drahm «дирам» < юнонӣ δραχμη «пул ё сиккаи нуқрагӣ», форсии нав diram (diramsang, арабӣ diram-al-kail) [Henning 1959, 134; Фрай 1979, 319, ҳошияи 2]; форсии миёнаи монавӣ ва портии монавӣ lmtyr [lamter] «чароғ» < юнонӣ lampter, суғдӣ dmtyr (d ба ҷои l) [Gharib 1995, 140], англисӣ lamp, русӣ лампа, арабӣ lumba «чароғ» [Фарҳанги вожаҳои форсӣ дар забони арабӣ].

б) аз оромӣ: kamar «гунбад» < оромӣ kamrā, юнонӣ καμαρα, арманӣ (иқтибоси эронӣ) kamar, форсии нав kamar [Hübschmann 1895, 164; Henning 1937, 84]; targumān «тарҷумон», портӣ trkwm'n < иқтибоси бобулӣ (тавассути оромӣ) targumānu, targumānnu, turgumānu [СДГМ III 99]; дар паҳлавии китобӣ дар ду шакли навишт: tlgm'n, twlgm'n, суриёнӣ trgmn [Bailey 1943, 195].

в) аз суриёнӣ: gazitag «ҷизия», < gzyt' арабӣ, jizyah, дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ gizīt «хироҷ», ҷизия, молиёт [Фарҳанги луғот ва таркиботи «Шоҳнома», 447]; gumbad «гумбад» < сурёнӣ gwbt', форсии нав gumbad / gumbaz, арманӣ gmbet [Hübschmann 1895, 127].

г) аз ҳиндӣ: but «бут», суғдӣ pwty < ҳиндии бостон buddha; šaman «шаман, роҳиби оини буддоӣ» < санскрит sraman [Henning 1937, 88]; tark «мантиқ» < санскрит tarka; kanjug (портии монавӣ) «либоси расмии низомӣ», санскрит kanjuka [Henning 1937, 84]; čandal «дарахти сандал» < санскрит čandan, форсии нав sandal; nilupal «нилуфар» < санскрит nilotpala, форсии нав nilufar [Bailey 1943, 183]; babr «бабр» < санскрит viyāghra, moxš «начот» < санскрит moksa.

Бояд тазаккур дод, ки новобаста ба мақоми форсии бостон ҳамчун забони расмӣ ва забони модарии шоҳони ҳахоманишӣ, номҳои ашхоси таърихӣ, аз ҷумла шоҳон ва номҳои ҷуғрофӣ дар осо-

ри эламӣ, аккадӣ (бобулӣ), оромӣ ва юнонӣ бо риояи савтиёт ва қоидаҳои меъёри ин забонҳо иқтибос гардидаанд. Ҳамчунин номҳои ҷуғрофӣ аз ин забонҳо низ дар форсии бостон тибқи қоида ва меъёрароти овоии забони форсии бостон бар асоси имлои расмулхати мехӣ навишта шудаанд.

Дар мавриди чигунагии меъёри навишти луғоту истилоҳоти иқтибос аз форсии бостон дар осори замони Ҳахоманишиён ниг.: [Kent1953, 164-215; Brandenstein, Mayrhofer 1964, бахши вожанома с. 100-157; Hinz 1975; Оранский 1979, 66-68; Расторгуева 1990]

Дар осори форсии миёна, аз ҷумла катибаҳо, навиштаҳои рӯи сиккаҳои арабӣ-сосонӣ номҳои хоси арабӣ бар асоси вижагиҳои хати паҳлавӣ ва қоидаҳои имлои он навишта шуда, ин меъёрҳо дар навишт ҳамчо риоя шудааст: паҳлавӣ Jāfar (J'fr) «Ҷаъфар» < арабӣ Ja'far - номи Халиф-ал-Мансур; дар катибаи паҳлавии Калоти Баҳман (дар ҳудуди Форс): ... h'cym ZY mhmt'(n)- Hāzēm i Mahamatā (n) - исми хос [Akbarzade 2002, 56], дар сиккаҳои арабӣ-сосонӣ: Abdulmalik ī Marwānān < арабӣ Abdulmalik bin-i Marvān, Xālet < арабӣ Xālid (bin-i Barmak) [Akbarzade 2002, 72-73]; унвони хоқани турк дар меъёри паҳлавӣ xākān < туркӣ xāqān.

Дар осори хоразмӣ мутобиқи савтиёти ин забон унвони арабии «амир» ба гунаи xmyr (xamīr) ва дар суғдӣ ба шакли γmyr / xmyr ворид гардидааст [ниг.: Боголюбов 1961, 182-187; СДГМ. вып. II, - ; СДГМ. вып. III; идомаи он дар форсии дарии давраи аввал xamīr: Саймиддинов 2005, 7].

Чунон ки аз ин намунаи вожаҳои иқтибосӣ ва иқтибоспазирӣ миёни забонҳо дар давраи бостон ва миёна ҳамчунин иқтибосҳои шифоҳӣ дар осори ин забонҳо дар чандин анвои хат бар меояд, иқтибос аз як забон ба забони дигар бар пояи меъёрҳои савтиёт ва риояи қоидаҳои маъмул дар ин забонҳо сурат гирифта, бо вижагиҳои забони онҳо созгор ва ҳамгун гардонида шудааст. Ин равиши суннатии иқтибоспазирӣ яке аз равишҳои усулӣ дар забонҳои форсии бостон ва миёна маънӣ мешавад.

Дар замони Сосониён ва қарнҳои аввали исломӣ иқтибоси фаровоне аз забонҳои форсии миёна ва форсии дарӣ дар забони арабӣ мутобиқи савтиёт ва қоидаҳои сарфи арабӣ ворид гардидаанд. Ҳама вожаҳои муарраб аз забони форсии миёна ва форсии нав дар осори шарону нависандагони араб истифода ва ин луғот дар кӯҳнатарин намунаҳои ашъори арабӣ дар савтиёт ва имлои арабӣ ворид шудаанд. Ин гуна иқтибосҳо дар забони арабӣ аз ду ҳазор вожа бештар буда, баъзе дар қолабҳои вожасозии арабӣ дар муштақот шиқаста шуда, баъзаҳо дар қолаби дигар мутобиқи қоидаҳои таҳаввулоти овоии за-

бони арабӣ шакл гирифтаанд. Бо вуҷуди мушкилоти ташхиси дақиқи луғоту истилоҳоти иқтибос дар арабӣ пажӯҳишгарон бештари он луғоти иштиқоқ аз форсии миёна ва форсии дариро дар забони арабӣ дар асоси осор то ҷое натиҷагирӣ ва мушаххас намудаанд. Вожаҳои иқтибоси форсӣ дар забони арабӣ дар фарҳанги «Тоҷ ал-луға ва сиҳоҳ ал-арабия» таълифи Абу Наср Исмоил ал-Ҷавҳарӣ (асри XI) бо ишораи «fārsī mu'arrab» ёд шуда ва муаллиф аз 117 вожаи муарраби форсӣ дар ин манбаъ зикр кардааст [Рыбалкин 1987, 135-137]. Чун замони вуруди вожаҳои форсӣ (эронӣ) ба арабӣ ба даврони қабл аз ислом (аҳди Сосониён) ва даврони исломӣ марбутаст, бо ин далел савтиёти онҳо низ дар асоси қоидаҳои забонҳои форсии миёна ва нав дар даврони мухталиф муқаррар гардидаанд. Дар мавриди вижагиҳои савтиёти иқтибос аз форсии миёна ва форсии нав дар осори арабӣ муроҷиа шавад ба «Фарҳанги вожаҳои форсӣ дар забони арабӣ».

Аз замони истифодаи расмии алифбои арабӣ барои забони форсии дарӣ дар меъёри савтиёт ва навишти иқтибосот низ тағйироти ҷиддӣ падид омад. Дар расмулхати арабӣ ҳама гуна вожаҳои иқтибос аз арабӣ бидуни мутобиқ сохтани онҳо ба меъёрҳои савтиёти форсӣ ва ё форсии дарӣ дар савтиёт ва имлои арабӣ ворид шудаанд. Аз он давра ба баъд хам вожаҳои иқтибоси арабӣ ва ҳам иқтибосҳои арабишудаи форсӣ дар забони арабӣ мутобиқи қоидаҳои забони арабӣ ба таркиби луғавии забони форсии дарӣ пазируфта шудаанд. Ба ибораи дигар, риояи меъёрҳои забони ғолиб бар забони ба истилоҳ маглуб дар имло ва иншо ба таври хаттӣ муқаррар карда шуд, ки дар натиҷа якҷо бо калимаҳои иқтибосӣ ҳуруфи махсуси забони арабии барои забонҳои эронӣ бегона низ ба алифбои арабии форсӣ ворид гардиданд. Бархе аз овозҳои ҳамсадои махсуси савтиёти арабӣ, ки дар навишти вожаҳои арабӣ ҳифз шудаанд, ба савтиёти забонҳои эронӣ (форсӣ-тоҷикӣ) шомил нагардидаанд. Ба таври намуна: ث, ص = س (s) ذ, ض, ظ = ز (z), ط = ت (t). Аммо чанд овози дигари ҳамсадои арабӣ монанди ع (ʻ), غ (γ), ق (q) дар савтиёти забони тоҷикӣ ворид шуда, ҳамчун овозҳои иқтибосӣ дар калимаҳои арабӣ ба кор мераванд. Аз ин овозҳо γ ба забони форсӣ ва тоҷикӣ дар равиши γ аз забонҳои шарқии эронӣ бештар созгор гардидааст. Вале ҳамсадоҳои ع ва ق (q) дар тафовут аз забони тоҷикӣ дар савтиёти форсӣ мақоми махсус пайдо накардаанд. Ҳамсадои ق (q) дар савтиёти забони тоҷикӣ бо таъсири забонҳои туркии минтақа мақоми устувор пайдо карда, ҳамчун овози ҳамсадои мустақил дар иқтибосҳои арабӣ ва туркӣ бидуни тағйирот истифода мешавад. Дар мавриди таъсири забони тозӣ ба форсӣ дар оғози даврони исломӣ ниг.: Bahār 1375, 258-27.

Вожаҳои иқтибосии муарраб, ки дар аҳди Сосониён ва даврони исломӣ аз забонҳои форсии миёна ва форсии нав ба забони арабӣ иштиқоқ шуда буданд, дубора дар қолабҳои арабӣ ва савтиёти арабӣ ба забони форсии дарӣ ворид гардидаанд. Дар ин маврид ду шакли як вожа дар баробари ҳам қарор гирифта, баъдан гунаи муарраби он дар забони меъёр ҳамчун шакл ва имлои нав дар муқобили шакли кӯҳан ба кор рафта ва он дар забони навишторӣ ва гуфторӣ низ роиҷ гардидааст. Дар иртибот ба ин метавон аз чунин намунаҳо ёд кард:

tāj «тоҷ» < форсии миёна tāg «афсари шоҳӣ»; xandaq (ҷамъ: xanādiq) «хандак» < форсии миёна kandak; laǰām «лаҷом» < форсии миёна lagām «даҳанаи асп»; la'l «лаъл, санги гаронбаҳои сурх» < форсии миёна lāl; дар «Луғати Фурс» lāl – «лаъл», дар «Бурҳони қотеъ» lāl- «ранги сурх ва ба маъноии лаъл»; qabā «қабо» < форсии миёна kabāh «қабо, рӯпӯши мардона»; xarāǰ «хироҷ, молиёти кишоварзӣ, ки бо ҷинс ё пакд гирифта мешуд, дар китобҳои ҳадис ба маъноии ҷизия» < форсии миёна harāg [Henning 1935, 291-293]; abriq (ҷамъ: abārīq) «обрез, ҷарфи об, офтоба», < форсии миёна ābrīz, rīq мухаффафи rīz- «рехтан»; tarǰumān «тарҷумон» < форсии миёна targumān «баргардонанда аз забоне ба забони дигар»; tasuǰ «тасу» < форсии миёна tasūg; ǰavhar (ҷамъ: ǰavāhir, ҷамъулҷамъ ба воситаи пасванди ҷамъи арабии –āt: ǰavāhirāt) < форсии нав gavhar < guhar; ǰahān «ҷаҳон» < форсии нав gehān / gihān; fil «фил» < форсии миёна pil; firāz «фирӯз» < форсии нав pirōz; dehqān «деҳқон» < форсии миёна dēhkān; xānaqāh «хонақоҳ» < форсии миёна xanagāh; zandīq «зиндиқ, мулҳид, бидъатгузор» < форсии миёна zāndīk/g; rivāǰ «ривоҷ» < форсии миёна ravāg; šatranǰ «шатранҷ» < форсии нав šatrang < форсии миёна čatrang ва г. Шакли муарраби rivāǰ дар забони форсии дарӣ (тоҷикӣ, форсӣ) дорои ин маъниҳо буда, дар баёни маъно аз шакли хоси форсии дарӣ – ravā (< ravāg) тафовут мекунад:

rivāǰ -1. корбурди бисёр зиёд; 2. «равнак, шукуфоӣ ва пешрафт». Ин шакли муарраб дар як таркиб бо феълҳои «додан, доштан», «гирифтан, ёфтан» меояд.

ravā (<форсии нав ravā) «мавриди пазириш, пазируфташуда, қабулшуда, анҷомгирифта».

Ҳамчунин теъдоде аз вожаҳои юнонӣ низ дар забони форсии дарӣ дар шакли муарраб дубора аз тариқи забони арабӣ ворид шудаанд: qālab < форсии нав kālab. Дар «Бурҳони Қотеъ» омада, ки қолаб ҳамон колаб аст, ки онро колбад гӯянд. Бунёди ин вожа юнонӣ буда, дар форсии миёна дар шакли kālbud, (форсии миёнаи монавӣ k'lbyd [kālbed]) мавриди истифода қарор доштааст [MacKenzie 1971, 48].

Бархе аз вожаҳои форсӣ-тоҷикии арабишуда дар қолаби ташдид бар ивази шаклҳои асили форсии дарӣ низ ба забон дубора ворид гардидаанд. Ба таври намуна: mādda «модда» - муарраби māda, форсии миёна mādag, навишти паҳлавӣ mātak (m'tk) «модда», аз ҳамин бунёд māddī марбут ва ё муталиқ ба модда, шакли дигари он аз забони арабӣ māddiya «моддӣ» (ҷамъ: māddiyāt) «моддиёт» (Фарҳанги форсии имрӯз). Аз вожаи māda (<форсии миёна mādag) бо таҳаввулоти таърихии овоӣ дар форсии дарӣ вожаи māya ба маъноии «он чи ки чизеро падид оварад ё муҷиби чизе шавад, бунёди чизе, моддаи аслӣ, асл ва ҷавҳари ҳар чиз», форсии миёнаи монавӣ māyag «ҷавҳар, модда, ҳаюло».

Вожаи «нафт» ба забони тоҷикӣ аз забони русӣ дар савтиёти русӣ дар шакли нефть ворид шуда буд. Дар русӣ ин вожаи форсӣ ба воситаи забони туркӣ – neft иқтибос шудааст. Муқоиса шавад: авестоӣ napta «намнок» [Horn 1893, 232]. Ин вожа дар аҳди бостон аз эронӣ ба юнонӣ иқтибос шудааст: юнонӣ ναφθα «нафт», лотин naphtha [Фасмер 1971, III, 70]. Ин вожа дар арабӣ ҳамчун иқтибоси эронӣ (форсӣ) маънӣ шуда, дар ду навишт نفت ва نفط ба кор рафтааст. Шакли نفت бо зер ва забари аввал хонда мешавад [ниг.: Фарҳанги вожаҳои форсӣ дар забони арабӣ, 673]. Ҳеродот аз номи дигари нафт дар Эрони бостон ёд карда, чунин овардааст: «Персы называют его «раданака» оно черного цвета, с неприятным запахом» [Геродот История. Книга VI, 421].

Якҷо бо иқтибоси луғоту истилоҳоти фаровоне аз забони арабӣ ба забони форсии дарӣ шаклҳои ҷамъи таксир (шикаста) ва солими арабӣ низ дар сабки меъёрӣ густариш пайдо кардаанд, ки таъсири онҳо дар забони тоҷикӣ-форсӣ дар муқобили ҷамъбандии суннатӣ бо пасвандҳои -он (-ён, -гон, -вон) ва –ҳо то имрӯз дида мешавад. Аммо ҷамъбандии вожаҳои тоҷикӣ-форсии боғ, сабзӣ, мева, навишта, бориш ва ғ. бидуни ҳеҷ зарурат бо пасванди арабии –āt (-от) бар хилофи меъёри муқаррарӣ дар шакли боғот, сабзиҷот, меваҷот, навиштаҷот, боришот ва ғ. сурат гирифтаанд.

Равобити забонҳои эронӣ бо забонҳои туркӣ ба давраҳои гуногуни таърих ва осори хаттӣ иртибот дорад. Чанде аз унвонҳо ва номҳои туркӣ бори нахуст дар осори форсии миёна ва суғдӣ дар имлои расмулхати паҳлавӣ ва суғдӣ ба мушоҳида мерасанд. Дар осори форсии дарӣ бархе аз ин номҳо ва унвонҳо ҳамчун идомаи суннати осори қабл аз исломӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба кор рафтаанд. Ҳамчунин бар асоси осори давраи аввали форсии дарӣ чанд вожаи туркӣ низ дар «Луғати Фурс»-и Асадии Тусӣ зикр ва маънӣ шудаанд. Ҳамин тариқ вобаста ба вазъи сиёсӣ ва низомӣ дар қарнҳои гуногуни

аз асри XI ба баъд луғоту истилоҳоти туркӣ ва муғулӣ ба забони тоҷикӣ-форсӣ ворид гардид, ки бархе аз онҳо дар осор маҳфуз монда ва бештар луғоти дигар дар лаҳҷаҳои ҷуғрофиёӣ ва забони муштараки гуфторӣ ворид гардидаанд.

Луғоту истилоҳоти туркӣ бештар мафҳумҳои бахши иҷтимоӣ, истилоҳоти марбут ба сохтор ва низоми давлатии қавмҳои туркнажод, рутбаҳо ва унвонҳо, истилоҳоти низомӣ ва дигар луғати маъмуро дар бар мегирад [Дар мавриди иқтибосҳои туркӣ ва муғулӣ дар забони форсӣ ниг: Bahār 1375, 281; Пейсиков 1975, 46-51; дар забони тоҷикӣ: дар китоби Забони адабии ҳозираи тоҷик, 41-44]. Иқтибосҳои туркӣ ва муғулӣ таи қарнҳо дар забон ва гуфтори мардуми ҷой ва мақоми хоса пайдо карда, дар сарзаминҳои муштараки зист бо мардумони эронитабор дар вазъи дузабонӣ ба забонҳо ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ таъсир бар ҷой гузоштаанд.

Як бахши луғоту истилоҳоти туркӣ ва муғулии марбут ба низоми давлатдории ин қавмҳо, ки дар осори хаттии даврони фармонравоии онҳо зикр шудаанд, пас аз Инқилоби октябр ҳамчун луғоту истилоҳоти мансух ва ё аз истифода хоричшуда аз таркиби луғавии забони тоҷикӣ хорич гардидаанд. Аммо дар баробари ин пас аз Инқилоби октябр садҳо луғати дигари туркӣ-ӯзбекӣ тавассути лаҳҷаҳои маҳаллӣ ба забони адабӣ ва ё забони меъёр ворид карда шудаанд.

Теъдоде аз ин қабил иқтибосот дар китоби Забони адабии ҳозираи тоҷик (к.1. Душанбе 1973, 41-44) таҳлил ва таҳқиқ гардида, дар мавриди зарурати ин иқтибосот дар забони тоҷикӣ тавзеҳоте низ ироа шудааст. Дар ин китоб дар иртибот ба бархе аз калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ, ки дар осори хаттӣ собиқаи корбурд надоштаанд, чунин қазоват мешавад: «Аз тарафи дигар, як гурӯҳ калимаҳои ӯзбекӣ, монанди: чуқур, қизиқ, қудуқ, қуллуқ, қундоқ, бутун, йӯрма, қилиқ, ҳурок, ямоқ, қашқа, қапқон, қурут, экизак, эрка, қайроқ, қуюқ, қалин, ҳачам ва ғайра ба тадриҷ ба забони зиндаи гуфтугӯии халқ доҳил шуда истеъмол меёфтанд, ки баъзан бештари онҳо ба воситаи забони гуфтугӯӣ ба забони адабӣ роҳ пайдо карданд».

Дар идома муаллифи ин бахши китоби Забони адабии ҳозираи тоҷик меафзояд: «Хусусияти муҳими иқтибоси калимаҳои ӯзбекӣ дар ин аст, ки қисми асосии онҳо ба забони тоҷикӣ ба воситаи забони гуфтугӯии халқ гузаштааст. Умумияти шароит ва дар бисёр маҳалҳо дузабона будани аҳолӣ барои дар забонҳои якдигар аз худ шудан ва ба омма фаҳмо гардидани калимаҳо мусоидат кардааст.

Масалан, калимаҳои йигит, қилиқ, милтиқ, аралаш, бурдоқӣ, қавурма, қавурдоқ, йӯрга, аниқ, қимиз, ем, қутос, қавоқ, қош, келин, ирим, бой ва ғайра пеш аз он ки дар осори хаттӣ қайд шаванд, дар

гуфтугӯи халқ кор фармуда мешуданд. Бисёрии ин қабил калимаҳо ҳоло дар забони умумихалқии тоҷик васеъ истеъмол мешаванд» [Забони адабии ҳозираи тоҷик, 42.]

Калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ, ки таи қарнҳо дар ҳавзаҳои забонии муштараки тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он ворид гардида буданд, пас аз Инқилоби октябр аз тариқи ин лаҳҷаҳо ба забони адабӣ роҳ ёфтанд. Калимаҳои иқтибоси туркӣ-ӯзбекӣ солҳои баъдӣ низ бо баҳонаи «дар забони умумихалқии тоҷик васеъ истифода шудани онҳо» ё «ба забони тоҷикӣ ба воситаи забони гуфтугӯии халқ гузаштани онҳо» ва ё «ба тадриҷ ба забони зиндаи гуфтугӯии халқ дохил шудани онҳо» бар ивази вожаҳои ноб ва асили тоҷикӣ-форсӣ, ки дар ҳама давраҳои осори хаттӣ ҳамчун мероси гузаштаи забон ёд мешаванд, ба забони адабӣ ворид гардидаанд. Чунин қазоватҳо ва далелҳои ғайриилмӣ дар таблиғи иқтибос аз забонҳои бегона тавассути ба истилоҳ «забони зиндаи гуфтугӯии халқ» дар ин китоби дарсии забони тоҷикӣ барои факултаҳои филологияи мактабҳои олӣ дар солҳои 70-уми асри XX ҷои тааҷҷуб мебошад. Магар барои мардуми соҳибзабон калимаҳои иқтибос аз забони бегона аз калимаҳои забони модарӣ мафҳумтар ва ошнотар буда метавонад?

Агар дар ҳолати дузабонӣ омилҳои луғавии як забон бар забони дигар бартарӣ ва нуфуз дошта бошад, пас ин далели омезиш пайдо кардани як забон ба забони таъсиргузор ва баъдан таҳти таъсири қонуниятҳои он қарор гирифтани забони таъсирпазир маънӣ мешавад. Дар ғайри ин забони дорои суннати чандин ҳазорсолаи хаттӣ ва адабӣ наметавонад таҳти таъсири забоне, ки собиқаи тӯлонии хаттӣ надорад, қарор гирад. Аз ин рӯ теъдоди фаровони иқтибосоти туркӣ-ӯзбекӣ, ки собиқаи хаттӣ надоштанд, бештар аз тариқи забони ба истилоҳ «умумихалқӣ» ба забони адабӣ ворид карда шудаанд. Дар натиҷаи чунин бархурд бештари вожаҳое, ки дар осори форсии дарии аҳди Сомониён дар забони адабии меъёр ба кор мерафтаанд, баъдан ба дасти фаромушӣ супорида шуданд. Мо имрӯз шоҳиди укубатҳои ногувори чунин сиёсатҳо дар нисбати забонсозиҳои ба истилоҳ «халқӣ» дар он даврон мебошем.

Бештар иқтибосҳои туркӣ-ӯзбекӣ дар забони тоҷикии адабӣ аз тариқи лаҳҷаҳои тоҷикӣ ворид шуда, савтиёти онҳо низ дар асоси талаффузи лаҳҷавӣ муқаррар гардидааст. Ҳамин тариқ тавассути забони ба истилоҳ гуфтугӯӣ иқтибоси фаровоне ба забони адабӣ мутобиқ ба меъёри гуфторӣ ворид карда шуд. Дар иқтибосҳои туркӣ-ӯзбекӣ савтиёт ва қоидаҳои талаффузи вожаҳо ҳифз карда мешавад: ӯгай, ӯмоч, ӯрду, ӯрда, кӯшчӣ, кӯтур, кӯчкор ва ғ. Бинобар таҷрибаи ташаккули забонҳои адабӣ иқтибос аз як забон ба забони дигар бар пояи суннати хаттӣ ва меъёрҳои адабӣ сурат гирифта, суннати хаттӣ

манбаи асосии ҳама гуна иқтибос ба вижа истилоҳот дар сабки адабӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳар маврид лаҳҷаҳои маҳаллӣ набояд ҳамчун манбаи ворид шудани иқтибос аз забонҳои бегона ба забони адабӣ қарор гирифта, забони адабиро бо унсурҳои ғайр омезиш диҳанд. Он луғати туркӣ-ӯзбекӣ, ки аз тариқи забони гуфтугӯӣ ва ё бархе аз лаҳҷаҳо ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд, бештари онҳо суннат ва собиқаи хаттӣ надоранд ва ҳамеша дар пояи лаҳҷа қарор доштаанд.

Дар тафовут аз сиёсати аз тариқи забони гуфтугӯӣ ворид кардани иқтибосоти туркӣ-ӯзбекӣ ба забони адабӣ дар замони шӯравӣ, дар Эрон дар охири солҳои 30-юм бо фармони махсуси Ризошоҳ ҳама истилоҳоти низомии туркӣ ба истилоҳоти форсӣ иваз карда шуданд. Ин сиёсати забонӣ дар замони Ризошоҳ то соли 1941 дар иртибот ба поксозии забони форсӣ аз луғати бегона дар ҳама соҳаҳо амалӣ мегардид. Имрӯз ҳам ба масоили форсӣ сохтани истилоҳоти аврупоӣ дар Ҷумҳурии исломии Эрон ҷиддан аз тариқи ниҳодҳои марбута дар пояи илмӣ татбиқ мегардад. Дар он солҳо дар Туркия низ шиори пок сохтани забони туркӣ аз вожаҳо ва унсурҳои бегона ва таъмини рушди мустақили забони туркӣ ба миён гузошта шуда буд [Пейсиков 1975, 138]. Ҳамчунон ки мебинем, сиёсати забонии кишварҳои Эрон ва Туркия дар он солҳо дар тафовут аз он сиёсати забонӣ, ки дар Тоҷикистони шӯравӣ амалӣ мешуд, бисёр ҳадафмандона ва ба манфиати рушди забонҳои миллии ин кишварҳо анҷом ёфтааст.

Дар он солҳо дар ҳоле ки бо баҳонаи ба забони оммаи халқ наздик кардани забони адабӣ иқтибосҳои зиёде аз тариқи забони гуфтугӯӣ бар ивази вожаҳои асили тоҷикӣ (форсӣ) ба забони адабӣ ворид мегардид, дар Эрон дар ҳамон як замон аз ҷониби донишмандону адибони эронӣ ҳамчунин «Фарҳангистони Эрон» садҳо вожаҳои бегона ба вожаҳои асили форсӣ иваз карда мешуд. Ҳатто дар он замон бар ивази калимаҳои маъруфи арабии «ҷавоб» ва «табиб» вожаҳои форсии «посух» ва «пизишк» пешниҳод гардида буданд, ки ин далели бисёр ҷиддӣ дар иртибот ба ҳифзи асолати забон аз ҷониби ворисони он мебошад.

Ҳамчунон ки аз таҳаввулоти дохилии забон бар меояд, иддае аз вожаҳои иқтибоси туркӣ-ӯзбекӣ бидуни зарурат бар ивази вожаҳои тоҷикӣ (форсӣ) истифода гардида, баъдан ба забони меъёр ворид карда шудаанд. Намунае чанд аз ин гуна вожаҳои иқтибосиро дар муқоиса бо баробариҳои тоҷикӣ метавон зикр кард: қаровул=посбон, нигаҳбон, дидбон; қишлоқ=деҳ, қош=абру, тӯй=сур, ҷашн; яроқ=силоҳ (ҷамъ: аслиҳа); ойлик=моҳона, маош; фоиз=дарсад, фисад; милтиқ=камон, қаймоқ=саршир, бой=доро, сарватманд, тавонгар; узангу = рикоб, байроқ / байрақ = парчам, қин= душвор, мушкил; аралаш=омехта, махлут ва садҳо вожаи дигар.

Имрӯз дар забони тоҷикӣ вобаста ба сохтмону ободони роҳҳо ва пулҳо вожаи кӯпрук (шакли ӯзбекии он кӯприк) бар ивази калимаи барои ҳама манотиқи форсизабон мафҳуми пул истифодаи бештар пайдо кардааст.

Калимаи кӯпрук аз нигоҳи ҳама меъёрҳои забонӣ ва баёни маъно аз вожаи пул ҳеҷ гуна бартарӣ надорад. Ҳар вожаи бегонаеро, ки дар суннати хаттӣ корбурд надорад, чи гуна метавон дар баробари як вожаи куҳан ва асили забони модарӣ қарор дод? Вожаи пул ҳанӯз дар китоби Авесто ба шакли pərətu – аз эронии бостон *prtu – дар ҳамин як маъно, яъне «пул» дар осори забонҳои эронӣ ба кор рафтааст [Абаев 1958, 452]. Таҳаввулоти таърихии ин вожа чунин аст: дар забони портӣ pwrt (purt), форсии миёна puhl ва форсии дарӣ pul «пул». Ҷолиб аст, ки вожаи пул дар ҳама давраҳои осор бидуни муродиф омада, ба ҳеҷ вожаи дигари иқтибосӣ иваз нагардидааст ва он дар се кишвари ҳамзабони Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон муштарак ба кор меравад. Пас чаро чунин истилохи маъруфро, ки далели собиқаи ҳунари пулсозӣ аз духазорсолаҳои пеш аз милод дар тамаддуни ориёист, ба шакли мухаффафи вожаи бегонаи кӯпрук бояд иваз кард? Ҳаводорони вожаи кӯпрук магар метавонанд онро дар номи «Пули сирот» ба «Кӯпруки сирот» иваз намоянд? Дар забони ӯзбекӣ низ дар номи «Пули сирот» вожаи пул ба кӯприк иваз карда нашудааст [ниг.: Толковый словарь узбекского языка. I. –М., 1981].

Иқтибоси дигари туркӣ-ӯзбекӣ – тӯй низ имрӯз дар забони тоҷикӣ аз вожаи асили сур истифодаи бештар пайдо кардааст. Ҳол он ки вожаи сур дар тамоми осори хаттии давраҳои таърихии забони тоҷикӣ (форсӣ) дар баёни ин мафҳуми таърихию фарҳангӣ яксон ба кор рафта ва ба ҳеҷ як мафҳум ва маъноии дигари иқтибос аз забонҳои бегона табдил нагардида аст. Вожаи сур дар забони мо ин нишона аз фарҳангу суннати ҳазорсолаҳои таърихи миллат аст. Ин вожа ҳамчун истилоҳ аз забони авестоӣ то забонҳои эронии давраи миёна ва нав дар чунин маъниҳои вижа ба кор рафтааст: авестоӣ sūirya – «сӯбҳгоҳӣ, рӯзона», паҳлавӣ sūr «чошти субҳ, таом», форсии миёнаи монавӣ swr (sūr)- «субҳона, чошт, таом, даъват, меҳмонӣ» [MacKenzie 1971, 78; Boyce 1977, 83]; дар осори паҳлавӣ матне бо номи Sūr-saxwan – суханоне, ки ҳангоми базм пас аз анҷоми хӯрдани хӯрок ба гунаи ниёиш хонда мешуданд [Дар бораи ин маросим дар матни мазкур ниг.: Tavadia 1935, 1-99].

Вожаи сур дар фарҳангномаҳои куҳани форсии дарӣ чунин ташреҳ ва маънӣ шудааст: «ҳангома, ҷашн, тӯй, меҳмонӣ, арусӣ, хатнасурӣ ва базми аёми ид» (Бурҳони қотеъ, Фарҳанги Рашидӣ, Ғиёс-ул-луғот); дар лаҳҷаи зардуштиёни Эрон sūr – арӯсӣ [ниг.:

Муҳаммад Муъин ба Бурҳони қотеъ. ҷ. 2, 1185, ҳошияи 1]. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо истифодаи вожаи сур дар ашъори шуарои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мисли Лабибӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Асадии Тусӣ, Носири Хусрав, Сӯзанӣ, Мавлавӣ ва дигарон зикр гардида, аз ашъори онҳо шоҳид оварда шудааст [Луғатнома, ҷ. 9]. Вожаи сур дар ҷуфти муродифи тӯю сур маҳфуз мондааст, ки ин далели баробармаъно будани ин ҳарду вожа дар ин ҷуфтӣ мебошад. Вожаи тӯй дар шакли той дар забони русӣ низ ҳамчун иқтибоси туркӣ ворид шудааст. Дар забони русӣ: той – «праздник, пирушка у народов Средней Азии и Южной Сибири» [Большой словарь иностранных слов, 661].

Аз солҳои 20-30 ба баъд аз забонҳои туркӣ-ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ бархе аз унсурҳои вожасозӣ низ ворид гардидаанд, ки яке аз ин унсурҳо пасванди –чӣ маҳсуб мешавад. Пасванди –чӣ дар забони тоҷикӣ аз ду роҳ мақом пайдо кардааст: яке ба воситаи иқтибосҳои туркӣ-ӯзбекӣ ва дигар дар калимаҳои ғайри туркӣ бо таъсири забони гуфтугӯй.

Аз тасниф ва таҳқиқи маводи гирдоваришуда метавон ба ин натиҷа расид, ки пасванди –чӣ бар ивази бештар пасвандҳои асили забони тоҷикӣ бидуни ҳеҷ зарурат ба кор рафта, ба яке аз пасвандҳои мустаъмал дар вожасозӣ мубаддал гардидааст. Ҳамчунон ки аз мисолҳои фаровон дида мешавад, пасванди –чӣ дар вожасозӣ бар ивази пасвандҳои асили–гар, -бон, -дор, -ӣ, -гаро, -боз, -дон, -шинос ва ғайра дар вожаҳои тоҷикӣ (форсӣ), арабӣ ва русӣ (аврупоӣ) ба кор рафтааст. Ин равиш, ки дар муқобили равиши таърихӣ ва суннатии вожасозии забони тоҷикӣ аз тариқи ба истилоҳ забони умумихалқӣ ба ривоҷ пайдо кардааст, бояд бар асоси қоидаҳои забони меъёр, ҳамчун унсури туркӣ дар вожаҳои туркӣ-ӯзбекӣ маҳдуд карда шавад. Мутахассиқин ҳангоми баррасии луғоту истилоҳоти иқтибосӣ дар Қонуни асоси Эрон (5 августи соли 1906) ба истифодаи ин пасванди туркӣ дар вожаи tamāšaçi зикр кардаанд [Пейсиков 1975, 32]. Истифодаи ин пасванд, ки замоне якҷо бо унвонҳо ва рутбаҳои туркӣ-муғулӣ ба забони тоҷикӣ-форсӣ ворид шуда буд, бар ивази пасвандҳои асил ва қолабҳои вожасозии забони тоҷикӣ-форсӣ ба манфиати ташакули қолабҳои суннатии забон буда наметавонад. Ин масоил дар мақолаи ҷудогона мавриди баҳс қарор хоҳад гирифт.

Ҳамчунон ки дар боло таъкид шуд, аслан иқтибос аз як забон ба забони дигар бар пояи забони адабӣ ва меъёри хаттӣ ба риояи қоидаи талаффуз ва савтиёти онҳо сурат мегирад. Аммо дар мисоли иқтибосҳои русӣ аз тариқи забонҳои туркӣ-ӯзбекӣ ин қоидаи маъмул риоя нашудааст.

Чанде аз иқтибосҳои русӣ аз тариқи забонҳои туркӣ-ӯзбекӣ дар савтиёти омиёна ба забони гуфтугӯӣ ворид гардида, ин шаклҳои мухаффаф дар забони тоҷикӣ дар меъёри савтиёти бегона маъмул шудаанд. Ба таври мисол: бошпурт=паспорт, бағоч=багаж (форсӣ бāгāж), газит=газета, сугурта =страхование, пудратчӣ=подрядчик, панор=фанар, вулқон=вулкан. Пас аз даврони истиқлол калимаи чипта аз забони омиёна ба забони меъёр ворид карда шуд ва имрӯз дар ҳама ҷо ин калима бар ивази билет ба кор меравад. Аммо шакли ин вожа, яъне чипта ва ба кадом забон мансуб будани он маълум нест. Чипта дар талаффузи омиёна аз забони ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ дар шакли мухаффаф ворид шудааст. Муқоиса шавад дар забони ӯзбекӣ: чипта=билет, поезд билети, чиптачӣ-кассир [Талковый словарь узбекского языка. – М., 1981].

Бояд тазаккур дод, ки он иқтибосҳои русие, ки дар солҳои аввали пас аз Инқилоби октябр ба забони тоҷикӣ (ҳамчунин забони матбуоти даврӣ) ворид шудаанд, зери таъсири қоидаҳои савтиёти забонҳои туркӣ-ӯзбекӣ қарор доштанд. Вожаи мухаффафи пудратчӣ (бо пасванди туркии -чӣ), имрӯз дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ҳамчун вожаи меъёрӣ бо муродифҳои «кӯтарагир» ва «яклухтхар» истифода мешавад. Аммо ҳеҷ кадоме аз ин вожаҳо дар пояи забони меъёр қарор надоранд. Муодили дақиқи «подрядчик» дар забони тоҷикӣ ва форсӣ вожаи «паймонкор» буда, он бояд бар ивази ин се вожаи дар боло зикрёфта истифода шавад. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо (ҷ. 4.) шаклҳои туркии پدراتچی، کنتراتچی дар шарҳи paymānkār оварда шудаанд. Аммо ин вожаҳо дигар корбурд надоранд.

Шакли вулқон дар савтиёти туркӣ аз вулкан (< лотин Vulcanus – дар асотири Руми бостон Изади оташ ва ҳунарҳои оҳангарӣ) ба савтиёти тоҷикӣ созгор нест. Савтиёт ва таркиби овоӣ дар вожаи вулкан ба забони тоҷикӣ мутобиқ буда, он ҳеҷ гуна мушкилотеро дар талаффуз ба бор намеоварад. Аз ин рӯ дар нашри дувуми «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (соли 2006) вулқон ба вожаи вулкан иваз карда шуд.

Важаҳое чун қумита < кумита < комитет; қунғира < кунгура < конгресс (< лотин congressus) низ дар забони тоҷикӣ дар савтиёти туркӣ аз тариқи забони туркӣ иқтибос шуда буданд.

Гурӯҳи дигари вожаҳо дар мисоли номи бархе аз моҳҳо нахуст дар савтиёти туркӣ баъдан дар навишт ва савтиёти русӣ ба кор рафтаанд. Муқоиса шавад: mort =март, moj=май, ovγust=август, sentabir=сентябр, oktabir=октябр, nojabir=ноябр, dekabir=декабр. Якҷо бо ин дар нашрияҳои тоҷикии «Роҳбари дониш» ва «Овози тоҷик» (соли 1928) чандин шаклҳои дигари навишти октябр дар ибораи Инқилоби октябр мушоҳида мешавад: Инқилоби уктобир | уктоябир | уктабр. Бояд тазаккур дод, ки хатми вожаҳо бо гурӯҳи

[illegible]ои ҷуфти –бр мухолифи савтиёти забони тоҷикӣ-форсӣ на[illegible], балки чунин вижагиҳои овоӣ яке аз қонуниятҳои таърихии сав[illegible] забони тоҷикӣ-форсӣ маҳсуб мешавад ва он дар мисоли [illegible] дигари ҳамҳон дар хатми вожаҳо ҷой дорад. Муқоиса шавад: [illegible], -ft, -xt, -nd, -nj, -bz, -mz, -zd, -st, -xl, -lx, -rx, -ng, -rg, -rm ва ғ. [illegible] вожаҳо бо гурӯҳи ҳамсадоҳои –бр ҳам дар вожаҳои тоҷикӣ [illegible], табр, ситабр) ва ҳам дар иқтибосҳои арабӣ (сабр, кибр, қабр, [illegible] ва ғ.) ҷой дорад. Дар забони форсӣ septāmbr, oktobr, novambr, [illegible] далели риояи меъёри мазкур дар ин вожаҳои хориҷӣ мебо[illegible].

Бояд тазаккур дод, ки мутобиқи ҳамин меъёри савтиёти туркӣ [illegible] форсӣ-тоҷикии šahr, zahr, muhr, tōxm дар забонҳои туркӣ ба [illegible] šahar, zahar, muhur, tuhum ворид шудаанд. Дар бархе аз [illegible] Қавқоз вожаҳои мазкур аз туркӣ дар ҳамин савтиёт иқтибос [illegible]анд [ниг.: Абаев ИЭСОЯ. II 1973, 145; III. 1979, 49].

Солҳои охир чанде аз вожаҳои байналмилалие, ки қаблан дар забони тоҷикӣ ба воситаи забони русӣ дар асоси меъёри имло ва савтиёти ин забон ворид гардида буданд, дар меъёри дигар мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ба таври намуна аз ин се вожа метавон ёд [illegible] банк, конференсия, парламент.

Банк – дар забони русӣ аз фаронсавӣ banc < италиявӣ banco < [illegible] bank [Большой словарь иностранных слов, 81]. Ин вожа имрӯз дар равиши савтиёти забони форсӣ дар ҳама асноди бахши мо[illegible] дар шакли бонк (bonk) мавриди қабул қарор гирифтааст.

Дар забони форсӣ дар алифбои арабӣ барои вожаҳои иқтибос аз забонҳои аврупоӣ (фаронсавӣ ва ё англисӣ) қоидаи дақиқи савтиёт ва навишт муқаррар гардидааст, ки ҳамаҷо дар навишти форсӣ садоноки а ба ā (=тоҷикӣ о) ва садоноки о ба о (=тоҷикӣ у) баргардон мешавад. Ин қоида дар ҳама вожаҳои аврупоӣ риоя мегардад. Бар асоси қоидаи мазкур bank дар форсӣ bānk (бонк) навишта ва хонда мешавад. Аммо дар алифбои кириллӣ ва ё латин зарурати чунин тағйирот дар ин қабил иқтибосҳои аврупоӣ вуҷуд надорад. Чунки чунин таҳаввулот дар форсӣ ба хусусияти алифбои арабиасос иртибот мегирад.

Қолаби банк дар забони тоҷикӣ ҳамчунин форсӣ яке аз қолабҳои суннатӣ буда, дар ин равиш, яъне қолаби CVCC вожаҳои чун ранг, танг, манг, чанг, санг ва ғ. шакл гирифтаанд. Чун банк ба бонк табдил карда шуд, бояд ин қоида барои ҳама вожаҳои аврупоӣ бидуни истисно истифода карда шавад. Дар ғайри ин татбиқи чунин меъёр танҳо барои вожаи бонк хатман тавзеҳ меҳоҳад. Пас вожаи банк низ мисли меъёри форсӣ бояд ба тонк иваз карда шавад.

Конференсия – меъёри навишти қаблӣ бар асоси забони русӣ – конференция, дар русӣ ба воситаи забони полякӣ konferencja (< лотинӣ conferencia) [Фасмер II, 1967, 315]; дар форсӣ konferāns, дарии Афғонистон kanfirāns [Лебедев, Якевич, Конаровский 1983, 302].

Имрӯз дар забони тоҷикӣ ин вожа дар шакли мухаффафи конфронс (дар талаффузи сунъӣ ва сохта) мавриди истифода қарор дорад, ки он ба меъёрҳои боло ба ҳеҷ кадоме аз манбаъҳои забонии иктибос мутобиқ нест.

Парламент – дар забони тоҷикӣ аз русӣ –парламент, дар русӣ ба воситаи забони полякӣ parlament < италиявӣ parlamento [Фасмер III, 1971, 208]; дар форсӣ pārlomān, дарии Афғонистон pārlimān [Лебедев, Якевич, Конаровский 1983, 447], тоҷикӣ парлумон.

Бо овардани ин намунаҳо метавон ба ин натиҷа расид, ки танзими вожаҳои иктибос аз забонҳои аврупоӣ бояд дар асоси меъёрҳои савтиёти забони тоҷикӣ бо дарназар гирифтани манбаъҳои иктибос сурат гирифта, дар ворид кардани ҳар як иктибос аз равиши ягона истифода шавад.

Дар раванди робитаҳои озод ва мустақими Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон яке аз масоили муҳим тартибу танзими меъёри ягонаи имло ва ё навишти номҳои хориҷӣ бо риояи савтиёти забони тоҷикӣ мебошад. Имрӯз дар забони тоҷикӣ, аз ҷумла васоити ахбори умум ва дар гуфтори расмӣ ва ғайри расмӣ номҳои бархе аз кишварҳо ва шаҳрҳо на дар як шакли меъёрӣ, балки дар чандин шакл истифода мешаванд. Тибқи қоидаи маъмул номҳои ҷуғрофӣ, ба вижа номҳои расмии кишварҳои ҷаҳон дар ҳар як забон дар як меъёри навишт мукаррар гардида ва ин меъёри ягона дар ҳама маврид бояд риоя шавад. Ҳамчунон ки аз таъриҳи номҳои ҷуғрофӣ аз даврони бостон ба баъд дар асоси осори хаттии забонҳои эронӣ бар меояд, номҳои кишварҳо ва шаҳрҳо, асосан мутобиқи меъёри навишти савтиёти забонҳои иктибосгиранда навишта мешаванд.

Дар даврони исломӣ бештари номҳои ҷуғрофии хориҷӣ дар осори таъриҳиву адабии мо дар имлои арабӣ ворид гардидаанд. Ҳатто чанде аз номҳои маъруфи шаҳрҳо ва вилоятҳои Шарқу Ғарби Эронзамин низ дар навишти арабӣ бо риояи савтиёти ин забон ба кор рафта, дар осор шакли имлои муарраби онҳо маъмул гардидааст.

Бархе аз номҳо дар забони тоҷикӣ ҳам дар шакли муарраб ва ҳам дар асоси меъёри навишти русӣ мавриди истифода қарор доранд. Яке аз чунин номҳо Африка мебошад, ки он мутобиқи меъёри забони арабӣ Африқо (Afriqā) ва бар асоси меъёри русӣ Африка навишта мешавад. Имрӯз ҳар ду навишти ин ном дар забони тоҷикӣ маъмул мебошад. Ин ном дар осори пахлавӣ дар шакли Frikā омадааст ва он

бо вожаи садоноки а дар огоз ба шакли Африка табдил мешавад, ки ин шакл дар муқобили шакли Африқо (бо «к») ба савтиёти тоҷикӣ ва ҳар маъмуъ ба суннати эронӣ созгор аст. Аммо ҳамчунон, ки мебинем номи ин қитъа то ҳол дар ду шакл – Африқо ва Африка ба кор меравад, ки ҳеҷ кадоми онҳо мутобиқи савтиёти меъёрии забони тоҷикӣ ва форсӣ нестанд. Яъне навишти ин ном дар забони тоҷикӣ дар асоси шакли пахлавӣ на Африқо, балки Африко (чои зарба дар садоноки ниҳ) дуруст мебошад. Ҳамчунин номи Чин бар асоси осори форсӣ мебаҳ монавӣ аз Турфон дар шакли Чинистон маъруф буда ва он метавонад имрӯз мутобиқи суннати он даврон ба гунаи Чин бар ивазӣ Хитой истифода шавад. Намунаи меъёри навишти гуногуни номҳо ҳар масоли номҳои чанде аз шаҳрҳову кишварҳои ҷаҳон чунин аст: Русия-Русия, Москва-Москов-Маскав, Америка – Амрико (Амрико Ҳуҷаҷаи С.Айнӣ ҷ. IX, 170), Хитой-Чин, Германия-Олмон, Европа-Аврупо, Англия-Инглистон, Франсия-Фаронса, Париж-Порис, Польша-Лаҳистон, Венгрия-Маҷористон, Япония – Ҷопон, Рига-Риго, Рим-Рум, Грегсия-Юнон, Грузия-Гурҷистон, Тбилисӣ-Тифлис, Иордания-Урдун ва г.

Бархе аз номҳои хориҷӣ, ки бо овози h(х) огоз меёбанд, мутобиқи савтиёти забони русӣ бо «г» ва «х» навишта мешаванд: Гонконг – Ҳонконг, Гатӣ-Ҳаитӣ, Гамбург-Ҳамбург, Гандурас-Ҳондурас, Голландия-Ҳолланд, Гавана- Ҳавана, Ханой-Ҳаной, Хиросима-Ҳиросима, Хелсинки-Ҳелсинки, Хошимин-Ҳошимин ва г. Ин гуна номҳо низ бояд дар асоси савтиёт ва меъёри онҳо дар забонҳои ҳал ва забони тоҷикӣ таҷдиди назар карда шаванд.

ФЕҲРИСТИ МАНОБЕЪ

Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка. Т. I. – М.- Л., 1958.

Боголюбов М.Н. О некоторых особенностях арабо-арамейской письменности // Народы Азии и Африки, 1961, №4.

Боголюбов М.Н. Арамейская строительная надпись из Асуана // ВДИ, 15(78), 1966.

Большой словарь иностранных слов. – М., 2007.

Бурҳони қотеъ. Таълифи Муҳаммад Ҳусейн бини Халаф Тарӣ мутахаллис ба Бурҳон. Бо эҳтимоми доктор Муҳаммад Муъин. –Теҳрон 1342 // 1964.

Геродот. История. – М., 2006.

Дандамаев М.А. Клинописные данные об ариях // История археологии и этнография Средней Азии. – М., 1968.

Деҳхудо А. Луғатнома. - Теҳрон, 1377 // 1999.

Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе, 1973.

Лебедев К.А., Якевич Л.С., Конаровский М.А. Русско-пуштудари словарь. –М., 1983.

Луғати Фурс. Таълифи Абу Мансур Алӣ бини Аҳмад Асадии Тусӣ. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Аббос Иқбол. – Техрон, 1319 // 1941.

Оранский И.М. Иранские языки в историческом освещении. – М., 1979.

Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка. –М., 1975.

Расторгуева В.С. Сравнительно-историческая грамматика западноиранских языков. – М., 1990.

Рыбалкин В.С. Персидские заимствования в словаре Абу Наср Исма'ила ал-Джаухари «Тāдж ал-луга ва сиҳāх ал-'арабӣйа» («Венец языка и правильность арабского языка») // Ирано-Афразийские языковые контакты. –М., 1987.

Саймиддинов Д. Шарҳи ду пора шеъри куҳан аз сурудаҳои мардуми Бухоро // Номаи пажӯҳишгоҳ. №7, 2005.

Согдийские документы с горы Муг. Вып. II: Юридические документы и письма: Чтение, перевод и комментарий В.А. Лившица. – М., 1962.

Согдийские документы с горы Муг. Вып. III: Хозяйственные документы: Чтение, перевод и комментарии М.Н. Боголюбова и О.И. Смирновой. –М., 1963.

Талковый словарь узбекского языка. –М., 1981.

Фарҳанги вожаҳои форсӣ дар забони арабӣ. Гирдоваранда: Муҳаммад Алӣ Имом Шуштарӣ. – Техрон, 1347 // 1969.

Фарҳанги луғот ва таркиботи «Шоҳнома». Фароҳамоваранда: Дориюш Шомбаётӣ. – Техрон, 1375 // 1997.

Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. Т. I. – М., 1964; Т. III. –М., 1971.

Фрай Р. Наследие Ирана (Пер. с английского В.А. Лившица, Е.В. Зеймаля). – М., 1972.

Akbarzadeh D. Pahlavi Inscriptions (inscriptions, coins, seals, sealing impression). Vol. 1. – Tehran. 2002.

Bahār M. Sabkšenāsi. J. I. -Tehran, 1375 // 1997.

Bailey H.W. Zoroastrian problems in the ninth – century books. – Oxford, 1943.

Benveniste È. Titres et noms propres en iranien ancien. P., 1966.

Brandenstein W., Mayrhofer M. Handbuch des Altpersischen. – Wiesbaden, 1964.

Cameron G.G. Persepolis Treasury Tablets. –Chicago, 1948.

Eilers W. Iranische Beamtennamen in der keilschriftlichen Überlieferung. T. I. –Leipzig, 1940.

Gharib B. Sogdian Dictionary. –Tehran 1995.

Gromatovic K.D. va Dmitrevskij M.A. Kitobi darsiji zaboni tojiki. – Toşkand, 1929.

Hallock R.T. Persepolis Fortification Tablets. – Chicago, 1969.

Henning W.B. A list of Middle persian and Parthian Word // BSOS, 1937. – vol. 9, pt 1, s. 79-92.

Henning W.B. New Pahlavi inscriptions on silver vessels // BSOAS. – 1959. – 132-134.

Hinz W. Altiranisches Sprachgut der Hebenüberlieferungen. – Wiesbaden, 1975.

Horn P. Grundriss der neupersischen Etymologie. – Starssburd, 1893.

Hübschmann H. Armenische Grammatik. I. – Leipzid, 1895.

Kent R. Old Persian Grammar, texts, lexion. – New Haven, 1953.

MacKenzie D.N. A concise Pahlavi Dictionary. –L., 1971.

Mayrhofer M. Onomastica Persepolitana. Wien, 1973.

Nyberg H:S. A Manual of Pahlavi. Pt. II. Glossary. – Weisbaden, 1974.

Tavadia J.C. Sur saxwan or Denner Speech in Middle Persian // Journal of the K.R. Cama Oriental Institute. – Bombay, 1935, Vol. 29.

САЙМИДДИНОВ Д.

ЗАИМСТВОВАНИЕ, ПРОИЗНОШЕНИЕ И НОРМА

В статье анализируются вопросы взаимоотношения таджикского (персидского) языка с другими древними и современными языками.

Отмечается, что с древнего периода истории таджикского (персидского) языка при заимствовании соблюдались фонетические особенности заимствующих языков. Однако, начиная с арабского периода, традиционный принцип заимствований изменился в пользу арабского языка. Аналогичный процесс в таджикском языке наблюдается при заимствовании из тюркско-монгольских языков, а после Октябрьской революции – и из русского.

D. SAYMIDDINOV

BORROWING, PRONUNCIATION AND NORM

This article analyzes the questions of intercommunication of tajik (persian) language with the anicient and modern languages.

It is noted, that from anicient and middle periods of tajik (persian) language history, phonetic perculiarities of borrowing were kept by borrowers.

But beginning from the Arabian period, traditional principle of borrowing is changed in the favour of Arabian language. The same process is observed in borrowings from Turkic and Mongolian and after the October revolution, from Russian language.

С. АЙНӢ

ОИД БА ВАЗЪИЯТИ ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК[1]

(Ба муносибати 2-солагии нашри асари доҳиёнаи И.В. Сталин- «Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ»)

Ба дунё баромадани асари гениалии рафиқ И.В. Сталин - «Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ», чунон ки академик Виноградов мегӯяд, «Гардиши калоне дар забоншиносии советӣ ба вуҷуд овард».

Баъд аз нашр шудани ин гавҳари ҷаҳонтоби хазинаи марксистӣ, дар муддати ду сол чи дар маркази Мамлакати Советиамон ва чи дар республикаҳои миллии советӣ, дар асоси ин таълимот дар бобати забоншиносӣ корҳои калони шоёни таҳсин ба амал оварда шуд.

Аммо дар республикаи мо - Тоҷикистони Советӣ - қатъи назар аз баъзе корҳои илмӣ бо афсӯс қайд кардан даркор аст, ки дар ин роҳ кори ба назар намоёне ба вуҷуд наомад.

Дуруст аст, ки дар соли якуми ба муносибати нашр шудани ин асарҳо дар матбуоти тоҷикӣ баъзе мақолаҳо чоп шуд. Лекин аз он мақолаҳо бӯи ҳамин меомад, ки гӯё дар Тоҷикистон «пеш аз нашр шудани асарҳои сталинӣ дар бораи забоншиносӣ, масъалаи забоншиносӣ дуруст ҳал шуда, ҳамаи корҳои ин соҳа бо роҳи худаш рафта истода бошад».

Ва ҳол он ки рафиқ Сталин мегӯяд: «... Мубоҳиса пеш аз ҳама равшан кард, ки дар органҳои забоншиносӣ чи дар марказ ва чи дар республикаҳо режиме ҳукмфармо будааст, ки ба илм ва аҳли илм хос нест» [Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ, 1951, 36].

Сонитарҳо бо тазъиқи омма, ки дар маҷлисҳо мегуфтанд: «Бояд забоншиносони мо хатоҳои гузаштаро фош карда, масъалаи забоншиносиро бо роҳи таълимоти сталинӣ ҳал кунанд» бо ранги «танқид ва худтанқидкунӣ» баъзе мақолаҳо дар матбуоти тоҷикӣ пайдо шуданд. Лекин мазмуни онгуна мақолаҳо характери умумӣ дошта, бо тарзи «дар мо ҳам дар соҳаи забоншиносӣ хатоҳо буд, худи ман ҳам баъзе хатоҳо кардам, дар оянда бояд онгуна хатоҳоро ислоҳ

[1] Мақола аз маҷаллаи Шарқи Сурх, 1952, № 6, саҳ. 3-8 оварда шудааст.

кунем...» навишта мешуданд. Аммо хонанда аз он мақолаҳо н
хатоҳои гузаштаро мефаҳмид ва на роҳи ислоҳи онҳоро ёд мегирифт

Ва ҳол он ки рафиқ И.В. Сталин роҳи солими забоншиносиро
равшан нишон дода гуфтааст: «Барҳам додани режими аракчеевӣ д
забоншиносӣ, даст кашидан аз хатоҳои Н.Я. Марр, ҷорӣ кардан
марксизм дар забоншиносӣ - чунин аст ба ақидаи ман, роҳе к
забоншиносии советиро солимтар кардан мумкин аст» [Марксизм
масъалаҳои забоншиносӣ, 1951, 40].

Дар мақолаҳое, ки ба муносибати нашр шудани ин асар
гениалии рафиқ Сталин, дар матбуоти тоҷикӣ чоп карда шудаанд, н
дар бораи режими аракчеевӣ, ки дар мо ҳам буд, ва баъзе оқибатҳо
он то ҳол давом дорад, калимае дида мешуд, то ки дар барҳам додан
он кӯшиш карда шавад ва на дар бораи таъсири баъзе хатоҳои Мар
дар баъзе забоншиносони мо ҳарфе ёфт мешуд, то ки дар роҳи дас
кашидан аз онҳо чорае дида шавад.

Билакс дар зарфи ин ду сол дар ин мавзӯъ баъзе мақолаҳо
баромад, ки (ба ғайр аз мақолаҳои редаксионӣ, ки дар газетаҳо
марказии мо чоп шуданд ва материалҳое, ки оид ба ҷамъбасти
маҷлиси машвараттии Иттифоқи нависандагон буд) баъзеҳояшон б
таълимоти сталинии забоншиносӣ мувофиқ намеомад. Ман ҳарги
намегӯям, ки муаллифони онгуна мақолаҳо дида ва дониста он
хатоҳоро кардаанд, лекин онҳо ба ингуна хатоҳо аз он сабаб
афтодаанд, ки дар навбати аввал ин асари гениалии рафиқ Сталинро
дуруст наомӯхтаанд ва инчунин дар пешаи худ - [illegible] касби
забоншиносӣ тахассус пайдо накардаанд ва дар соҳаи [illegible] тоҷикӣ
тадқиқоти илмии дуруст ба кор набурдаанд.

Аз ингуна муаллифон ман дар ин ҷо рафиқ Шавкат Ниёзиро
ном мебарам. Рафиқи мазкур дар мақолае, ки ба муносибати
яксолагии нашр шудани асарҳои сталинӣ дар забоншиносӣ, навишта
аст [Тоҷикистони Сурх, 1951], якчанд хаторо ба амал овардааст
хатоӣ аввали рафиқ Шавкат Ниёзӣ дар ин аст, ки грамматикаи пеш аз
Революцияи Кабири Сотсиалистии Октябр таълифёфтаи забони
тоҷикро бе ҳеҷ танқид ва тадқиқ қабул карда, «дар гузашта исмҳо
ҷондор танҳо бо суффикси «он» (гон, ён, вон) ва исмҳои беҷон б
суффикси «ҳо» шумораи ҷ[illegible]о ташкил мекарданд» гуфтааст. Ва ҳол
он ки дар гузашта - ҳатто [illegible]ин асрҳо пеш аз ин ҳам «он» махсуси
исмҳои ҷондор ва «ҳо» махсу[illegible] исмҳои беҷон набуд. Чунончи, Ҳофиз
дар асри XIV «Онҳо ки хокро ба назар кимиё кунанд...» гуфтааст
Агар «ҳо» махсуси беҷон мебуд, ин шоири забардасти забонд
«онон ки...» мегуфт ва дар вазни шеъраш зараре ҳам намерасид
Инчунин мо як қатор исмҳои беҷонро мебинем, ки ҳам дар адабиёти
классикӣ ва ҳам дар забони халқ бо «он» ҷамъ карда шудаанд -

дарахтон, кӯҳсорон, чашмасорон, лолазорон ва монанди инҳо. Дар [illegible] халқӣ бошад, - ин кӯҳнаи мо беҳ аз он навон аст, калимаи [illegible] бо «он» ҷамъ карда шудааст.

Гояташ ин аст, ки муаллифони гузаштаи сарфу наҳв дар [illegible] торик нишаста, на адабиёти классикиро ва на забони халқро [illegible] тафтиш ва тадқиқ накарда, он қоидаи нестдарчаҳонро вазъ [illegible]ааанд ва ҳаргоҳ ки тасодуфан акси онро дидаанд (монанди [illegible]дарахтон»-и Саъдӣ ва «онҳо»-и Ҳофиз) «истисно» гуфтаанд ва баъзе [illegible]-ҳои дар охири исмҳои беҷон часпидаро (монанди кӯҳсорон, [illegible]лолазорон) «зоид» шумурдаанд. Ва ҳол он ки дар забони умумии як [illegible] на истисно ҳаст ва на чизи барзиёд ва ҳар чиз мувофиқи [illegible] кор фармуда шудааст.

Рафиқ Шавкат Ниёзӣ дар паси ин хатоҳои худ суханашро [illegible] дода: «Дар забони адабии ҳозираи тоҷик бошад, чунин фарқ [illegible] шудааст» мегӯяд ва ӯ бо ин гуфтори худ маънан тасдиқ [illegible], ки «ҷой ва тарзи кор фармудани аломати ҷамъ дар гузашта [illegible] ва ҳозир дигар аст». Аз ин ҳамин натиҷа мебарояд, ки [illegible]грамматика тағйирёбанда ва дигаргуншавандааст.

Ва ҳол он ки рафиқ Сталин мегӯяд: «...Аммо асосҳои сохти [illegible]грамматикӣ дар муддати хеле дуру дароз дар як ҳол боқӣ мемонанд, [illegible] онҳо чунон ки таърих нишон медиҳад, метавонанд, ки дар [illegible] чандин давра бомуваффақият хизмати ҷамъиятро ба ҷо [illegible]варанд» [Тоҷикистони Сурх, 1951: 30].

Рафиқ Шавкат Ниёзӣ ин фикри хатоӣ худро инкишоф дода мегӯяд: «... бешубҳа дар оянда суффикси ҷамъи исмҳо танҳо суффикси «он» шуда мемонад».

Ин пешгӯии беасоси Шавкат Ниёзӣ ҳам аз дуруст тадқиқ [illegible]кардани забони тоҷик ва аз пухта наомӯхтани асари гениалии рафиқ И. В. Сталин омадааст. Ва ҳол он ки дар забони тоҷикӣ баъзе исмҳо ҳастанд, ки бо «ҳо» ҷамъ кардани онҳо мумкин нест: Агар исми ҷондор дар шакли ҷамъ номи ягон мавзеъ ва ё маҳал шуда ояд, бо «он» ҷамъ кардани вай лозим аст. Чунончи, дар Бухоро Пӯстиндӯзон, Мехчагарон, Тагбандбофон барин даҳҳо гузарҳо ҳастанд, ки ҳамаи онҳо бо «он» ҷамъ карда шудаанд. Агар яке аз онҳоро бо «ҳо» ҷамъ [illegible]карда, масалан «Пӯстиндӯзҳо» гуянд, шунаванда аз вай на гузари маълумро, балки гурӯҳи одамонеро мефаҳмад, ки номашон ба аҳолии [illegible] ягон касб мансуб буда, бо «он» ҷамъ карда шудаанд, дар Самарқанд, Тошкент ва дар дигар шаҳрҳо ва саҳроҳои Осиёи Миёна садҳо ёфт [illegible]шаванд.

Эҳтимол Шавкат Ниёзӣ гӯяд, ки «ин номҳо ба он гузар ва [illegible]ҳо дар гузашта дода шудаанд ва дар замони ҳозира ингуна номҳо [illegible]ҳад шуд». Мо дар ин бора райони Колхозчиёнро мисол оварда

сухани рафиқи мазкурро рад мекунем: Дар солҳои Ҷанги бузурги Ватанӣ райони Панҷакентро ба ду район тақсим карда, ба райони нав пайдошуда «Колхозчиён» ном доданд. Ин номро ба он район нависандагон, ё ин ки забоншиносон надодаанд, балки аҳолии он район ин номро қабул кардаанд, ки ҳамаашон колхозчианд, Чунки агар «Колхозчиҳо» мегуфтанд шунавандагон аз ин сухан ҷамъи аз колхозчиҳоро мефаҳмиданд, на райони маълумро.

Агар Шавкат Ниёзӣ асари доҳиёнаи рафиқ Сталин - «Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ»-ро пухта меомӯхт ва аз он ҷо, аз фонди асосии луғат ҳам дарозумртар будани грамматикаро ёд мегирифт, ба ингуна хатоҳо намеафтод, балки забони халқи тоҷик ва адабиёти классикии тоҷикро тадқиқ карда, ҳазор сол боз тағйир наёфтани асосҳои грамматикии забони тоҷикро ба гуфтаҳои рафиқ Сталин мисол меовард ва ба ингуна пешгӯиҳои беасос ҳам ҷуръат намекард.

(Ҳарчанд «он» ва «ҳо» дар ҷамъ кардани исмҳо хоҳ ҷондор бошанд, хоҳ беҷон баробар кор фармуданашон асосан мумкин бошад ҳам, қатъи назар аз ҷондорӣ ва беҷонӣ, ҷоҳои кор фармуда шудани инҳо дигар-дигаранд: баъзе исмҳоро бо «ҳо» ҷамъ кардан мумкин аст, на бо «он»; баъзе исмҳоро бо «он» ҷамъ кардан мумкин аст, на бо «ҳо» ва исмҳое ҳам ҳастанд (инҳо аксариятро ташкил мекунанд), ки ҳар кадоми ин суффиксҳоро кор фармудан мумкин аст, лекин нависанда, ё ин ки гӯянда ба оҳанги ҷумлаи худ нигоҳ карда, яке аз ин дуро интихоб мекунад, то ки ҷумлааш оҳангдор ва шинам бароядҳ (тафсилоти ин масъаларо ин мақола ба худ гунҷонда наметавонад.)

I. шумора + исм: dū-paykar [*Tf*, 90], dū-lavn [*Tf*, 321], dū-sāya [*Tf*, 187], dū-tabʿ [*Tf*, 321], dū-čaγz [*Tf*, 105], se-sō [*Tf*, 93], čahār-sō [*Tf*, 11], panj-pahlū [*Tf*, 11], čahār-dārū [KC, 365], hašt-dahān [KC, 868], sad-payvand [KC, 640], sad-far (садпар) [KC, 859], hazār-pāy [KC, 273], čahār-pāy [*Ab*, 294], haft-avrang [*Tf*, 91].

II. шумора + сифат: nīm-garm [*HM*, 240].

III. шумора + сифати феъли: nīm-puxta [*HM*, 33], nīm-kūfta [*HM*, 33].

IV. шумора + зарф: nīm-čand [*HM*, 240], nīm-rōzān [*HM*, 33.

V. шумора + шумора: se-yak [*Šn*, 48], čahār-yak [*Šn*, 48], šaš-yak [*Šn*, 48], hazār-hazār [*Šn*, 17].

VI. шумора + асоси замони ҳозираи феъл: šast-budāz (шастгудоз) [KC, 670].

VII. шумора + асоси замони гузаштаи феъл: nīm-burīd [*Tf*, 210], nīm-birišt [*Ab*, 22].

4. Таркибҳои посессив ё атрибутив (bahuvrīhi)

Гуфтем, ки ин таркибҳо аз рӯи сохт мисли таркибҳои детерминативанд, аммо ифодаи ҳатмии дорандагиву соҳибиятро дар худ доранд. Тавзеҳан бояд таъкид кард, ки П. Хорн танҳо ҳамон вожаҳои

мураккабро ба таркиби посессив ворид менамояд, ки ҷузъи дувуми таркиб ҳамеша исм буда, ҷузъи аввал метавонад исм, сифат, шумора бошад ва ин таркиб чунин сифате месозад, ки «соҳиби чизе будан», «соҳиби аломат доштан»-ро ифода мекунад [Horn GIPh 1898-1901, 198]. Вале аз таҳқиқоти минбаъда ба мушоҳида мерасад, ки исм будани ҷузъи дувуми таркиб ҳатмӣ нест ва дар баъзе ҳолатҳо ҷузъи исму сифат метавонанд ҳамдигарро иваз намоянд. Аз ҷумла, З. Телегди ҳар як гунаи таркибҳои форсии нави tang-del ва del-tang-ро дар шумори таркибҳои посессив ном мебарад [Telegdi 1962, 328].

Ин даста сифатҳои мураккабро метавон ба зергурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

I. исм + исм: xar-čang [KC, 545], xar-gōš [KC, 174, 425], sang-pūšt [KC, 545], surma-čašm [*Tf*, 327], jāsūs-duzd [*Tf*, 331], farāmōš-kār [*Tf*, 335].

II. сифат + исм: garm-gavhar [*ДМ*, 31], bad-kirdār [*ДМ*, 32], kaž-dum [*ДМ*, 34], bad-dil [*Tf*, 325], bad-xōy [*ДМ*, 34; *Tf*, 325], gird-rōy [*Tf*, 327], miyāna-qad [*Tf*, 327], pahn-bar [*Tf*, 328], salīm-andām [*Tf*, 329], xub-rōy [*Tf*, 327]. Ин қолаби вожасозӣ сермаҳсул аст.

III. исм + сифат: tan-durust [*Tf*, 378], tan-sapēd [*Tf*, 327], giš-siyāh [*Tf*, 330].

IV. зарф + исм: hāžir-javāb [*Tf*, 385], bisyār-andēša [*Tf*, 325].

V. ҷонишини нафсӣ + исм: xūd-rāy [*JH*, 41, 43].

VI. ҷонишини муштарак + исм: ham-rang [*ДМ*, 37].

VII. сифати феъли + исм: burida-andām [*Tf*, 319], gušāda-kār [*Tf*, 384], kašīda-mōy [*Tf*, 327], āganda-tan [*Tf*, 328].

VIII. шумора + исм (навъи истилоҳи dvigu): hazār-pāy [KC, 273], čahār-pāy [*Ab*, 294].

IX. сифат + асоси замони ҳозираи феъл: bad-xᵛāh [*ДМ*, 32], bad-ēz [*ДМ*, 34], bad-gōy [*ДМ*, 32].

5. Таркибҳои адвербиал (avyayībhāva).

Ин навъи таркибҳои хусусият ва ё маъноии зарфдошта, чунонки гуфтем, доираи истифодаашон ниҳоят маҳдуд аст ва шояд аз ҳамин хотир дар аксари осори таҳқиқӣ ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Аз ҷумла, М. Шакӣ ин таркибҳоро дар шумори таркибҳои детерминатив номбар мекунад [Shaki 1964, 74], вале Т. Чавчавадзе онҳоро бо номи «қолабҳои таркиби *авяйибҳова*» [Чавчавадзе 1981, 217-218] мӯҳида баррасӣ кардааст. Ин таркибҳо ду қолаби маъмули вожасозӣ доранд: зарф+исм ва зарф+зарф.

Аз осори қадимтарини илмии форсии тоҷикӣ истилоҳоти мураккабе, аз қабили hamēša-āškārā [*Tf*, 178], pēš-sū, pas-sū [*Tf*, 426]-ро,

ки дорои хусусияти зарфанд, метавон ба сифати шоҳид ба ин навъи таркибҳо мансуб донист.

Дар байни матолиби ин осор гоҳе истилоҳоти мураккаби омехта ҳам ба назар мерасанд, ки бо ҳамон қолабҳои маъруфи дар боло ёдшуда сохта шудаанд, вале доираи истеъмоли онҳо фарох нест:

1. Вожагону истилоҳоти мураккаби сеҷузъаи навъи *двандва*:

исм + исм + исм: uštur-gāv-palang [*Tf*, 378].

2. Вожагони мураккаби сеҷузъаи навъи *амредита*:

II. зарф + зарф + зарф: gah-gah-gah [*ДМ*, 188].

3. Вожагону истилоҳоти мураккаби омехтаи навъи *татпуруша*, *кармадҳорая* ва *двигу*:

I. исм + исм + пасванд: murγ-zufān-ak [КС, 786], rubā-raz-ak [КС, 477] (яъне, гиёҳи ангури рӯбоҳ, ар. ʻinab al-θaʻlab).

II. исм+миёванд+исм: kurd-ān-kōh [*Tf*, 335], mōš-ān-piyāz [КС, 196], mādar-ān-bō [КС, 416].

III. исм + сифат + пасванд: tan-durust-ī [*Ab*, 85].

IV. исм + сифат + сифати феълӣ: namak-tar-karda [*Ab*, 290], ši-kam-bāz-gīranda [*Ab*, 46].

V. исм + зарф + сифати феълӣ: sang-bērūn-āranda [*HM*, 393], sa-frā-furūd-āranda [*HM*, 525], sang- furūd-āranda [*HM*, 489].

VI. исм + асоси феъли замони ҳозира +исм: bād-angēz-gul [КС, 859].

VII. исм + асоси феъли замони ҳозира + сифати феълӣ: zahr-āmēγ-šuda [*Ab*, 75].

VIII. исм + асоси замони ҳозираи феъл+пасванд: bād-rēs-a [*Tf*, 56].

IX. сифат + сифат + асоси феъли замони ҳозира: narm-xušk-gīr [КС, 321].

X. сифат + пасванд + исм: surx-fām-mōy [*Tf*, 327].

XI. шумора + исм + исм: dū-rō-gul [КС. 859].

XII. шумора + исм + пасванд: bahj-rōδa-kī (панҷрӯдагӣ) «va īn qulūn-rā ba bārsī nām bahj-rōδa-kī ast» [*HM*, 89], duvāzdah-ankušt-ī ((рӯдаи) дувоздаҳ-ангуштӣ) [*HM*, 88].

XIII. шумора + асоси замони ҳозираи феъл + пасванд: bazār-kaš-ān [КС, 868].

XIV. пешванд + зарф + сифати феълӣ: andar-miyān-aftāda [*RN*, 394].

4. Вожагони мураккаби омехтаи навъи *баҳувриҳи*:

исм+сифат+сифати феълӣ: kafan-bāz-kunanda [*Tf*, 327].

Чунон ки аз матолиби дар боло ёдшуда ба мушоҳида мерасад, дар сохтмони дастурии вожагону истилоҳоти осори қадимтарини ил-

ми форсии тоҷикӣ қолабҳои асосии вожасозии мураккаб, аз қабили қолаби *двандва* ё таркибҳои копулатив, *амредита* ё таркибҳои редупликатив, *татпуруша* ва зернавъҳои он *кармадҳорая* ва *двигу* ё таркибҳои детерминатив ва қолаби *баҳувриҳи* ё таркибҳои посессив (ва ё атрибутив), ҳамчунин қолаби *авяйибҳова* ё таркибҳои адвербиал истифода шудаанд. Ин қолабҳои вожасозӣ имрӯз низ қолабҳои асосии вожасозии мураккаби забони модарӣ маҳсуб мегарданд.

Бино бар ин, зарур аст, ки барои ифодаи мафҳумҳои навини илмию ғайриилмӣ вожагону истилоҳоти нави мураккаб бар мабнои заминаи қолабҳои асили вожасозӣ сохта ба истифода дода шаванд.

Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ

ФЕҲРИСТИ МАНОБЕҲ:

Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.I. «Донишнома». - Душанбе, 1980.

Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. «Рагшиносӣ ё Рисола дар набз». - Душанбе, 1983.

Барроу Т. Санскрит. Перевод с английского Н. Лариной. Редакция и комментарий Т.Я. Елизаренковой. - М: Прогресс, 1976.

Бенвенист Э. Общая лингвистика (Перевод с французского Ю.Н. Караулова, В.Д. Мурат, И.В. Барышевой и Н.И. Мельниковой. Под редакцией Ю.С. Степанова). - М: Прогресс, 1974.

Беруни, Абу Райхан. Фармакогнозия в медицине (Китаб ас-сайдана фи-т-тибб). Исследование, перевод, примечания, и указатели У.И. Каримова. Избранные произведения. Т.IV. - Ташкент, 1973.

Майсарӣ. Донишнома. Интихоб, баргардон, пешгуфтор ва таҳшиҳоти Мирзо Муллоаҳмад. - Душанбе, 1999.

Носири Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн. Ҷ.III. - Душанбе, 2003.

Основы иранского языкознания. Новоиранские языке (Редкол: Расторгуева В.С.- отв. ред.). - М., 1982.

Расторгуева В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка // Таджикско-русский словарь. Под ред. М.В. Рахими и Л.В. Успенской. - М., 1954.

Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. - Душанбе, 2001.

Табарӣ, Муҳаммад ибни Айюб. Шуморнома. Таҳияву таҳқиқи Мирзо Ҳасани Султон. - Душанбе: Дониш, 2006.

Чавчавадзе Т.А. Именное словосложение в новоперсидском языке. - Тбилиси: Мецниереба, 1981.

Чхеидзе Д.Т. Именное словообразование в персидском языке. - Тбилиси, 1969.

14. *Horn P.* Neupersische Schriftsprache. Grundriss der Iranischen Philologie, Bd.1, Abt.2. - Strassburg, 1898-1901.

Lazard G. Grammaire du persan contemporain. - Paris, 1957.

Shaki M. A study on nominal compounds in Neo-Persian, - Praha (Prague), 1964.

Telegdi Zs. Zur Unterscheidung von Substantiven und Adjectiven im Neupersischen // Akta Orientalia, t. XV, Budapest, 1962.

البخاری ، ابو بکربن احمد الاخوینی. هدایة المتعلمین فی الطب. با اهتمام دکترجلال متینی. مشهد،1344

الهروی، موفق الدین ابو منصور. الابنیة عن حقایق الادویة یا روضة الانس و منفعة النفس. بتصحیح شادروان احمد بهمنیار. بکوشش حسین محبوبی اردکانی. تهران، 1371.

بیرونی، ابوریحان. کتاب التفهیم لاوائل صناعة التنجیم. تصحیح و مقدمه حواشی به خامه استاد جلال الدین همایی. تهران، 1362.

حدودالعالم من المشرق الی المغرب، به کوشش منوچهرستوده. تهران، 1340.

МИРЗО ХАСАН СУЛТОН

ОСНОВНЫЕ МОДЕЛИ СЛОВОСЛОЖЕНИЯ В СТАРЕЙШИХ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ НАУЧНЫХ СОЧИНЕНИЯХ

В данной статье рассматриваются основные модели словосложения на материале старейших персидско-таджикских научных сочинений.

На конкретных примерах доказывается, что при грамматическом построении сложных слов и терминов старейших научных сочинений использовались основные модели словосложения, т.е. копулятивные композиты (др.-инд. двандва), редупликативные композиты (др.-инд. амредита), детерминативные композиты (др.-инд. татпуруша, кармадхарая, двигу), посессивные (или атрибутивные) композиты (др.-инд. бахуврихи), а также адвербиальные композиты (др.-инд. авяйибхава). Являясь основными моделями словосложения, данные модели могут и в дальнейшем служить основой для создания новых сложных слов и терминов родного языка.

MIRZO HASAN SULTON

MAIN MODELS OF WORDS COMPOSITION IN THE ANCIENT PERSIAN-TAJIK SCIENTIFIC HERITAGE

The main models of words composition are considered in this article on the base of materials of ancient Persian-Tajik scientific works.

It is evident on the basis of certain examples that the main models of words composition were used in grammatic words compositing and terminology of ancient scientific works namely copulative composite (ancient indian - dvandva), reduplicative composite (ancient indian - amredita), determinative composite (ancient indian - tatpuruša, karmadhāraya, dvigu), possessive (attributive) composite (ancient indian - bahuvrihi) and adverbiale composite (ancient indian - avyayībhāva). As the main models of word composition these models could be basis for creation of new compound words and terminology in the native language in the future.

ДЖАББОРОВА М.Т.

ВОПРОСЫ ЯЗЫКОВОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В условиях нарастающей глобализации существенно возрастает и расширяется диалог культур. Международный культурный диалог усиливает взаимопонимание между народами, даёт возможность лучше познать собственный национальный облик. Для достижения наиболее существенных результатов в ходе такого взаимодействия необходимо найти оптимальное соотношение формирования более тесных связей между народами, с одной стороны, и сохранением национальных особенностей, культурных традиций, особых взглядов на мир, т.е. ментальности и мировосприятия, - с другой. Нельзя искусственно замыкаться в национальных рамках, так же как нельзя допустить, чтобы глобализация приобрела характер всеобщего распространения массовой культуры.

В контексте этих процессов ведущую роль играет язык. Язык, как сказал Президент РТ Эмомали Рахмон, - это первый кирпич в здании государства. Действительно, язык является одним из главных компонентов культуры, т.к. он является неотделимым атрибутом нации, частью культуры, служит важнейшим средством жизнедеятельности как самой малой народности, так и любой великой нации. Тесную связь языка с этносом, говорящим на нём, очень точно сформулировал Фердинанд де Соссюр, который писал, что обычаи нации отражаются в языке, а с другой стороны, именно язык формирует нацию. Есть язык - есть народ, нет языка - нет народа. Задолго до него Вильгельм фон Гумбольдт отметил: «Большая часть обстоятельств, сопровождающих жизнь нации, - место обитания, климат, религия, государственное устройство, нравы и обычаи, - от самой нации могут быть в известной степени отделены, возможно, они могут быть обособлены. И только одно явление совсем иной природы - дыхание, сама душа нации - язык - возникает одновременно с ней... Всякое изучение национального своеобразия, не использующее язык как вспомогательное средство, было бы напрасным, поскольку только в языке запечатлен весь национальный характер, а также в нём как в средстве общения данного народа исчезают индивидуальности, с тем, чтобы проявилось всеобщее» [Гумбольдт 1984, 305].

Сегодня возрастает роль международных языков, особенно русского и английского. Но наряду с этим (и это не может не радовать) всё большее внимание уделяется сохранению и возрождению

малых языков, каждый из которых, бесспорно, имеет большую ценность, является достоянием своего народа, его гордостью, средством формирования, развития и обогащения национальной культуры.

Существует мнение, что приоритетное функционирование одного (официального, государственного) языка создаёт определённого рода препятствия другим языкам. Реальная действительность показывает, что в полиэтнических сообществах, к каковым принадлежит и современный Таджикистан, языки развиваются и взаимообогащаются. Последние 15 лет стало общения является одним из приоретных направлений языковой политики Правительства Республики Таджикистан, что закреплено Коституцией страны и Законом Республики Таджикистан о языке.

Языковая политика Республики Таджикистан определяется именно законом «О языке», принятом ещё в советское время (22 июля 1989 г.), и Конституцией независимого, суверенного государства. Она реализуется в конкретных мероприятиях, имеющих социальное значение и в системе образования. Основные положение Закона о языке, касающиеся статуса таджикского и русского языков, в последующем были польностью сохранены при принятии Конституции уже суверенного государства Таджикистан в 1994 году и Закона Республики Таджикистан «Об образовании» в новой редакции в 2004 году.

В соответствии с принятым 5 октября 2009 г. Законом о государственном языке Республики Таджикистан приоритетной задачей языковой политики правительства является всемерное развитие таджикского языка. Данный Закон о языке гарантирует гражданам республики свободу выбора языка обучения и обеспечивает получение общего среднего образования на таджикском, русском, узбекском языках, а в местах компактного проживания граждан другой национальности - на их родном языке. Государство обеспечивает обучение граждан, проживающих на его территории, таджикскому и русскому языкам во всех общеобразовательных школах, средних специальных и высших учебных заведениях.

Следовательно, как неоднократно отмечал Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, языковая политика правительства обеспечивает равноправное функционирование наряду с языком титульной нации - таджикским - других языков и предоставляет возможность овладевать ими.

В настоящее время многие граждане республики стремятся овладеть русским, английским и другими иностранными языками, что, в конечном счёте, будет способствовать интеграции Таджикистана и его трудовых мигрантов в мировое экономическое пространство. Этим объясняется достаточно высокий статус русского языка в со-

временных условиях Таджикистана и приоритетные задачи гуманитарного образования - качественное обучение русскому и английскому языкам на всех уровнях образовательной системы. Особое место в ряду правительственных законодательных документов, определяющих государственную политику в области языкового образования и подготовки педагогических кадров - учителей русского и английского языков и специалистов высокого уровня - занимает Постановление правительства Республики Таджикистан от 2 декабря 2003 года (№ 508) «Об утверждении Государственной программы совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на 2004-2014 годы». Одной из основных задач Программы является ориентирование на качественную и практическую подготовку обучающихся русскому и английскому языкам с целью дальнейшего практического использования полученных знаний в профессиональной деятельности.

В документе справедливо отмечается, что знание русского и английского языков, повышение их престижа в современном таджикском обществе не причиняет и не может причинить ущерба государственному языку, поскольку «хорошее владение иностранными языками невозможно без глубокого знания родного языка... Языковая культура межнационального общения тем выше, чем выше культура национального языка, а культура языка неотрывна от общего культурного уровня населения, от воспитания, общей культуры гармонично развитой личности» (Нормативно-правовые акты системы образования. Приложение к журналу «Школа и общество», с. 38).

В Программе чётко определены цели и задачи совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков на десятилетие. В ней справедливо отмечается, что реализация этих целей и задач предполагает создание предпосылок для «бесконфликтного функционирования русского и английского языков в условиях существующего в стране многоязычия, по обеспечению преподавания русского и английского языков на всех ступенях» образовательного процесса на базе новых учебников и новейших образовательных технологий, разработанных с учётом родного языка, культуры таджикского народа».

Что касается новых учебников, то авторскими коллективами республики, куда вошли ведущие специалисты, учёные-русисты, а также опытные школьные учителя, подготовлены экспериментальные учебники, в том числе интегрированные (по русскому языку и литературе), для учащихся общеобразовательных школ с таджикским языком обучения. В ближайшей перспективе - разработка альтернативных учебников русского языка нового поколения (как для школ, так и

для вузов), которые должны включать интерактивные задания и упражнения, отражающие новейшие технологии обучения русскому языку.

Позитивная динамика в обучении русскому языку в высших учебных заведениях республики проявилась, прежде всего, в том, что вновь открыты факультеты русской филологии, увеличилось количество часов по дисциплинам лингвистического цикла, в частности по современному русскому языку, в учебных планах.

Сегодня в Таджикистане активно разрабатываются всевозможные проекты, направленные на создание прочных условий для академической мобильности, осуществления экспорта образовательных услуг, направления наших учителей и преподавателей русского языка на стажировку в российские вузы. На XII Конференции министров образования стран - участников СНГ было с одобрением принято решение о создании на базе Московского государственного лингвистического университета Международного института языков СНГ. Открытие отделения таджикского языка в МГЛУ должно дать новый импульс сотрудничеству между вузами России и Таджикистана в сфере образования и науки, способствовать достижению интеграции профессионального образования и науки. Обмен образовательными, научными и информационными технологиями, совместное использование интеллектуальных и материальных ресурсов является одним из основных направлений в реализации международных образовательных, научно-исследовательских, информационных и иных проектов.

В образовательной системе в последние годы значительно возросла роль русского языка. Количество желающих получить образование на русском языке увеличивается с каждым годом. Во многих республиканских вузах функционируют группы с русским языком обучения, где все предметы читаются на русском языке. Однако таких групп немного, так как мало русскоязычных абитуриентов. Обучение на русском языке в полном объёме осуществляется в Российско-Таджикском (славянском) университете, преобладает такое обучение и в Таджикском государственном институте языков, где факультет русской филологии был и остаётся основным, первым.

Что касается состояния обучения русскому языку в школах Таджикистана, то как учебный предмет русский язык нельзя отнести к иностранным языкам хотя бы потому, что иностранные языки, как известно, изучаются по выбору самих учащихся, тогда как изучение русского языка является обязательным в каждой школе, независимо от основного языка обучения (обучение на уровне среднего образо-

вания в Таджикистане осуществляется на пяти языках: таджикском, узбекском, русском, киргизском и туркменском).

Укреплению позиций русского языка в сфере образования во многом способствует стратегическое партнёрство и плодотворное сотрудничество Таджикистана с Российской Федерацией. Россия заинтересована в том, чтобы иметь в лице Таджикистана процветающее, стабильное государство, надёжного экономического партнёра. «Россия была и остаётся главным союзником Таджикистана», - эти слова не раз звучали из уст Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона и Президента Российской Федерации Дмитрия Медведева.

Результатом активного экономического и культурного сотрудничества между Россией и Таджикистаном стало то, что в последние годы интерес коренного населения к русскому языку и русской культуре значительно возрос. Увеличилось количество часов вещания на русском языке на государственном таджикском телевидении и радио.

Благодаря инициативе Российского посольства в Таджикистане, таджикский телеканал «Сафина» стал шире отражать ценности традиционной и достижения современной культуры Таджикистана и России, всячески способствовать формированию позитивного имиджа трудовых мигрантов, шире информировать российскую общественность о деятельности таджикской диаспоры в России.

Изменения, происшедшие в языковом пространстве страны в начале нового века, требуют нового подхода к подготовке учителей русского языка и литературы прежде всего для национальной школы. Учащийся, окончивший национальную школу с родным языком обучения и выбравший профессию учителя русского языка, встречается в вузе с серьезными трудностями, объективная причина которых заключается как в недостаточно высокой лингвистической компетенции выпускников национальных школ, так и в специфике изучения русского языка в вузе, существенно отличающегося от изучения его в школе. Выпускники национальных школ оказываются неподготовленными к обучению на этом новом уровне. Отсюда вполне правомерна постановка вопроса о создании специального корректированного курса, для того чтобы создать прочную лингвистическую базу. Эту задачу могут решить подготовленные курсы, и мы уже работаем над этим.

Подготовка учителей русского языка и литературы должна быть построена на основе четко сформулированной профессиограммы, с учетом новых образовательных стандартов. В зависимости от требований, предъявляемых к учителю-русисту, необходимо учитывать следующие моменты:

- так как основной целью обучения русскому языку нерусских была и остается коммуникативная функция, мы считаем целесообразным ввести в программы, особенно на первой ступени образования, интенсивный, уплотненный курс русского языка, основной целью которого должно стать комплексное развитие всех видов речевой деятельности в процессе как аудиторной, так и внеаудиторной работы;

- назрела необходимость создания межгосударственных образовательных телеканалов типа «Школьник», СГУ и т.п. в рамках всего СНГ на русском языке.

Сложившаяся ситуация в языковом пространстве Таджикистана требует дальнейшего совершенствования изучения и преподавания русского языка на основе вышеупомянутой государственной программы по следующим направлениям:

- расширение русского языкового, культурного и информационного пространства посредством открытия «Русских центров». Приятно осознавать, что ТГИЯ выпала честь оказаться в числе первых среди вузов стран СНГ, где произошло это поистине знаменательное событие. Уверена, что «Русские центры» станут катализатором позитивных процессов развития и сохранения русского языка и культуры в современном Таджикистане, гарантом взаимопроникновения и взаимообогащения культур России и Таджикистана и дадут реальную возможность прикоснуться к сокровищнице культуры России и получить широкий доступ к богатому информационному полю, освещающему научную и культурную жизнь современной России, что в конечном итоге будет способствовать укреплению позиций русского языка как важнейшего фактора сохранения национального наследия и средства межнационального общения, распространению языка и культуры русского народа во всех, даже самых отдалённых, регионах нашей страны, поскольку в нашем институте, как специализированном центре изучения языков мира, обучаются студенты со всех уголков нашей родины.

Русский язык в Таджикистане - не только средство коммуникации, но прежде всего носитель соответствующей культуры. В связи с этим английский не в состоянии заменить русский язык: там, где выпадает русский, он не замещается английским, там образуется вакуум. Русский язык не только обеспечивает коммуникацию, но и является носителем смыслов, если не общих, то понятных и взаимопереводимых на пространстве СНГ. По сути, это язык «выхода в мир», язык передовых технологий и информации, знание которого даёт любому жителю страны преимущественные возможности в образовании, трудоустройстве, выборе своего будущего. Необходимо отметить, что знание

русского языка важно и для сотен тысяч таджикских трудовых мигрантов.

Кроме того, в российские вузы по квоте Минобразования России поступает до четырёх претендентов на одно место. Невысокая доля обучающихся в средней школе в классах с русским языком обучения в определённой мере «компенсируется» тем, что эти классы являются наиболее престижными, востребованными как среди русскоязычного, так и коренного населения. К сожалению, они концентрируются прежде всего в Душанбе и Ходженте и не обеспечивают полностью потребностей всех желающих обучаться на русском языке.

Высшая школа сталкивается, разумеется, с теми же трудностями, что и средняя: отток квалифицированных кадров, недостаток современных учебников, программ и методик. Правда, в последнее время здесь наметилась позитивная тенденция и динамика в том плане, что наши специалисты стали активно осваивать и широко внедрять в учебный процесс интерактивные методы и стратегии образования, соответствующие новой парадигме современного школьного и вузовского образования.

Таджикистан принадлежит к тем странам (наряду с Арменией, Киргизией), в которых при относительно низком уровне владения русским языком фиксируется сравнительно высокая потребность в его изучении. Действительно, как отметил профессор Московского государственного лингвистического университета Ю.А. Сухарев, одной из главных политических задач нынешнего СНГ является «сохранение единого языкового пространства, в основе которого должно лежать применение русского языка», происходящее, по его мнению, не за счёт «силовой» экспансии, а в результате совершенствования диалога культур и реализации различных культурологических проектов. К примеру, разработки и издания совместных учебников и учебно-методических пособий по русскому языку и государственным языкам стран СНГ, открытие филиалов ведущих вузов этих стран с русским языком обучения.

Думается, правы те, кто считает, что в этом процессе не должны быть в стороне писатели и поэты, композиторы и художники, актёры и режиссёры - одним словом, представители творческой интеллигенции. Действительно, только при их активном участии может состояться полновесный диалог и взаимообогащение культур. Так что проблема эта, по большому счёту и так никогда не являвшаяся чисто лингвистической, в настоящее время становится всё более политической.

Образование - это единый и неделимый процесс, который начинается в начальных классах и продолжается в университетских лабораториях. В нынешних условиях отрадно, что работники сферы педагогического образования - от учителей младших классов до вузовских профессоров - смогли понять это и пересмотреть некоторые привычные подходы к образованию.

Если говорить конкретно о современном состоянии образовательной системы Таджикистана, то республика в настоящее время располагает многоотраслевой высшей школой, которая осуществляет подготовку кадров по многим специальностям, в том числе, по педагогическим. Сегодня, кроме традиционных методов обучения, мы должны находить новые способы формирования у студентов педагогического мышления, обращаться к человеку, к его реальному облику, интересам, потребностям, интеллектуальному потенциалу. Для решения данных задач в первую очередь, с нашей точки зрения, необходимо учесть изменения, произошедшие в последние годы в языковом пространстве республики и мира.

В заключение хотелось бы отметить, что в настоящее время становится очевидным, что в высшей школе XXI века назревают перемены. Они во многом зависят от характера и темпов развития экономики, науки, культуры, духовности. Опыт других стран в сфере образования интересен с познавательной точки зрения. Знакомство с ним расширяет и углубляет наши представления о внешнем мире, заставляет размышлять о собственных проблемах и перспективах.

Таджикистан уже на протяжении нескольких лет реформирует свою образовательную систему, в частности, многие наши высшие учебные заведения восприняли идеи Болонского процесса и реорганизуют высшее образование на двухступенчатой основе: бакалавриат - магистратура. Тем не менее, для нас важно более углублённое изучение опыта Евросоюза в реформировании школьного, высшего образования и профессионального обучения.

На протяжении всей истории тех стран, которые встали на путь развития, образование было непреходящей духовной ценностью, одним из приоритетов государственной политики. Успехи в будущем, если они будут, во многом связаны с высоким уровнем образования. Нам предстоит разработать целый ряд совместных программ с учётом необходимости интеграции науки и образования, а также роли языкового пространства в сотрудничестве различных государств и народов.

ЛИТЕРАТУРА

Гумбольдт В. Избранные труды по языкознанию. - М: Прогресс, 1984.

Жлуктенко Ю. Неорганический язык в многоязычной ситуации // Языковые ситуации и взаимодействие языков. - Киев, 1989.
Лихачёв Д. Концептосфера русского языка // Русская словесность. От теории словесности к структуре текста. Антология. - М., 1997.
Караулов Ю.Н. «Языковая личность» в русском языке. - М., 1987.
Касевич В. Языковые структуры и когнитивная деятельность // Язык и когнитивная деятельность. - М., 1989.
Языки как образ мира / Сост. К. Королёв. / - М., 2003.

ҶАББОРОВА М.Т.

МАСЪАЛАҲОИ МАЪРИФАТИ ЗАБОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Маориф ҳамчун арзиши собити маънавӣ яке аз аввалиятҳои сиёсати давлат мебошад. Фаъолиятиҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои рушди бемайлони забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ бидуни маҳдуд кардани ҳуқуқ ва хоҳиши сокинони кишвар ба дастрасии таҳсилот ба забони дигар (модарӣ) диққати асосӣ дода мешавад, ки омили муҳимме дар рушди минбаъдаи Тоҷикистони сермиллат дар ҳамаи соҳаҳо хоҳад буд.

JABBOROVA M.T.

QUESTIONS OF LANGUAGE FORMATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Education as nongoing spiritual value is one of the priorities of the state politicy. In the activity of independent government of Tajikistan the main place is given to all-around development of Tajik language as a state language without language infringement of rights and desires of inhabitants of the country to obtain the education on the other (the native) languages that is of no small importance factor for the further development in the polyethnic Tajikistan in all spheres.

БАҲРИДДИН КАМОЛИДДИНОВ

ТАЪСИРИ НАСРИ СУННАТӢ БА САБКИ НИГОРИШИ С.АЙНӢ

Вақте ки асарҳои бадеии устод Айниро мутолиа мекунед, дар ҳар бобат: дар интихоби вожаҳо ва мавқеи истеъмоли онҳо, дар калимасозию таркиббандӣ, дар истифодаи пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо, дар ибораву ҷумласозӣ, дар суханорӣ ва истифодаи санъатҳои лафзиву маънавӣ таъсири судманди забони осори насру назми суннатиро пай мебаред.

1.С.Айнӣ дар кор фармудани шаклҳои камистеъмол ва мушкилфаҳми иктибосоти арабӣ хеле эҳтиёткор буд, вале дар кор фармудани калимаи арабии *маҳлака,* ки бо *таҳлука* ҳамреша буда, дар забон нисбатан маъмултар аст, маҳз бо таъсири матни зерини "Чор дарвеш" ба кор бурдааст: ... худро маломат мекардам, ки: "Чаро ин фитнаро сохтӣ, ҷон бар абас дарбохтӣ ва худро дар *маҳлака* андохтӣ?" Ифодаи *дар маҳлака андохтан* хусусияти рехтагӣ дорад ва дар забони имрӯзаамон ба тарзи *аз таъсири чизе ба таҳлука афтодан, худро ба таҳлука андохтан* ба кор бурда мешавад.

2. Чанд намунаи дигар аз осори насри гузаштагон:

Чандин бор- ин намат (тарз) бигуфтам, гумон бурдам, ки дилаш бар қайди ман омад ва сайди ман шуд. Ногоҳ *нафасе сард аз дили пурдард* бароварду гуфт ("Гулистон"); Рикобдор пурсид, ки: "Сабаби гиря чист?" Подшоҳ *оҳи сард аз дили пурдард* баркашида гуфт... (Калила ва Димна); ...ҷамеи фарзандонро дид, ки гарди ятимӣ бар рухсори эшон нишаста ва рангҳояшон шикаста, *бо рухҳои зарду дилҳои пурдард* пеши падар давиданд ("Бадоеъулвақоеъ");

Дар матни "Одина" мехонем: Баъд аз соате, ки Одина аз хона дур шуд, Бибиоиша *оҳи сарде аз дили пурдард* кашида, лаб фурӯ баст. Чунин ифодаи марғуби бо санъатҳои маҷозу саҷъ пероста ба устод Айнӣ ҳам сахт таъсир кардааст ки, аз устодони каломи бадеъ илҳом гирифта дар мавридҳои муносиб (аз ҷумла, дар тасвири ҳолати рӯҳии Бибиоиша) онро моҳирона ба кор бурдааст.

3. С.Айнӣ усули гурезро аз ҳампаҳлу кор фармудани ду пешоянд низ аз адибони гузашта ёд гирифтааст: Дишаб дар назди ӯ будам, ӯ маро *аз даромадан ба шаҳр* монеъ шуд; - Эй падар, аз барои худо, аз ҳолати ин шаҳр огоҳ кун, то ки бидонам, сабаби ин ҳама ранҷи ту ва бародарат *аз даромадан ба ин ҷо* чист ("Чор дарвеш"). Тартиби муқаррарии ҷойгир шудани ҷузъҳои ҷумлаҳои боло аслан чунин аст: ...ӯ маро *аз ба шаҳр даромадан* монеъ шуд; ...сабаби ин ҳама

маниъ ту ва бародарат *аз ба он ҷо даромадан* чист? Дар ин тарз
ҷумлабандӣ ду пешонди аслӣ (*аз, ба*) ҳампаҳлу омада ба осон ва
равон хондани матн монеъ мегардад. С.Айнӣ маҳз барои бартараф
намудани ҳамин монеа аз имконоти услубии тағйир додани ҷойи
аъзои ҷумла васеъ истифода кардааст: Ман ***аз наздик шудани инҳо ба ҳамдигар*** бисёр дар андеша будам; Хонаводаи муздуронро ***ба баровардан аз вилоят*** рухсат намедиҳанд; ***Пас аз баромадани аз завод*** бо роҳбарии Сангин ба ҳуҷраи яке аз тоҷикон рафта, чанд рӯз
хобидам. Муқоиса кунед: ***аз ба ҳамдигар наздик шудани инҳо; ба а
влоят баровардан; Пас аз баромадан аз завод.*** Ин хусусияти услуб
нигориши нависандаро аввалин бор муҳаққиқи нуктадон Н.Маъсум
дар асари илмиаш "Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик
ҳамаҷониба таҳлил кардааст [Маъсумӣ 1959].

Мутаассифона, аз чунин роҳи осони ислоҳи ин нуқсони услуб
бисёр рӯзноманигорони имрӯзаи мо (ҳатто баъзе адибон ҳам) бехаба
мондаанд: Ва **аз ба** Бадахшон мансубияти авлодиву давлатдорӣ
доштанамон канорагирӣ кунем ("Адабиёт ва санъат", 20.10.2005)
Пӯшида нест, ки **бо ба** сари қудрат омадани Барак Обама нерӯҳои на
ва иловагии Америка ба Афғонистон ворид хоҳад шуд ("Миллат"
№3, 2009); Ершов ки **дар** замин нишастан одат накарда буд, д
қурпача пойҳои мӯзадорашро ба як тараф дароз карда нишаст (С.У.)
...**аз** мансубияти авлодиву давлатдорӣ доштанамон **ба** Бадахшон; ...
омадани Барак Обама **ба** сари қудрат; Ершов ки ба нишастан д
замин одат накарда буд.

С.Айнӣ ҳангоми таҳрири матни асарҳои тарҷумавӣ ҳам чунин
нуқсони услубии ҷумлабандии мутарҷимонро ислоҳ кардааст: М
ҷанг намехоҳем ва мо **аз ба** куштан даъват карданҳо безорем – Мо а
даъват кардан **ба** куштори нав безорем [Грамматика..., 2003: 90].

4. Дар сохтани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар насри устод д
навъ таъсирро мушоҳида кардан мумкин аст: а) таъсири маъмул ва б
маҳдуд. Бо пайвандакҳои тобеъкунандаи **бе ин (он) ки** ва **аз ғайри он ки** алоқаманд намудани ҷумлаи пайрави тарзи амал ва пайвандаки **он ҷо ки** ба сарҷумла тобеъ кардани ҷумлаи пайрави сабаб д
ҷумлабандии осори насри суннатӣ як дараҷа серистеъмол будан
(Табиб) ***бе он ки тафтише кунад***, яке аз он қуттиҳоро бардошта бер
овард; (Сайёд) аз ғояти ҳирс, ***бе он ки тааммуле кунад***, худро аз пайи
(ба чоҳ) андохт; ***Аз он ҷо ки шафқату меҳрубонии зотӣ дошт***, ба
панд додан оғоз кард (Калила ва Димна). Ин тарзи ифода д
асарҳои С.Айнӣ васеъ истифода шудаанд ва адибони дигар ҳам г
гоҳ ба ӯ пайравӣ кардаанд: Бибиоиша то як ҳафта, ***бе он ки овоз***

баланд кунад, чун мӯйи оташдида ба худ мепечид, ***аз ғайри он ки шӯълаи равшане барорад***, чун тӯдаи коҳи ба зераш ахгар гузошташуда дарун-дарун месӯхт; Аммо, ***аз он ҷо ки ӯ як дараҷа ба худ мағрур буд ва дар корҳои адабии худ бо касе машварат намекард***, дар қабули тахаллус ҳам бо ягон каси арабидон машварат накардааст.

Бо афсӯс бояд қайд кард, ки ин тарзҳои ифода дар забони адабии имрӯзаамон интишор пайдо накарданд, ҳоло дар гуфтугӯ ва навиштор мазмунин чунин ҷумлаҳои пайрави ҳоли тарзи амалро бештар бо ёрии ибораи сифати феълӣ ифода мекунанд: *овозе баланд накарда, шӯълаи равшане набароварда.* Дар грамматикаи илмии забони тоҷикӣ хотирнишон гардидааст, ки чунин пайвандакҳо ҳоло хеле кам ба кор бурда мешаванд [Грамматика 1989, 128]. Муқоиса кунед: Ман, ***бе он ки ба ӯ нигоҳ кунам***, номи худ ва бошишгоҳи худро гуфтам // ...***ӯ ба касе ва гурӯҳе нигоҳ накарда*** ба тарафи зинаи шимоли саҳн шитобкорона мерафт (С.А.).

5. Дар илми наҳви забони тоҷикӣ атрофи чунин ҷумлаҳо баҳси тӯлоние ба миён омада буд: Замона захми ҷонкоҳе ба ҷигаргоҳи ӯ зад, ***ки дигар тобу тавон дар пайкараш ва ақлу ҳуш дар сараш намонд.*** Ин матн дар фасли ҷумлаи пайрави натиҷаи монографияи илмии забоншиноси маъруф Д.Т.Тоҷиев [Тоҷиев 1981, 125] ва грамматикаи илмӣ [Грамматика, 1989, 132] зикр ёфтааст. Як зумра забоншиносони дигар ҳам дар ин ақидаанд, ки дар мисоли мазкур "Замона захми ҷонкоҳе ба ҷигаргоҳи ӯ зад" сарҷумла ва "дигар тобу тавон дар пайкараш ва ақлу ҳуш дар сараш намонд" ҷумлаи пайрави натиҷа аст. Ба андешаи ман, дар ин ҷо "дигар тобу тавон дар пайкараш ва ақлу ҳуш дар сараш намонд" сарҷумла буда, он ба шарҳи сабаб эҳтиёҷ дорад ва "замони захми ҷонкоҳе ба ҷигаргоҳи ӯ зад" ҷумлаи пайрави сабаб аст. Пайвандаки **ки** дар охири ҷумлаи пайрав омада, бо пайвандакҳои **азбаски, аз сабаби он ки** муштараквазифа гардидааст ва аломати вергул бояд пас аз он гузошта шавад [Камолиддинов 2003, 63-69]. (Ин масъала мавзӯи баҳси дигар аст, ки ман андешаҳои худро дар асару мақолаҳоямон баён кардаем) [Камолиддинов 63-69; Тоҷиев 57-62].

Дар ин тарзи ҷумлабандӣ ҷиҳати ҷолиби таваҷҷӯҳ ин аст, ки дар осори гузаштагон хабари ҷумлаи пайрави пуркунанда низ дар шакли замони ғузуштаи наздики сиғаи хабарӣ ифода меёбад. Бар замми ин, ҷумлаи пайрав гоҳе бепайвандак, гоҳе бо пайвандакҳои **ки, то ки, то он ки** ба сарҷумла алоқаманд мешавад:

Зуд фармудам, *дастурхон партофта, шарбат ва таом* ***оранд*** ("Чор дарвеш"); Мир Алишер хандон шуд ва фармуд, ***ки ӯро***

аз об кашида баровардaнд; Шоҳ фармуд, **то** *он тӯтиро бикуштанд* ("Бадоеъулвақоеъ").

Ин қолаби ифодаро Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ дар асарҳояшон хеле кам истифода бурдаанд. Ин чанд ҷумлаи зерин, шояд, бо таъсири ҷумлабандии насри суннатӣ дар асарҳои онҳо ба кор бурда шуда бошанд: (Амирмузаффар) махсусан, вузаро ва уламои аҳди падарро қатлу мусодира намуда, дунону ғуломонро бар сари халқ шинонд, ***то ки*** *истилои Русия дар Мовароуннаҳр воқеъ гардид* ("Наводирулвақоеъ"); Бандиёни дигар об оварда, ба сару рӯйи модарам пошиданд, **то** *ҳушёр шуд ва дар рӯ ба рӯям нишаст* ("Дохунда").

Дар шакли аорист ифода ёфтани хабари ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ва ҳоли мақсад ҳам дар осори гузаштагон ва ҳам дар асарҳои бадеии С.Айнӣ тарзи маъмули ифодаи муносибатҳои маъноии ҷумлаҳои пайраву сарҷумла маҳсуб мешуд: Фармоед, **ки** *он ниҳолро нек забт намоянд* ("Бадоеъулвақоеъ"); Аз сукути ман шубҳаи ҳоким зиёд шуда фармуд, **ки** *маро ба майдон баранд, ба дор кашанд,* **то ки** *ибрати дигарон гардад* ("Чор дарвеш"); Дар ин мисолҳо хабари ҷумлаҳои пайрави пуркунанда (*забт намоянд, баранд, ба дор кашанд*) ва ҳоли мақсад (*ибрати дигарон гардад*) бо шакли аорист ифода ёфтааст.

Дар матнҳои зерин муносибати маъноии ҷумлаи пайрав бо сарҷумла бо ёрии пайвандакҳои таркибии **то ки, то он ки** ифода ёфта, ҷумлаи пайрав барғалат бо нуқта ҷудо карда шудааст: Азбаски ҳамарӯза подшоҳ ва сипоҳро хизмати лоиқ мекардам, шоҳро нисбат ба ман шафқат зиёд шуд. **То ки** *ба шарафи ҳамсӯҳбатӣ расидам. Ҳеч масъалае бе машварати ман ҳал намегардид*; Инҳо маро мезаданд ва мегуфтанд, ки: "Эй золим! Дигар аз мо чӣ мехоҳӣ?" **То он ки** *халқ аз ҳар тараф ҷамъ шуда, гуноҳи маро пурсиданд* ("Чор дарвеш").

Дар матни асари С.Айнӣ ва ҷумлаҳои зерин тобиши тирои маъноии сабабу натиҷаро пай бурдан мумкин аст, чунон ки дар муносибати байни ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам ба назар мерасад: Бандиёни дигар об оварда, ба сару рӯйи модарам пошиданд **ва ӯ** ҳушёр шуд...; Камтар сабр кардам, **то ки** *дар гашти рӯ бозор суттар шуду мардум ба ҳар тараф пароканда шуданд* (Чор дарвеш) - Камтар сабр кардам **ва** дар гашти бозор (талотӯб) суттар шуд. Дар асл сарҷумла ба ифодаи мақсад эҳтиёҷи бештар дорад, на ба шарҳи сабаби ҳушёр шудани модар ё суст шудани бозор: Бандиён об оварда, ба сару рӯйи модарам пошиданд, **то** *ҳушёр шавад*; Камтар [Камолиддинов 2003, 63-69] сабр кардам, **то ки** *дар гашти бозор*

(талотӯб) суттар шавад... Ин тарзи солими ифода дар осори насри суннатӣ ҳам маъмул будааст: Ҳозир мефармоям, *рафта, шоҳи бандарро биёранд*, **то ки** *ҳақиқати масъаларо пурсем* (Чор дарвеш);

Дар ҷумлаҳои зерин алоқаи тобеии байни ҷумлаҳо хеле тира гардидааст ва алоқаи ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ ба муносибати маъноии байни ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳам шабоҳат пайдо намудааст. Пайвандаки **то ки (то он ки)** ба ниятҳои замони амали ҷумлаи охирин ишораи тирае мекунад: Шабу рӯзро надониста, ба сад изтироб ба рӯйи об ба ҳар тараф мерафтем, **то он ки** *кишти ба кӯҳ бархӯрда шикаст* (Чор дарвеш) - Шабу рӯзро надониста, ба сад изтироб ба рӯйи об ба ҳар тараф мерафтем **ва** (оқибат) кишти ба кӯҳ бархӯрда шикаст; ...ҳафт шабонарӯз дар дарё ҷиҳо кардам. **То ки** *ниҳоят ба ҷазирае расидам ва худро ба хушкӣ кашидам ва бехуд шудам* (Чор дарвеш) - ...ҳафт шабонарӯз дар дарё ҷиҳо кардам **ва** ниҳоят ба ҷазирае расидам.

Дар ҷумлаи дигар муносибати маъноии тавзеҳӣ мушоҳида мешавад: ...шоҳро нисбат ба ман шафқат зиёд шуд: ба шарафи ҳамсӯҳбатӣ расидам. Ба назар чунин мерасад, ки дар аксари ҷумлаҳои боло пайвандакҳои **то ки** ва **то он ки** бемавқеъ истифода шудаанд, яъне байни ҷузъҳои ҷумлаҳои мураккаб маъноии мақсад вуҷуд надорад: Шабу рӯзро надониста... ба ҳар тараф мерафтем, *то ки (то он ки) кишти ба кӯҳ бархӯрда шиканад* (?).

Д.Т.Тоҷиев дар асараш – "Воситаҳои алоқаи ҷумлаи мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик" навиштааст: ...пайвандаки **то ки** одатан маъноҳои замону мақсадро ифода мекунад. Аммо, ҳангоме ки ин пайвандак ҷумлаи пайрави пуркунандаро ба сарҷумла мепайвандад, ба пайвандаки синтаксисӣ наздик мешавад ва аз **ки** фарқ намекунад" [Тоҷиев 1971, 17].

Аз рӯйи таҳлили мисолҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки пайвандакҳои тобеъкунанда воситаи муҳими грамматикии алоқаи наҳвӣ ва муносибати маъноии байни ҷумлаи пайрав ва сарҷумла бошанд ҳам, воситаи асосии сохтори маъноӣ ва наҳвии ҷумлаи мураккаби тобеъ на пайвандакҳои тобеъкунанда, балки мутобиқати шакли феъли хабари ҷумлаи пайрав бо шакли хабари сарҷумла будааст. Бесабаб нест, ки дар забони гуфтугӯ (ҳамчунин дар назм) пайвандакро фурӯгузор намуда, матлабро бо воситаҳои дигари муҳимтари грамматикӣ, аз ҷумла, мутобиқати шаклҳои феълӣ ифода кардан имконпазир гардидааст.

Инчунин бояд дар назар дошт, ки дар натиҷаи таҳаввулоти ҳоҳти грамматикии забон, дақиқ ва мушаххастар гардидани маъною

вазифаҳои пайвандакҳои **то** ва **то ки** чунин тарзҳои ифода ҳамчун колаби ношоями наҳвии забон аз байн рафтаанд ва тарзи ҷумлабандии зерин меъёри наҳвии забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ қарор гирифтааст: ӯ ба хазинадор амр кард, **ки** *ба Фирдавсӣ бисту ҳазор дирам фиристад* (С.У.).

ФЕҲРИСТИ МАНОБЕЪ:

Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1989 – ҷ. 3.

Камолиддинов Б. Тарҷума ва балоғати сухан // "Масъалаҳои баҳсноки наҳви забони тоҷикӣ". – Душанбе, 2003.

Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод, 1959.

Тоҷиев Д. Воситаҳои алоқаи ҷумлаи мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик. – Душанбе, 1971.

Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1981.

КАМОЛИДДИНОВ Б.

ВЛИЯНИЕ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ КЛАССИЧЕСКОЙ ПРОЗЫ НА СТИЛИСТИЧЕСКУЮ МАНЕРУ С.АЙНИ

В стилистическом отношении С.Айни во многом является последователем представителей лучших традиций таджикско-персидской классической литературы, таких как Саади, Зайниддин Восифи, Ахмади Дониш. Влияние языка и стиля классической прозы наиболее ярко проявляется в лексике, фразеологии и экспрессивно-стилистических средствах языка прозы писателя. Однако в произведениях С.Айни употребляются также характерные для классической прозы синтаксические конструкции, которые редко встречаются в современном таджикском литературном языке.

B. KAMOLIDDINOV

INFLUENCE OF TAJIK-PERSIAN CLASSICAL PROSE ON STYLISTIC MANNER S.AYNI

The stylistic attitude of S.Ayni mostly is a follower of representatives of best traditions of tajik-persian classical literature such as Saadi, Zayniddin Vosifi, Ahmadi Donish. Influence of language and style of classical prose mostly reveals brightly itself in lexic, phraseology and expressive-stylistic facilities of language in the prose of writer. However in S. Ayni works used also such syntax designs, which are typical for classical prose, but rare it meets in the modern Tajik literary language.

ШОДИЕВ РУСТАМ

ФЕЪЛҲОИ ПОРТӢ ВА СУҒДӢ ДАР "ШОҲНОМА"-И ФИРДАВСӢ

Дар забони форсии нав, ба вижа осори давраи аввал теъдоде аз вожагони портӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки бештари онҳо дар забони форсӣ-тоҷикӣ ва гуишҳои гуногуни манотиқи таърихии густариши форсии дарӣ дар шарқ ва ғарби Эронзамин мутадовил мебошанд. Забони портӣ ҳамчун лаҳҷаи шимоли ғарбӣ ба забони форсии миёна, ки лаҳҷаи ҷануби ғарбист дар тӯли таърих дар робитаи наздики забонӣ ва гуишӣ қарор дошта ва бо ҳамин далел вожаҳои портӣ аз даврони Сосониён ба забони форсии миёна ва осори адабии он ворид гардидаанд, ки ин равандро аз мутуни пахлавӣ ва форсии миёнаи монавӣ ба хубӣ метавон мушоҳида кард [Дар мавриди иқтибосҳои портӣ дар забони форсии миёна муроҷиа шавад ба ин манобеъ: Tedesco 1921, 184-258; вожаномаҳои Nyberg 1974; MacKenzie 1971; Boyce 1977; Саймиддинов 2001, 252-259; тафовутҳои овоии таърихӣ миёни лаҳҷаҳои шимоли ғарбӣ ва ҷануби ғарбии забонҳои эронии ғарбӣ: Оранский 1979, 147-164; Расторгуева 1990, 231-235].

Манобеи ворид шудани вожаҳои портӣ ба забони форсии дарӣ ва ё форсии нав яке забони форсии миёна ва дигаре лаҳҷаҳои портии Хуросон маҳсуб мешаванд. Забони форсии нав ҳамчун идомаи форсии миёна он ҳама луготеро, ки дар форсии миёна роиҷ буданд, тибқи таҳаввулоти таърихии овоӣ асосан фаро гирифтааст. Ба ин қабил лугот вожаҳои портии иқтибос дар форсии миёна низ шомил мебошанд.

Манбаи дигари вожаҳои портӣ дар форсии дарӣ - лаҳҷаҳои портии роиҷ дар Хуросон буда, ки дар осори шоирон ва нависандагони ин манотиқ таъсир гузоштаанд. Истифодаи вожаҳои портӣ дар осори форсии дарӣ дар аҳди Сомониён далели нуфуҳи портии Хуросон дар ин манотиқи таърихии густариши забони портӣ ва гуишҳои маҳаллии он мебошад. Забони форсии дарӣ, ки дар даврони Сомониён ба гунаи забони адабӣ шакл гирифта ва дар тамоми қаламрави ин империя ҳамчун забони ягонаи меъёр ба кор мерафт, унсурҳои зиёди забонҳои портӣ ва суғдиро фаро гирифтааст.

Он тафовутҳои лаҳҷавӣ, ки дар осори форсии дарӣ, ба хусус дастнависҳои кӯҳан ҷой доранд, бинобар маълумоти Муқаддасӣ марбути шаҳрҳо ва марказҳои бузурге чун Нишопур, Тӯс, Нисо, Абивард, Сарахс, Марв, Балх, Ғарчистон, Ҷузҷон, Ҳирот ва дигар

маҳаллот мебошанд [Дар мавриди масоили забони умумии сарзаминҳои эронӣ ва гуийшҳои он бар асоси матнҳои асрҳои X-XI ниг.: Лазар 1961, 176-181].

Яке аз чунин осор, ки дар он мақом ва корбурди вожаҳои портӣ бештар ба назар мерасад, ин «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ маҳсуб мешавад. В.Лентс дар иртибот ба аносири эронии шимолӣ дар забони форсии нав дар асоси «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ дар ҳудуди 220 калимаи портиро дар ин достони таърихӣ таъйид ва мушаххас намудааст [Lentz 1926, 251-316].

Дар маҷмӯъ забони форсии дарӣ дар оғози давраи ташаккул аз манотиқ ва маҳаллоти густариши забони портӣ луғоти маъмул ва роиҷеро, ки дар форсии миёна ба кор нарафтаанд, аз лаҳҷаҳои маҳаллӣ иқтибос намуд. Аз ин рӯ ин гуна луғоти портӣ дар бештар маврид бидуни муродифоти форсӣ ва ё лаҳҷаи ҷануби ғарбӣ мебошанд.

Феълҳои портии иқтибос дар форсии дарӣ, ки дар осори давраи аввал ба кор рафтаанд, дар «Шоҳнома» низ ба мушоҳида мерасанд. Ин афъоли портӣ мисли дигар вожагони иқтибосии портӣ бо вижагиҳои овоии махсуси забонҳо ва гӯишҳои шимолӣ ғарбӣ тафовут доранд ва бар асоси ҳамин вижагиҳои савтӣ мушаххас гардидаанд. Имрӯз ҳама он вижагиҳои овоии портӣ дар пояи гӯишҳои шимоли ғарбӣ дар муқоиса бо вижагиҳои овоии форсӣ бар асоси савтиёти лаҳҷаҳои ҷануби ғарбӣ аз роҳи муқоисаи таърихии забонҳо ва лаҳҷаҳои эронӣ дар эроншиносӣ таъйид ва ташхис гардидааст, ки дар ин самт маводи дастнависҳо ва осори форсии дарии давраи аввал дар Мовароуннаҳру Хуросон дорои арзиши маҳсус мебошанд.

Бархе аз феълҳои портиро, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ба кор бурдааст, дар ин банди рисола ба таври намуна зикр менамоем:

Āžadan (= форсии дарӣ ё лаҳҷаи ҷануби ғарбӣ – āzadan) «барҷастагиҳое бар рӯи ҷома ва амсоли он бо нах аз пунба ё пашм ё бо риштаи симу зар дӯхтани зиннат ё маҳкамӣ; дарнишондани тир дар тан; рандидан, чунон ки бо суҳон ва монанди он; сӯрох кардан; бидудан, ранг кардан; бисоидан, молиш додан; тарсеҳ, дарнишондан дар чизе» [ниг.: «Луғатнома»-и Деҳхудо, ҷ.1].

Феъли āžadan дар «Шоҳнома» дар ин маъниҳо истифода шудааст:

- бо симу зар дӯхтани зиннати рӯи ҷома:

- همه جامه هایشان برز آژرده

- рандидан (бо суҳон ва монанди он):

- نباید زبان را بزهر آژردن

- сӯрох кардан:

- همه چشم دشمن به تیر آژدن

- андудан, ранг кардан:

- رخان معصفر بخون آژد

- ба зар, ба сим ожадан:

- بسان ستونی بسیم آژده

- همه زند و استا بزر آژده

- киноя аз рахна кардан:

- نباید روان رابه زهر آژدن

Дар «Шоҳнома» аз шакли сифати феъли ин феъл –āžada ба маъниҳои «халида бо чизи нугтез; хаста, ҳазин, маҷрӯҳ; олуда, ранг карда» ва ғайра ба кор рафтааст. Гунаи дигари сифати феъли он ājīn = ājīda+ āžada, āzada мебошад.

Дар «Шоҳнома» шакли ҷануби ғарбии сифати феъли āzada (ba xūn āzada) низ дар баробари āžada ба кор рафтааст.

Феъли āžadan дорои чунин гунаҳои овоӣ мебошад: āžīdan, āžanīdan, ājadan, ājīdan дар лаҳҷаи ҷануби ғарбӣ āzadan / āzīdan.

Асоси замони ҳозираи феъли āžadan / āzadan аз эронии бостон * ā- jan- ва асоси замони гузаштаи он аз эронии бостон * ā-jata- маниҳ мегирад. Бунёди ин феъл *gan- ба маънои «задан, куштан» аст [Lenz 1926, 280; Mansurī, Hasanzāde 1387, 6-7].

Ōžandīdan/ōžanīdan (aβžandīdan/ aβžandan) «задан, куштан». Ас ин феъл дар «Шоҳнома» шакли сифати феъли ōžan (āβžan) «зананда, кушанда, афканда» дар вожаи мураккаби šērōžan, яъне «шерафкан» ба кор рафтааст. Дар забони портӣ ōžadan «задан, куштан» [Ghilain 1966, 55]; аз эронии бостон *ava- jan- [Henning 1933, 172], форсии миёна ōžadan «куштан» [MacKenzie 1971, 62], портии монавӣ ōžayān, дар форсии нав šēr- i žayān «шери зананда, кушанда» [Boyce 1977,17]. Дар мавриди тафсилоти ин феъл ниг.: [Mansurī, Hasanzāde 1387, 52].

Pažūhīdan / pežūhīdan / pižūhīdan «ҷустуҷӯ кардан, боз ҷустан, пайҷӯӣ кардан, ҷӯё шудан».

Дар «Шоҳнома»:

- ҷӯё шудан, ҷустуҷӯ кардан:

- پژوهید و هر گونه گفت شنید

- ба маънои талаб кардан:

- نه دانش پژوهد نه آیین و دین

Сифати феъли аз ин феъл pažūhīda «пажӯҳиш карда, бозҷуст», pažūhanda «ҷустуҷӯкунанда, ҷӯянда».

Дар форсии миёна wizōstan «пажӯҳидан, ҷӯстан», асоси замони ҳозираи ин феъл дар осори форсии яҳудӣ bzwb- [MacKenzie 1971, 93]

Pažmurdan / pižmurdan / pažmurīdan / pižmurīdan «хушкидан, пажмурда шудан, дигаргун шудан, афсурда шудан».

- хушкидан:

- پژمرد خواهد همی سبز برگ

- дигаргун шудан, табоҳ шудан:

- دریغا که پژمرد رخسار من

Дар «Шоҳнома» шакли pažmurīdan ба маънои «пажмурдан, пажмурда шудан» низ ба кор рафтааст:

- چرا پژمرانید رخ ارغوان

Шакли каузативи ин феъл pažmurāndan, яъне «пажмурда кардан»:

- همی پژمرانید ارغوان

Асоси замони ҳозираи феъли pažmurdan, яъне pažmur- аз эронии бостон *vi-zmṛya- ва асоси замони гузаштаи он аз сифати феъли замони гузаштаи эронии бостон *vi-zmṛta- (аз решаи *zmar- «пажмурдан») берун меоянд. Муқоиса шавад асоси замони ҳозираи ин феъл дар портии монавӣ wyzmr- (wizmar-) «пажмурдан» [Boyce 1977, 98], осори форсии яҳудӣ guzmurdan «пажмурдан» (< *wizmurdan бо табдили wi->gu-) [Mansurī, Hasanzāde 1387, 85].

Бархе аз шаклҳои портиро дар забони форсии нав бо дарназдиқшудаи вижагиҳои овоии лаҳҷаҳои шимоли ғарбӣ ва ҷануби ғарбӣ аз осори портӣ (портии монавӣ) ва паҳлавию форсии миёнаи монавӣ метавон ташхис кард. Барои мисол ин чанд намунаро дар форсии нав аз «Шоҳнома» зикр менамоем:

Anbārdan «анбоштан, пур кардан, анбор кардан» (Biyanbāram ba rōd-i Jayhun ba mušk); форсии миёна hambārīdan / hambārdan (hambār-) [MacKenzie 1971, 40]; аз эронии бостон *ham-pāra-, шакли замони гузашта аз эронии бостон *ham-pārta- (сифати феъли замони гузашта) аз решаи *par- «пур кардан» [Horn 1893, 111], форсии миёнаи монавӣ hambār-, портии монавӣ ambār- «анбор кардан, пур кардан» [Henning 1933, 193; Ghilain 1966, 75]. Шакли замони гузаштаи ин феъл дар форсии дарӣ дар «Шоҳнома» ба мушоҳида намерасад. Ин шакл дар осори форсии миёна низ ба кор нарафтааст. Бархе эроншиносон anbāštan- ро аз шакли anbārd дар натиҷаи таҳаввулоти овоии -rt-> (-rd-)> -št- донистаанд: anbārd > anbāšt. Шакли anbāštan дар «Шоҳнома» истифода нашудааст.

Andēšīdan «пиндоштан, андеша кардан, ҳаёл кардан», форсии миёна handēšīdan (handēš-) «андешидан» [MacKenzie 1971, 42], шакли замони ҳозира дар форсии миёна handēš- < эронии бостон *ham- dais- аз решаи эронии бостон *dais- «нишон додан» [Henning 1933,

207], авестоӣ daēs- «нишон додан» [Bartholomae 1904, 672], форсии миёнаи монавӣ handēš-, портии монавӣ andēš- = форсии нав andēš +īdan.

Anĵāmīdan (anĵām-) «анҷом ёфтан, ба поён расидан, ба ниҳоят расонидан», форсии миёна hanjāmīdan (hanjām-), ҳамчунин шакли замони гузашта hanjaftan «тамом шудан, ба поён расидан», hanjāftan «тамом кардан, ба поён расондан», шакли замони гузаштаи hanjaftan гунаи портии иктибос дар форсии миёна мебошад. Замони ҳозираи ин феъл hanjām- дар осори пахлавӣ махсуси забони портист. Шакли форсии миёна ё порсии он дар осори форсии миёнаи монавӣ - hnz'm (hanzām-) «ба поён расондан, анҷом додан» [Henning 1933, 190; Nyberg 1974, 96; MacKenzie 1971, 42; Boyce 1977, 46]. Нишонаи мансуб будани ин феъл ба лаҳҷаи шимоли ғарбӣ (портӣ) овози -j- (дар гурӯҳи -nj- дар муқобили -z- дар гурӯҳи -nz) дар лаҳҷаи ҷануби ғарбӣ (порсӣ) аст.

Аз ҳамин асос (эронии бостон *jāma-) ва решаи эронии бостон *gam- «рафтан, ҳаракат кардан» ба воситаи пешванди fra- дар форсии миёна феъли frazaftan/fražaftan (шакли шимоли ғарбӣ), ки дар форсии нав ба гунаи farjāmīdan маъмул гардидааст. Шакли farjāmīdan дар «Шоҳнома» ба кор нарафтааст.

Gunĵīdan (gunĵ-) «ҷой гирифтани чизе дар чизе ва ё маҳалле, ҷой гирифтан» <эронии бостон *vinča-; бо -nj- (<-nč-), дар забони тоҷикӣ γunjīdan, ҳамчунин gunjāiš= тоҷикӣ γunjoiš (ғунҷоиш).

Hištan (hil-) «раҳо кардан, вогузоштан, ба ҷой гузоштан», форсии миёна hištan (hil-) «раҳо кардан, ҳиштан» [MacKenzie 1971, 43], асоси замони ҳозира hil- < эронии бостон *hrda- «раҳо кардан»; асоси замони гузаштаи hišt- < эронии бостон *hršta- (сифати феъли замони гузашта) *hrz-ta-, аз решаи harz «раҳо кардан»; hil- шакли ҷануби ғарбӣ (порсӣ), hišt- шакли шимоли ғарбӣ (портӣ). Асоси замони гузаштаи ин феъл дар портӣ ва форсии миёна – hištan муштарак ба кор рафта, аммо асоси замони ҳозираи он дар форсии миёна hil- ва дар портӣ hyrz- (hirz-) бар асоси вижагиҳои лаҳҷаҳои ҷануби ғарбӣ ва шимоли ғарбӣ тафовут доранд. Дар мавриди феъли hištan дар форсии миёна (осори пахлавӣ) ниг.: Nyberg 1974, 100.

Дар иртибот ба чигунагии корбурди луғоти вижаи манотиқи шарқи Эрон дар осори шоирону нависандагони адабиёти форсии дарии давраи аввал, ба хусус осори аҳди Сомониён бояд ба мукаддимаи «Луғати Фурс» таваҷҷӯҳ сурат гирад. Дар оғози «Луғати Фурс» муаллифи он Асадии Тӯсӣ, ки худ зодаи Хуросон буд, чунин овардааст:

- وغرض ما اندر این لغات پارسی است که دیدم شاعران را که دیدم شاعران را که فاضل بودند ولیکن لغات پارسی کم میدانستند و قطران شاعر کتابی کرد و آن لغت ها بیشتر معروف بودندپس فرزندم حکیم خلیل اوحد اردشیر بن نیلمسپار النجمی الشاعر ادامه الله عزه از من که ابومنصور علی بن احمد الاسدی الطوسی هستم لغت نامه ای خواست چنان که بر هر لغتی گواهی بود از قول شاعری از شعرای پارسی و آن بیتی بود یا دو بیت و بر ترتیب حروف آ با تا ساختم.

(Аз мукаддимаи китоби «Луғати Фурс» ба тасҳеҳ ва иҳтимоми Аббос Иқбол, Теҳрон 1319, с.1).

Ин мукаддима навиштаи Носири Хусравро дар «Сафарнома» дар мавриди мулоқоти ӯ бо Қатрон дар Табрез ва дар хусуси он ки Қатрон «забони форсӣ некӯ намедонист» бори дигар таъйид мекунад. Бояд, калимот ва ё луғоти мавриди истифода дар осори шоирони Хуросону Мовароуннаҳр, ки махсуси забонҳо ва лаҳҷаҳои маҳаллии ин манотиқи шарқӣ мебошанд, барои ғарби Эрон ноошно ва номафҳум буданд. Дар як нусхаи дастнависи «Луғати Фурс» муталлиқ ба китобхонаи Ватикан, ки аз тарафи эроншиноси олмонӣ Паул Ҳорн дар соли 1897 дар Олмон ба табъ расонда шудааст, номи китоби «Луғати Фурс» чунин муаррифӣ гардидааст: «Луғати Фурс ба забони аҳли Балх ва Мовароуннаҳру Хуросон ва ғайруҳум». Аз ин унвон бар меояд, ки вожагони «Луғати Фурс» ба забонҳо ва лаҳҷаҳои манотиқи Балх ва Мовароуннаҳру Хуросон ва ғайра, яъне дигар маҳаллоти ин сарзаминҳо марбут мебошанд. Аз ин унвон пайдост, ки ин луғатнома махсуси манотиқи шарқи Эрон буда, дар шарҳу баёни луғоти мавриди истифода дар ашъори шоирони ин сарзаминҳо таҳия шудааст. Бинобар он ба ин луғот вожаҳои портӣ, суғдӣ ва дигар вожаҳои маҳаллӣ аз забонҳо ва гӯишҳои марказҳои бузурги воқеъ дар Хуросону Мовароуннаҳр шомил гардидаанд ва бархе аз онҳо дар «Луғати Фурс» муаррифӣ шудаанд [ниг.: Капранов 1964, 46-53].

Бинобар таъйиди муҳаққиқини «Луғати Фурс» ин фарҳангнома бо дарназардошти ҳама он нусхаҳои хаттии то замони мо расида шомили 2291 вожа буда, ки 1099 вожа ба нусхаи асосӣ мансуб аст [Капранов 1964, 188, поваракі 83]. Аз ин шумор дар ҳудуди 100 феъл низ дар ин луғат шарҳу маънӣ шудааст [Капранов 1964, 189, поваракі 100].

Аз феълҳое, ки муаллифи «Луғати фурс» аз шуарои Хуросону Мовароуннаҳр гувоҳ оварда ва шарҳ додаст, як теъдоди онҳо дар «Шоҳнома» ба кор рафтаанд. Аз ҷумла:

Kēbīdan (дар «Шоҳнома» kēpīdan) «аз роҳи рост мунҳариф шудан, аз ростӣ ба кажи кашидан»; дар «Луғати Фурс» makēb- «аз ростӣ ба ҷои дигар макаш» - дар шакли сиғаи амр, шахси дуюми танҳо; дар «Шоҳнома»- шахси дуюми ҷамъи сиғаи амр:

- مکیبید و از راستی مگزرید.

Феъли kēbīdan дар бархе лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар ҳамон маънои асл маҳфуз аст [Капранов 1964, 74].

Шакли kēpīdan дар «Шоҳнома» гунаи нахусти ин феъл бо ҳамсадои - p – буда, бо табдили -p- дар байни ду овози садонок -p->-β->-b- табдил шудааст, ки ин таҳаввулоти овоӣ дар забонҳои ғарбии эронӣ равиши маъмул мебошад.

Xarāšīdan «харошидан, реш кардан, маҷрӯҳ сохтан», дар «Шоҳнома» дар ин байт ба кор рафтааст:

- سیاوش بدو گفت کای ماهروی / بدینگونه مخروش و مخراش روی

Дар «Луғати Фурс» феъли maxrīš (сиғаи амр, шахси дуюми танҳо «махарош») чунин маънӣ шудааст:

- مخریش یعنی مخروش و مخراش . خسروی گوید:
- پیش آی و کنون آی خردمند و سخن گوی / چون حجت لازم شود از حجت مخریش

Дар ин байти Фирдавсӣ дар таркиби «maxrūš u maxrāš», ки Асадӣ maxrēš-ро бо ин таркиб маънӣ кардааст, на як феъл, балки ду феъли мустақил яке (maxrūš) дар маънои «хурушидан, гиря ва зорӣ кардан, фарёд кардан» (дар шакли инкор бо пешванди инкорӣ ma=na «на») ва дигар maxrāš (аз масдари xarāšīdan дар шакли инкорӣ бо ҳамин пешванди инкорӣ ба маънои «махарош рӯй», яъне «рӯи хеш махрош» ба кор рафтааст.

Дар боби дигари «Луғати фурс» (боби «шин») xarāš (масдари xarāšīdan ба ду маъно яке «харошидан» дигар «охол бувад, яъне сукӯн чун нобакор ва андохтанӣ» (шоҳид аз Рӯдакӣ).

Дар «Луғати Фурс» шакли maxrēš гунаи овоии maxrāš буда, дар пояи яке аз лаҳҷаҳои маҳаллӣ шакл гирифтааст ва он махсуси сиғаи амр бо пешванди ma- дар шахси дувуми танҳост. Чунин шаклҳои лаҳҷавӣ ва ё мухаффафи бархе аз феълҳо, ки дар ашъори шоирони Хуросону Мовароуннаҳр ҷой доранд, дар «Луғати Фурс» гирдоварӣ ва бо овардани гувоҳ маънӣ шудаанд.

Xunīda «маъруф ва машҳур бувад» («Луғати Фурс», 459), шоҳид аз Фирдавсӣ:

- خنیده میان کهان و مهان

Дар нусхаи мутааллиқ ба Саид Нафисӣ ба ин шарҳи болои маънои «писандида» низ афзуда шудааст [ниг.: «Луғати Фурс» 1319, 459, поваракӣ 5].

Шакли сифати феъли xunīda аз масдари xunīdan дар «Луғати Фурс» (с.121) xunīd (дар шакли таҳрифӣ шахси сеюми танҳо) чунин маънӣ шудааст: «овоз ва бонге бувад, ки миёни ду гурӯҳ афтад ва чизе сахт маъруф ва ошкороро хунид гӯянд». Дар шарҳи «хунид» боз ҳамон шоҳид, ки дар боло аз Фирдавсӣ зикр шуд, оварда шудааст.

γaltīdan «ғалтидан, афтидан, гардидани чисм ба рӯи чисми дигар»; дар «Луғати Фурс» (с.34) γalt- «ғалтидан бувад» (шоҳид аз Унсурӣ: Ba pēšaš biγaltīd āmīq ba xāk). Дар «Шоҳнома» феъли γaltīdan ва ин маъниҳо ба маънои «ғел хӯрдан, чарҳидан» низ омадааст.

γunudan- «ба хоб рафтан, осудан ва оромидан», дар «Шоҳнома»:

- سحر گه مرا چشم تغنود دوش

Дар «Луғати Фурс» (с.109) –γunud «ба хоб андар шуда бошад» (шоҳид аз Бушакур), γunuda (с.512) «ба хоб дар шуда бошад», ҳамон шоҳид аз Бушакур, ки дар шарҳи «ғунуд» омада буд.

Дар «Шоҳнома» γunuda «дар хоб шуда, хуфта»:

- غنوده شد آن بخت بیدار ما

Biγūsīdan «умед доштан, умед», дар «Луғати Фурс» (с.195) biγūs «тамаъ бувад, тамаъ ва интизор кардан» (шоҳид аз Унсурӣ); дар «Шоҳнома» шакли сифати феъли biγūsīdan- biγūsanda ба маънои «умедвор, умеддоранда».

Šaxūdan «реш кардан, харошидан». Ин феъл дар ашъори шоирони Хуросону Мовароуннаҳр ба кор рафтааст. Аммо феъли мазкур бештар дар «Шоҳнома» ва осори Носири Хусрав ба мушоҳида мерасад [ниг.: «Луғатнома»- и Деҳхудо, ч.9].

Дар «Шоҳнома»:

- شخود ست روی و بریدست مویی

Шакли сифати феълӣ аз ин феъл šaxūda «харошида, реш карда ба похун», бо пешванди bi-: bišaxūdan «харошидан, реш кардан». Ин ҳамо шаклҳо дар «Шоҳнома» ба кор рафтаанд.

Sitēhīdan «ситеза кардан», гунаи дигари ин феъл дар «Шоҳнома» -sitehīdan (Hamān Tus-i Nuzar bad-ān bistehīd); сифати феълӣ аз ин феъл: sitēhanda «ситезанда, он ки ситеза кунад»: sitēhīdan аз *stēh, портӣ ʿstyyhʿg [Henning 1937, 81].

Ҳамчунон ки аз омӯзиши осори забони форсии дарӣ ва дастнависҳои кӯҳани он бар меояд, дар оғози давраи ташаккули ин забон якҷо бо забони портӣ ва ё лаҳҷаҳои шимоли ғарбии Хуросон нақши унсурҳои забонҳои шарқии эронӣ, аз ҷумла забони суғдӣ назаррас мебошад, Чигунагии нуфуз ва корбурди вожаҳои шарқии

эронӣ, ба хусус суғдиро метавон аз «Луғати Фурс» - Асадии Тусӣ хулоса кард. [Дар мавриди маводи «Луғати Фурс» ниг.: нашрҳои матни луғат аз ҷониби П. Ҳорн (соли 1897), Аббос Иқбол (соли 1940), Дабир Сиёқӣ (соли 1957) ва таҳқиқи он ба хайси рисолаи номзадӣ аз ҷониби В.А. Капранов (соли 1964)].

Бояд тазаккур дод, ки «Луғати Фурс» яке аз нахустин ва муҳимтарин манбаъ дар гирдоварӣ ва шарҳу шинохти вожаҳои шарқии эронӣ дар осори шуарои Хуросону Мовароуннаҳр маҳсуб мешавад. Ин манобеи нодири луғавӣ, ки бештари онҳо дар давраҳои баъдии забони форсии дарӣ, яъне қарнҳои пас аз замони Фирдавсӣ аз истифода хорич гардиданд, имрӯз аз «Луғати Фурс» шинохта мешаванд. Корбурди бархе аз луғоти шарқии эрониро дар осори форсии нав бори нахуст П. Ҳорн дар мисоли як теъдод вожаҳои дорои овози «ғ» (γ) мавриди баррасӣ қарор додааст [Horn 1893, 8, 14, 57, 69]. Баъдан як теъдод вожаҳои суғдӣ дар забони форсии нав бар асоси манобеи хаттӣ аз ҷониби В.Б. Ҳеннинг [Henning 1939, 93-106] ва В.А. Лившитс [Лившиц 1957, 31-43], бо истифода аз вижагиҳои савтиёти суғдӣ, ки аз осори таҳқиқшудаи ин забон ошкор ва ташхис гардидаанд, таҳқиқ ва дар ихтиёри пажӯҳишгарон қарор дода шудаанд. Имрӯз яке аз манбаъҳои дар шинохти вожаҳои суғдӣ, аз ҷумла иқтибосоти суғдӣ дар забони форсии нав «Фарҳанги суғдӣ» таҳияи Б. Ғариб [Gharīb 1999] дониста мешавад. Дар ин фарҳанг бар асоси пажӯҳишҳои қаблӣ ва нашри осори суғдӣ ҳама луғоту истилоҳоти забони суғдӣ бо шарҳу тавзеҳ гирдоварӣ шудаанд. Ин фарҳанг яке аз манобеи арзишманд дар шинохти вожаҳои суғдӣ дар форсии дарӣ ба шумор меравад.

Теъдоди дигари вожаҳои суғдӣ ё шарқии эронӣ бар асоси дастнависҳои кӯҳани насри давраи аввал аз ҷониби Ж.Лазар [Lazard 1963] мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд. Дар маҷмӯъ ин ҳама осор ва манобеи то замони мо расида далели чигунагии нуфузи забонҳои эронии шарқӣ дар марҳалаи аввали ташаккули забони форсии дарӣ дар ҳавзаҳои адабии Хуросону Мовароуннаҳр буда, ҳадди таъсири ин забонҳо ва лаҳҷаҳои маҳаллиро ба забони форсии дарӣ бозгӯ менамоянд.

Дар осори форсии дарӣ якҷо бо дигар вожаҳои иқтибосӣ аз забонҳои шарқии эронӣ, ба вижа суғдӣ як теъдод феълҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки бештари онҳо дар ашъори шоирони Мовароуннаҳр ба кор рафта ва дар «Луғати Фурс» бо овардани шоҳид аз Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фирдавсӣ, Абушакури Балхӣ, Лабиби, Мунҷик ва шоирони дигари замони Сомониён маънӣ ва ташреҳ шудаанд. Дар асоси муқоисаи феълҳо аз фарҳангҳои таҳияшудаи луғоту истилоҳоти «Шоҳнома», «Лугатнома»-и Деҳхудо ва маводи гирдоваришудаи феълҳои «Шоҳнома» барои таҳқиқи мавзӯи ин рисола, метавон ба ин натиҷа расид, ки он феълҳои суғдие, ки дар ашъори шоирони Мовароуннаҳр ҳамчун луғати вижаи ин минтақа мавриди истифода қарор доштаанд, теъдоди ками онҳо дар «Шоҳнома» омадаанд. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки чунин феълҳо махсуси як минтақа буда, ҳудуди густариши онҳо низ ба манотиқи ҷуғрофии ҳудуд мешудааст.

Чанд намуна аз феълҳои мавриди истифода дар «Шоҳнома», ки дар «Луғати Фурс» аз ашъори шоирони ҳавзаи Мовароуннаҳр интихоб шудаанд: lūsīdan «чоплусӣ кардан» (Bilusīd u andar zamīn ō fītād / Bad- ān čāplūsī dil-i Gīv šād).

Дар «Луғати Фурс» бунёди номии ин феъл – lūs чунин маънӣ шудааст: lūs – «фурӯтанӣ бувад ва касеро ба чарбзабонӣ фирефтан ва ҷиҳ кардан» («Луғати Фурс», с. 193) (шоҳид аз Унсурӣ).

Alfanjīdan «гирд овардан, андӯхтан»: Mayalfanj dušman čū šāhī [illegible]. Асоси замони гузаштаи ин феъл alfaxtan дар «Шоҳнома» ба кор рафтааст. Дар «Луғати Фурс» ҳар ду асоси ин феъл ёд шудааст: alfaxtan, alfanj-; дар «Фарҳанги Зуфонгӯё» дар баробари ин ду шакли феъли мазкур, аз шакли alfāxtan низ ёд шудааст [Фарҳанг-и Зуфонгӯё 1974, 147, акси дастнавис вараҚи 36 б].

Pasēčīdan «сохтан, омода кардан, оростан» дар ашъори Рӯдакӣ pasēčīdan [Лившиц 1957, 34].

Дигар феълҳои суғдӣ ва сифатҳои феълӣ, ки дар ашъори шоирони Мовароуннаҳр маъмул будаанд, чанде аз онҳо дар «Шоҳнома» низ ҳамчун луғати роич дар Хуросон истифода шудаанд. Ба таври намуна: čaxīdan «ситеза кардан, чангу ситез кардан»; дар «Шоҳнома» низ ин маъно дар маъной «кӯшидан, сайъ кардан» низ омадааст. Феъли čaxīdan чандин бор дар ашъори Кисоӣ, Унсурӣ ва Носири Хусрав истифода шудааст. Шакли номии ин вожа дар лаҳҷаҳои ҷуғрофӣ, яъне čax, čaxāčaxī «чидол, чанг» маҳфуз аст. Дар осори суғдии миёнаи čx [čax-] «чангидан, ситеза кардан» [ниг.: Лившиц 1957, 40].

Дар «Шоҳнома» аз шакли сифати феъли чанде аз феълҳои суғдӣ, ки дар ҳамин шакл дар ашъори шоирони Мовароуннаҳр ба кор рафтаанд, истифода гардидааст. Чанд намуна: alfaγda «андӯхта, ҷамъшуда», āruγda «бераҳм» ва ғайра.

ФЕҲРИСТИ МАНОБЕЪ:

Бадр ад-Дин Ибрāхӣм. Фарханг-и Зафāнгӯйā ва джаханпӯйā (Словарь говорящий и мир изучающий). Факсимиле рукописи. Издание текста, введение, список толкуемых слов, приложения С.И. Боевой. – М., 1974.

Капранов В.А. «Лугати Фурс» Асади Туси и его место в истории таджикской (фарси) лексикографии. – Душанбе, 1964.

Лазар Ж. Общий язык иранских земель и его диалекты по текстам X-XI вв. н.э. // Народы Азии и Африки, 1961, № 4, с. 176-181.

Лившиц В.А. Согдийские слова в таджикском языке // Известия отделения общественных наук, № 12, 1957. - с. 31- 43.

Оранский И.М. Иранские языки в историческом освещении. – М., 1979.

Расторгуева В.С. Сравнительно- историческая грамматика западноиранских языков. Фонология. – М., 1990.

Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. - Душанбе, 2001.

Bartholomae Chr. Altiranisches Worterbuch. – Strassburg, 1904.

Boyce M. A word –list of Manichaean middle Persian and Parthian // Acta Iranica.- leiden, 1977.

Gharib B. Sogdian Dictionary. – Tehran, 1999.

Ghilain A. Essai sur la langue Parthe. – Louvain, 1966.

Henning W. B. Das verbum des Mittelpersoschen der Turfan Fragmente // ZII /- 1933. Bd 9. –H. 2.

Henning W.B. A list of Middle- Persian and Parthian words// BSOS, 1937. c. 79-92.

Henning W.B. Sogdian Loan- words in New-Persian // BSOS, 1939, V.10, pt. 1. - c. 93-106.

Horn P. Grundriss der neupersischen Etymologie. – Strassburg, 1893.

Lazard G. La langue des plus anciens monuments de la prose persane. – P., 1963.

Lentz W. Die nordiranischen Elemente in der neupersische Literatursprache bei Firdosi // ZII. – 1926. Bd 4. – H.2. –S. 251-316.

MacKenzie D.N. A concise Pahlavi Dictionary. L.: 1971.

Nyberg H.S. A Manual of Pahlavi. Pt.II. Glossary. – Weisbaden, 1974.

Tedesco P. Dialektologie der Westiranischen Turfantexte // MO. 1921. – Vol. 15.- S. 184-258.

دهخدا علی اکبر. لغت نامه. جلدهای 1،9. تهران، 1377.

کتاب لغت فرس . تالیف ابو منصور علی بن احمد اسدی طوسی . تصحیح و اهتمام عباس اقبال – تهران، 1319.

منصوری یدالله ، حسن زاده جمله . بررسی ریشه شناختی افعال در زبان فارسی. تهران، 1387.

ШОДИЕВ Р.

ПАРФЯНСКИЕ И СОГДИЙСКИЕ ГЛАГОЛЫ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В статье анализируются парфянские и согдийские глаголы на материале глагольной лексики «Шахнаме» Фирдоуси. Парфянские и согдийские простые глаголы определены по фонетическим признакам северо-западных и восточно-иранских языков и местных диалектов Хорасана и Мовераннахра.

При историко-лингвистическом анализе выявлены более семнадцати парфянских глаголов и некоторые согдийские или восточноиранские глаголы, которые были заимствованы в лексике классического персидско-таджикского языка раннего периода. Также установлена роль глагольной лексики парфянского и согдийского языков в становлении и развитии языка дари на территории Хорасана и Мовераннахра.

R. SHODIEV

THE PARTHIAN AND SOGDIAN VERBS IN SHAHNAME BY FIRDOUSI

In article are analyzed the Parthian and Sogdian verbs in conformity with material of the verb vocabulary of Shahname by Firdousi. The Parthian and Sogdian simple verbs are determined on phonetic grounds of North-West and East-Iranian languages and local dialects of Khurasan and Moveraunnakhr.

With historical and linguistic analysis are revealed more than seventeen Parthian and some Sogdian or East-Iranian verbs, they have been borrowed at the vocabulary of the classical Persian-Tajik language an early period. In addition, it is determined the role of the verb vocabulary of the Parthian and Sogdian languages in the formation and development of the Dari language in the territory of Khurasan and Moveraunnakhr.

МАВОДИ АНҶУМАНИ НАХУСТИНИ ИЛМӢ-ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК ОИД БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ҲАЛТАЛАБИ ОН

Моҳи августа соли 1930 (22 август) дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Сталинобод нахустин Анҷумани илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон барпо шуд. Ин Анҷуман дар ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон рӯйдоди ниҳоят боарзиш ва муҳим буд ва дар он аз «профессорони Ғарб сар карда, то қувваҳои илмии кӯҳистони Бадахшон» ширкат доштанд ва он «ба ҳал кардани чанде аз масъалаҳои илмӣ ва корҳои маданияти пролетарӣ аҳамият ва қимати худро дар саҳифаи таърих ёдгор гузошт ва таҳкурсии маданияти пролетариро барпо намуд» [Роҳбари дониш, 1930, 41-42].

Масъалаи забони адабии тоҷикӣ дар ин Анҷуман ҳам яке аз масъалаҳои марказӣ буд ва тавсияҳои гуногуне, ки дар ин маврид маҷлису конференсияҳои мухталиф тайи 4-5 соли охир пешниҳод карда буданд, аз тарафи вакилони Анҷумани «чуқуртар дида шуданд». «Қарорҳои ин Анҷуман ба забон ва лаҳҷаи тоҷикон мутобиқ афтода, пойдор ва тағйирнопазир мемонад» [Роҳбари дониш, 1930, 41-42], навишта буданд муфассирони маҷаллаи «Роҳбари дониш» дар бораи аҳамияти қарорҳои ин Анҷуман.

Аҳамияти ин Анҷуман дар он буд, ки фикру андешаҳо ва пешниҳодоту назариётеро, ки то он замон аз ҷониби забоншиносону зиёиёни тоҷик ва мутахассисони рус изҳор гардида буданд, ба инобат гирифта, қоидаҳои муваққатии имлоро такмил ва ислоҳ кард ва алифбои навро то ҷойи имкон ба қонуну қоидаи савтиёти забони тоҷикӣ мутобиқ сохта, онро барои омӯзиши ҳамагон пешкаш намуд.

Дар Анҷуман доир ба масъалаи забон Н. Бектош ва профессор А.А. Семенов маърӯза карданд. Пас аз баҳсу мунозираҳои тӯлонии шашрӯза Анҷуман аҳамият ва зарурати муайян кардани забони адабии тоҷикии «ба омма наздик ва оммафаҳм»-ро ба ибораҳои хоси сиёсии он солҳо чун «сохтмони сотсиалистӣ», «баланд бардоштани дараҷаи оммаи меҳнаткашони тоҷик» ва «ҷорӣ кардани таълимоти маҷбурӣ» иборат аз се модда қарор содир намуд, ки аз русӣ тарҷума шуда буданд [Назарзода 2004, 169-170].

Ба манзури дарки моҳияти ин қарор ва нишон додани чигунагии тағйироти забони тоҷикӣ дар асари сиёсати забонӣ дар тӯли 7-8 соли баъди инқилоб он моддаҳоро барои мисол айнан меоварем:

«1. Забони мавҷудаи адабӣ, ки бисёртар мероси муносибатҳои ичтимоии давраи феодалӣ мебошад, моҳиятан баъд аз инқилоб ба тарафи забони зиндаи омма нигоҳ карда дигаргун шуда бошад ҳам, бо

ҳамаи ин хоҳ аз ҷиҳати сарфии худ ба дараҷае, ки лозим аст ба наздикӣ мувофиқ мадааст ва ин тараққикунонии дараҷаи мадании оммаро душвор нагардонад, кори тайёр кардани кадрҳо аз забон барои ҳама навъҳои ҳаётӣ ва маданӣ ба ақиб меандозад.

2. Яке аз яроқҳои муҳими зиндагонии маданӣ ва силоҳи муборизаи синфӣ будани забонро ба назар гирифта Анҷуман чунин мешуморад: Забони адабии тоҷик барои боло бардоштани савияи меҳнаткашони тоҷик ва барои кашидани оммаи ранҷбарон ба тарафи сохтмони сотсиалистӣ ҳанӯз яроқи мукаммал нашудааст. Бинобар ин, барои оммаи васеъро як намудани забони адабӣ як қатор чорабиниҳои ташкилотӣ дидан лозим аст. Анҷуман инро ба назар мегирад, ки ҳамаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ, хоҳ аз ҷиҳати лугат ва хоҳ аз ҷиҳати сарфӣ як қатор хусусиятҳои муштарак доранд, ки аз забони адабӣ фарқдор мебошанд ва ин хусусиятҳоро дар забони адабӣ кор фармудан лозим аст.

3. Анҷуман дар забони тоҷикӣ мавҷуд будани шеваҳои гуногунро қайд намуда, чунин мешуморад, ки фарқ миёни онҳо чандон зиёд нест, ки барои ба вуҷуд овардани забони адабии ягонагӣ, ки бояд забони муассисаҳои давлатӣ, китобҳои дарсӣ, асарҳои илмӣ, матбуот ва ғайра шаванд, мамониате карда натавонанд.» [Роҳбари дониш, 1930, 41-42].

Ҳоло барои дарёфти маълумоти муфассал дар бораи ин анҷуман ҷамъбасти кори он, ки дар маҷаллаи «Роҳбари дониш» №10,11,12 соли 1930 чоп шудааст, пешниҳод мегардад.

Назарзода С.

Ҷамъбаст ва қарорҳои анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон

Дар охирҳои моҳи августа ҳамин сол дар шаҳри Сталинобод анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон барпо гардид. Дар анҷуман аз бисёрии районҳои Тоҷикистон ва аз яҳудиёни ҳаваӣ низ намояндагон мавҷуд буда, ҳатто аз ҷумҳуриятҳои ҳамсояи ғайри тоҷикзабон монанди Туркманистон вакилҳо иштирок доштанд.

Пеш аз анҷуман қувваҳои илмӣ аз профессорон ва олимон дар Сталинобод гум шуда, ба анҷуман тайёрии нагз дида материал ва маърӯзаҳо тайёр карда буданд.

Барои ин ки мартабаи якум дар маркази ҷумҳурияти сотсиалистии Тоҷикистон олимони шӯрой ҷамъ шудаанд, ин анҷуман ба шукӯҳ ва тантанаи тамом давом карда, ба ҳам кардани чанде аз

масъалаҳои илмӣ ва корҳои маданияти пролетарӣ аҳамият ва қиммат худро дар саҳифаи таърих ёдгор гузошт ва таҳкурсии маданияти пролетариро барпо намуд.

Масъалаҳое, ки дар ин анҷуман гузошта шуда буд, ҳақиқатан таҳкурсии маданияти пролетарӣ буданашро аз номи худ нишон медод, ки вай масъалаҳои забони адабӣ алифбо ва имлои тоҷикӣ буд. Ҳал нашудани ин масъалаҳо буд, ки то альон бо пешрафти маориф ва маданияти тоҷикзабонони сактаҳои оварда бо алифбои арабӣ, шеваҳои мадрасагӣ ва имлоҳои гуногуни худаш корро душвор мекард. Ҳарчанд баъд аз ташкил ёфтани ҳукумати шӯравӣ дар ҳудуди Тоҷикистон дар шаҳрҳои Тошкент ва Самарқанд маҷлисҳо ва конфренсияҳои илмӣ барпо гардида, ин масъалаҳоро як қарор дида бошад ҳам, аммо ин қарор соҳиби материал ва қувваи зиёде набуд, чун ин конференсия қарорҳои қатъӣ дода натавониста буд, ин анҷумани якуме буд, ки аз профессорони ғарб сар карда, то қувваҳои илмии кӯҳи Бадахшон дар канори худ гирифт ва масъалаҳоро бо шакли миллӣ ва мазмуни пролетарӣ мувофиқи лаҳҷа ва шеваи худ тоҷикон ҳал кард. Барои ин ки як чанд қувваҳои илмӣ то анҷуман масъалаҳои дар анҷуман гузашта мешудагиро аз тарафи илмӣ ва материалҳои гумшуда дида баромада буданд ва боз ин масъалаҳо ба анҷуман аз тарафи намояндагон чуқур дида шуд, мумкин аст, гӯем ки қарорҳои ин анҷуман ба забон ва лаҳҷаи тоҷикон мутобиқ афтода, пойдор ва тағйирнопазир мемонад.

Дар анҷуман чаҳор масъалаи асосӣ буд.

1. Забони адабии тоҷик
2. Алифбо
3. Имло
4. Масъалаи алифбои Шуғнонӣ

Ба масъалаи забони адабии тоҷик рафиқон Бектош ва профессор Семёнов, ба алифбо Раҳим Ҳошим ва Климчитский, ба имло Бектош, ба алифбои Шуғнонӣ рафиқ Дяков маърӯза карданд.

Масъалаи охирин, ки алифбои Шуғнонӣ буд, ин масъалае ки альон касе дар бораи он фикр накарда, ҳатто агар ин масъала дар замони амирӣ ё подшоҳии рус касе мебардошт, боиси ханда ва ма... мешуд. Имрӯз диктатураи пролетарӣ замина ҳозир кард, ки барои якчанд миллати майда ки ба забони алоҳида гап мезаданд, алифбо... махсус тайёр карда шавад ва онҳо маданияти худашонро ба забон ва алифбои худ баранд. Ин масъалаи тозаро ҳамаи намояндагон ба чапакзанӣ қабул карда бо шавқузавқ музокираҳо менамуданд ва барои Шуғнониён алифбои алоҳида карданро яке аз роҳҳо... пешрафти маданияти анҷуман дониста ба тӯғригии ҳал шудан...

масъалаи миллӣ дар замони диктатураи пролетарӣ офарин ва таҳниятҳо мекарданд. Ҳақиқатан ин масъала масъалае аст, ки танҳо дар замони диктатураи пролетариат ҳал мешавад ва шуд. Ва барои дигар миллатҳои майдаи Тоҷикистон будагӣ монанди Яғнобӣ, Ваҳонӣ ва дигарон бо ин ки шумораи онҳо бисёр кам ва ҳаҷм ба ... аст, низ ба кори алифбои нави алоҳида сар карданро анҷуман ... карда гузашт ва барои роҳ ва чорабинӣ тайёр карданро ... дид.

Умуман анҷуман дар давоми шашрӯзаи худаш ҳамаи масъалаҳоро ба таври чуқур ҳал карда, қарорҳои қатъии худро ... ки аз нишондодҳои поён аст:

Қарор дар масъалаи забони адабӣ

Анҷумани илмии забоншиносии умумии Тоҷикистон масъалаҳои забони адабии тоҷикӣ ва истилоҳотро музокира намуда ба ин қарор омад:

1. Масъалаи муайян кардани забони адабии ба омма наздик ва оммафаҳм ба муносибати сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон, ба муносибати зарурияти боло бардоштани дараҷаи оммаи меҳнаткашони тоҷик ва ҷорӣ кардани таълими маҷбурӣ ва дигарҳо аҳамияти бисёр бузурге пайдо мекунад.

Забони мавҷуди адабӣ, ки бисёртар мероси муносибатҳои ... давраи феодалӣ мебошад, моҳиятан баъд аз инқилоб ба тарафи забони зиндаи омма нигоҳ карда дигаргун бошад ҳам бо ... ин хоҳ аз чиҳати таркиби нафсии худ ва хоҳ аз ҷиҳати сарфи ... ки лозим аст, ба наздикӣ наомадааст ва ин тараққӣ ... дараҷаи маданиии оммаро душвор мекунад, кори тайёр ... кадрҳо аз забон барои ҳама навъҳои хоҷагӣ ва маданӣ ба ... меандозад.

2. Яке аз яроқҳои муҳимми зиндагонии маданӣ ва салоҳи ... синфӣ будани забонро ба назар гирифта анҷуман чунин ... мешуморанд: забони адабии тоҷикон барои боло бардоштани савияи меҳнаткашони тоҷик ва барои кашидани омили ранҷбарон ба тарафи ... сотсиалистӣ ҳанӯз яроқи мукаммал нашудааст. Бинобар ин барои оммаи васеъро як намудан, забони адабӣ як қатор ... ташкилотӣ дидан лозим аст.

Анҷуман инро ба назар мегирад, ки ҳамаи шеваҳои тоҷикӣ хоҳ ... ҷиҳати лугат ва хоҳ аз чиҳати сарфӣ як қатор хосиятҳои муштарак ... ки аз забони адабӣ фарқдор мебошанд ва ин хусусиятҳоро ... забони адабӣ кор фармудан лозим аст.

3. Анҷуман дар забони тоҷикӣ мавҷуд будани шеваҳои ... ро қайд намуда, чунин мешуморад, ки фарқ миёни онҳо

чандон калон нест, ки барои ба вуҷуд овардани забони адабии ягонагӣ, ки бояд забони муассисаҳои давлатӣ, китобҳои дарсӣ, асарҳои илмӣ, матбуот ва ғайра шаванд, мумониатӣ карда натавонанд. Аммо дар хусуси асарҳои адабиёти нафиса анҷуман лозим намедонад, забони онҳоро маҳдуд намояд ва ба нависандагон имкон медиҳад ки аз ҳар шеваҳо ки мехоҳанд истифода намоянд.

4. Доир ба масъалаи истилоҳҳои илмӣ: инчунин нигоҳ доштани истилоҳҳое, ки хоҳ аз забони худи форсӣ, тоҷикӣ ва хоҳ аз забонҳои дигар (масалан: арабӣ, юнонӣ ва ғайра) ба забони мо даромада ҳозир дар забони адабӣ кор фармуда мешавад, дарк мешуморад. Масалан: калимаҳои нестӣ, ҳастӣ, кимиё, фалсафа, ҷуғрофия, мусиқӣ ва ғайра бояд ки дар забони адабӣ нигоҳ дошта шаванд.

Аз тарафи дигар дар илмҳои табиӣ (монанди ҳайвонот, наботот) ва ҳамчунин дар хоҷагӣ ва дар луғат ва кор, ном ва истилоҳҳое ҳастанд, ки ҳанӯз ба забони адабии тоҷик надаромада бошанд ҳам дар забони зиндаи халқ мавҷуд мебошанд. Инҳоро ба зудӣ ғундошта ба майдон бароварда аз ҳозир сар карда баъд ба имкон ва зарурат дар эҳтиёҷҳои илмӣ ва адабӣ кор фармудан лозим аст.

5. Ба муносибати азнавсозии хоҷагӣ ва саноатӣ кунонидани мамлакат ба забони ҳозираи тоҷик як тӯда истилоҳҳои европоӣ даромад ва даромада истодааст. Дар ин забонҳо таъсири забони адабӣ (хусусан истилоҳҳои динӣ ва схоластикӣ) торафт кам шудааст.

Анҷуман лозим медонад, ки баъд аз ин ба забони адабӣ аз забони арабӣ истилоҳҳои нав гирифта нашавад. Дар вақти эҳтиёҷ ба гирифтани истилоҳҳои хориҷӣ истилоҳҳои евроиӣ - байналхалқӣ ба назар дошта шавад. Вале онҳоро дар шакле, ки забонзади мардум аст, қабул кардан лозим аст. Аммо дар аснои қабул кардани истилоҳҳои нави европоӣ решаи онҳоро мувофиқи аслаш нигоҳ доштани сиғаи тасарруфҳояшро ба қонун ва оҳанги забони тоҷикӣ тобеъ кардан лозим аст, масалан: электрик, электрикӣ, электронидан. Номҳои кӯтоҳкардашуда, ки дар микёси иттифоқ ҷорӣ аст, низ ба қатори истилоҳҳо ҳисоб карда шавад. Дар гирифтан, ё ки нагирифта шудани онҳо моддаҳои боло риоя карда шавад. Он чи аз русӣ гузаштааст, мемонад ва дар оянда аз ҳад ва имкон набаромада калимаҳои мухтасари тоҷикӣ сохтан мумкин аст. Бо мақсади муайян кардани истилоҳҳои илмӣ, дарсӣ ва сиёсӣ анҷуман лозим медонад, ки дар назди комиссирияти маорифи Тоҷикистон кумитаи луғат ва истилоҳ ташкил карда шавад ва ин кумита ба зудӣ ба кор сар кунад ва

[illegible]фаи ба зудӣ нашр кардани китобҳои луғат ва истилоҳро назди [illegible]гирорад.

Азбаски масъалаи ба майдон баровардани қоида ва шаклҳои [illegible] адабӣ «халқӣ» Тоҷикистон (муайян кардани шева ва [illegible]ҳои вай) умуман барои забон ва хусусан барои забони адабии [illegible] зарур мешуморад. Бинобар ин аз ҳозир сар карда кори ин бо [illegible]ни муайян омӯхтани шеваҳои халқӣ ҷамъ кардани материалҳо, [illegible]вардани луғати забони тоҷик (хоҳишӣ, хоҳ...) тартиб додани [illegible] забони зинда (забони гуфтугӯ) ва омӯхтани асарҳои адабӣ аз [illegible] адабиёт сар кардан лозим аст.

Қарор дар масъалаи алифбо

Анҷумани якуми забоншиносии умумии Тоҷикистон қайд [illegible] мегузарад, ки дар даврае, ки баъд аз конференсияи Тошкент [illegible]ташт аст, дар паҳн намудани мафкураи алифбои нав дар байни [illegible] васеъ ва ҳамчунин дар ҷорӣ намудани алифбои нави тоҷикӣ [illegible]ффақиятҳои бузург дида мешавад.

Анҷуман бо қаноати зиёде қайд мекунад, ки ба монеияти [illegible]рони муҳофизакор нигоҳ накарда мафкураи лотинонидан аз [illegible]фи оммаи меҳнаткашон ва ҷамоатчигии Шӯрои Тоҷикистон нагз [illegible] карда мешавад. Анҷуман қайд мекунад, ки лоиҳаи алифбое, ки [illegible]арафи конференсияи Тошкент қабул карда шуда буд, аз ҷиҳати [illegible]фиқ буданаш ба савтиёти забони тоҷикӣ асосан ҳаётӣ будани [illegible] исбот намуд.

Анҷуман ба алифбои якшудаи халқҳои иттифоқи шӯроҳо [illegible]маи ҳамроҳ шуда дар бораи ин орзу мекунад, ки КМ АН [illegible]фоқ дар оянда дар аснои муайян кардани алифбои якшуда [illegible]ҳои забонҳои эронии СССР-ро ҳам дар назар гирад.

2. Анҷуман тамоман масъалаҳои мубоҳисадори алифбои нави [illegible]ро ҳаматарафа музокира карда, ба ин қарор меояд, ки дар [illegible] муҳимми шеваҳои тоҷикӣ овози (й) вов-и маҷҳул мавҷуд нест [illegible] вов бо (й) вови маъруф мувофиқ мебошад, барои ҳамин дар [illegible] таълим хондан ва навиштан душвориҳо ба миён меояд. Барои [illegible]ён бардоштани ин душвориҳо минбаъд овозҳои (й) ва (ӣ) бо як [illegible] (ӣ) нишон дода шавад ва ин шаклро бо хосиятҳои шеваҳо [illegible]фиқ карда кор фармудан мумкин хоҳад шуд. Ин ҳол дар [illegible]ҳое, ки ин се овоз (яъне и, ӣ, й) фарқ доранд, дуруст хондан ва [illegible]штанро осонтар карда, дар шеваҳое, ки фақат дутоии ин овозҳо [illegible], душвории мавҷударо аз миён мебардоранд.

3. Шаклҳои (і) ва (і) алифбои нави тоҷикӣ нигоҳ дошта [illegible]анд, ҷои навиштани (і) дароз дар вақти дуруст кардани қоидаҳои [illegible] таъин карда шавад.

4. Барои нишон додани овози () мисли шакли () қабул карда шавад. Ин шакл аз як тараф моро ба алифбои якшудаи иттифоқ ҳамроҳ мекунад ва аз тарафи дигар ҳозир дар алифбои нав кор фармуда мешавад.

5. Шакли () дар алифбои нави тоҷикӣ нигоҳ дошта шавад, чаро ки ин овоз ҳарчанд кам бошад ҳам дар калимаҳои тоҷикӣ дида мешавад ва барои навиштани калимаҳои хориҷӣ ҳам даркор мешавад.

6. Ҳарфҳои калон ба таври қатъӣ қабул карда шаванд.

7. Шаклҳои (О) ва (А) мувофиқи конференсияи Тошкент кор фармуда шавад.

Қарор дар бораи имлои нави тоҷикӣ

Анҷуман баъд аз кор карда баромадани материалҳои илмӣ ба қарори зер меояд:

1) Анҷуман қайд мекунад, ки дар муайян кардани қоидаҳои имлоӣ танҳо як лаҳҷаро асос гирифтан аз хусусиятҳои лаҳҷа (ё ки шева)-ҳои дигар чашм пӯшидан мувофиқи мақсад нест. Бинобар ин ҳамаи лаҳҷаҳоро дар назар дошта истода қоидаҳои имлогии сарфии муштарак муайян кардан лозим аст.

Қайд: азбаски забони адабии тоҷик то як дараҷа ҳамаи хусусиятҳои лаҳҷаҳоро ба худ акс кунонидааст, бинобар ин дар тартиби қоидаҳои имлогӣ дар ваҳлаи аввал ба забони адабӣ мавҷуда муроҷиат кардан зарур аст.

2) Азбаски забони тоҷик ду лаҳҷаи асосӣ ва як қатор шеваҳои дарунӣ дорад, бинобар ин имлои тоҷикиро дар асоси сифи савтӣ ниҳодан мумкин нест. Бинобар ин имлои нави тоҷик дар принципи шаклӣ ниҳода мешавад.

Қайд: дар лаҳҷаҳои ҷудогона аз принципи савтӣ ҳам истифода кардан мумкин аст.

3) Азбаски забони адабии тоҷик аз лаҳҷа ва шеваҳои гуногун истифода мекунад, қонуни таҳаввулотӣ, савтӣ дар он собит нест, балки дар ҳар ранг намоён аст, бинобар ин дар навиштани ин дигаргуниҳо ба дараҷае, ки қонунҳои савтӣ имконият медиҳад, принсипи шаклиро риоя кардан лозим меояд.

4) Таҳаввулоти савтӣ дар забони адабӣ (дар овоздорҳо) мисли зер аст:

Овоздорҳо:

а) Дар баъзе аз калимаҳое ки бо (а) пеш аз сомит) сар мешавад, бисёр вақт ҳамин сомит (а) афтода мешинад. Масалан: агар-гар (ар)

б) Инчунин сомитҳое, ки дар сари калима пеш аз ду сомит меоянд, низ афтода метавонанд. Танҳо аз чиҳате, ки ҳеч кадом калимаи тоҷикӣ (форсӣ) бо ду сомит сар шуда наметавонанд бинобар ин сомити аввал ба худ як сомити дигар қабул мекунад. Масалан:

Афредун - Фаредун, уштур - шутур, акнун - кунун.

Баъзан сомитҳо ҷои худро дигар ҳам мекунанд:

Гулистон - гулситон.

в) Ҳар гоҳ агар дар пеши калимаҳое, ки (зиёди феълҳо) бо сомити кӯтоҳ сар мешаванд, ҳиссаҳои «би», «ма» оварда шавад, он вақт ҳамон сомитҳои кӯтоҳ гум шуда метавонанд:

Гузор - магзор

Фиган - бифиган

г) Агар ба баъзе аз феълҳое, ки дар сиғаи амрашон (сомит+соит+сомит) воқеъ шудааст, (махсусан соитҳои «А» ва «Ӣ» ҷуръе, ки аввалаш сомит аст, ҳамроҳ карда шавад, онвақт (а, о ва ӣ) ба (у) бадал шуда метавонанд.

Бар - бурдан

Шумор - шумурдан

Озар - озурдан

Мир - мурдан

г)Соитҳои дарози дар миёнаи калима пеш аз (х) ба соитии кӯтоҳ бадал шуда метавонад.

Моҳ - мах

Коҳ - ках

д) «а» ва «у»-ҳои охир ба худ « » илова қабул карда метавонанд.

По - пой

Пот - поят

Поҳо - пойҳо

Рӯ - рӯй

Ҷӯ - ҷӯй

Ҷо - ҷой ва ҳоказо...

е) и й (ӣ)-ҳои охирин пеш аз дунболачаспакҳое, ки ба соит сар мешаванд, бо (и и) ва (і j) бадал хоҳанд шуд.

Абрӯ - абрувон Моҳӣ - моҳиён

Инчунин калимаҳое, ки дар аввалашон калимаҳои: би, ки, чи, ба, ма ҳамроҳ карда шудааст, баъд аз ҳамин калимаҳо як «j» илова қабул мекунанд:

Био - Биё

Ки ам - киям
Наомадан - наёмадан
Мао - маё

ё) Аз тарафи дигар феъли (аст), ки дар охири шахси сейуми муфрад меояд, сомити аввали худашро ва калимаҳои: «на, би, ки, чи, зи, ма» сомитҳои охирини худашонро напартофта метавонанд.

Абрӯ аст - арӯст.
Муҳаё аст - муҳаёст
Наомад - номад
Ки омад - комад
Зи ин - Зин
Маандеш - мандеш
Не аст - нест
Ки аст - кист
Чи аст - чист ва ҳоказо....

5. а) Дар забони зиндаи тоҷик ҳар як ҳичо дар калима як соит дорад, бинобар он дар хат ҳам ин соитҳо партофта намешавад.

б) Дар охири ҳичоҳо ду сомити пайдарҳам омада метавонад, лекин дар аввали ҳичо пайдарҳам омадани ду сомит имло мумкин нест.

Қайд: дар калимаҳои хориҷӣ пайдарҳам омадани ду сомит мумкин аст, монанди: Профессор, пролетар

6. Ҳар як калимаи мустақил дар хат аз калимаҳои дигар ҷудо навишта мешавад.

7. Ҳамаи часпакҳо (хоҳ сарчаспак бошад ва хоҳ дунболачаспак) як ҷузъи калима ба ҳисоб гирифта шуда бо калимаҳои аслӣ дар як ҷой навишта мешаванд.

8. Ҳамаи бандакҳо (бандакҳои наҳвӣ ҳам) калимаҳои мустақил ба ҳисоб гирифта шуда ҷудогона навишта мешаванд.

Қайд: бандакҳои «ву, йу, у»-ро ба калимаҳое, ки пеш аз онҳо меоянд, як навиштан лозим аст.

9. Калимаҳои мураккаб аз гурӯҳи «сарпӯш, мурдашӯй», ки аз ду калимаи мустақил пайдо шуда, ба як чиз ном шудаанд, баҳам навишта мешаванд.

10. Калимаҳои мураккаб аз гурӯҳи: «хонаи кӯдакон», ки номи як чиз бошанд ҳам тамоман як шуда нарафтаанд, аз ҳамдигар ҷудо (дар дохили худ) навишта мешаванд.

11. Баъзе аз калимаҳои мураккаб, ки ҷузъи онҳо ҳоло мустақилии худро гум накардаанд, аз гурӯҳи:

Майда - чуйда
Коса - табак

Инчунин баъзе аз хелҳо ва калимаҳои нидо, ки аз ду бор такрор шудани айни калима пайдо шудаанд ва ададҳои тавзӣ:

Тахта - тахта
Рах - рах
Як - як ва ҳоказо....

Бо нимтире аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд.

12. Исми феълҳои пайваста аз қабили:

Кушокушӣ
Занозанӣ як навишта мешаванд.

13. Ҳамаи феълҳои мураккаб (аз гурӯҳи «хоҳам хонд, бояд меҳондам» ва ҳоказо....) дар дохили худ аз ҳамдигар ҷудо навишта мешаванд.

14. Дар сифатҳои таъкидӣ сарчаспакҳои такроршаванда бо нимтире ҷудо карда мешаванд.

Сап - сафед
Суп - сурх

15. Таркибҳои сифатдори роста (аз қабили гули сурх) ҷудо ва таркибҳои сифатдори чаппа аз қабили (навбог) ва ҳоказо якҷо ба ҳам навишта мешаванд.

16. Шумораҳои мураккаб, ки муносибат ва байни унсурҳои ҷудогона изофӣ аст:

бисту - як
сию - се ва ҳоказо...
ҷудогона навишта мешаванд.

17. Шумораҳои касрӣ агар адоти «аз» дошта бошанд, ҷудо.

Аз сад - як
на агар надошта бошанд
даҳяк
садяк
ба ҳам навишта мешаванд.

18. Ҳамаи адотҳои мафъул ба ғайр аз (ро) адоти мафъул ба ҷудогона навишта мешаванд. Танҳо (ро) дар охири калима ба ҳам навишта мешаванд.

19. Адоти нафӣ дар сари феълҳо ҷудогона навишта мешаванд:

«На омад»

Қайд: дар сари исм ва сифатҳо агар вазифаи часпакиро ифо кунад ба ҳам навишта мешавад.

20. Лафзчаҳои «чи, *ку*, дия ва да» ба воситаи як нимтире ба калимаи пеш аз худашон баста мешаванд.

21. Ҳарфи думазмунаи (ӣ) танҳо дар ҷои аввал маҷҳул (пеши ҳаҷ) истеъмол карда мешаванд.

Қайд: Калимаҳое, ки нисбат ба лаҳҷаҳо дар талаффузи вови мачҳул ва вови маъруф ихтилоф доранд, ба воситаи луғатчаи имло муайян карда мешаванд.

22. «і»,,, танҳо:

ба ҷои «ё»-и нисбат, 2-дар сифатҳои исм гардида, ба ҷои ӣ исмӣ, 3-дар охири сифатҳои феъли ва дар баъзе аз калимаҳо ҷудогона, ки (ӣ) дар ҳама лаҳҷаҳо собит аст, истеъмол карда мешавад ва онҳо ба воситаи луғатчаи имло нишон дода мешаванд.

23. Апостроф ду вазифа дорад:

1) Дар дохили калимаҳо барои аз сари нав талаффуз кардани як ҳиҷо ва овози ҳамон ҳиҷо.

2) Дар охири калимаҳо ба ҷои овози ҳамза ва айн.

24. Имлои калимаҳои бегона:

а) Инҳое, ки моли худи тоҷик шуда аз тарафи омма ба қонунҳои забони тоҷик тобеъ карда шудаанд, албатта ба қоидаи имлои умумии тоҷикӣ итоат мекунанд.

б)Онҳое, ки дуруст аз худ карда нашуда, танҳо дар доираи фан монда ё ин ки умуман кам истеъмол карда шудаанд, ба имлои аслашон мемонанд.

Қайд: барои осон кардани талаффуз ва аз худ кардани омма танҳо ҷидиҳои эшон дар имлои аслашон монда ҳамаи часпак ва «окончанияҳои эшон ба дараҷае, ки мумкин аст, ба забони тоҷик татбиқ карда мешаванд.»

25. Анҷуман ба хотири муассисаҳои дахлдор мерасонад, ки ба тезӣ луғати имло ва китобчаҳои худомӯзиш нашр кунад.

Қарор дар бораи забони таълим ва адабиёти оммагӣ барои миллатҳои тоҷики кӯҳистон

Барои ба тезӣ тараққӣ додани маданияти аҳолии пасмонда кӯҳистон, ки забони махсусе доранд ва кашидани онҳо ба маданияти пролетарӣ ва инчунин барои ҷалб кардани онҳо ба сохтмони социалистӣ анҷумани илмии забоншиносони умумии Тоҷикистон лозим медонад ва ба сиёсати миллии пролетариат мувофиқ мешуморад, ки дар мактабҳои миллатҳо таълим ва тарбия дар забони модарии худашон бурда шавад ва адабиёти онҳо дар забони модарии онҳо чоп ва нашр шавад.

ФЕҲРИСТИ МАНОБЕЪ:

Азизӣ Б. Дар анҷумани нахустини илмии Тоҷикистон // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе, 2007.

Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷимой-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи XX. – Душанбе, 2004.

Ҷамъбаст ва қарорҳои Анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии Тоҷикистон // Рохбари дониш, №10,11,12.

МАТЕРИАЛЫ ПЕРВОГО НАУЧНО-ЯЗЫКОВЕДЧЕСКОГО СЪЕЗДА ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОЗНАНИЯ О ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ И ЕГО НАСУЩНЫЕ ПРОБЛЕМЫ

В статье определяется организующая роль первого научного - языковедческого съезда в решении наиболее значимых вопросов таджикского языка: литературные нормы таджикского языка, алфавит, орфография, создание шугнанского алфавита, по которым были приняты соответствующие постановления и рекомендации.

MATERIAL FIRST SCIENTIFICALLY-LINGUIST CONVENTION TAJIK LINGUISTICS ABOUT TAJIK LANGUAGE AND ITS VITAL PROBLEMS

In this article is defining the organizing role of the first scientific linguistics convention in decision the most significant questions of Tajik language: literary norms of Tajik language, alphabet, orthography, creation of the Shugnan alphabet on which were accepted the corresponding resolutions and recommendations.

ВАҲҲОБОВ Ї

ВАЗЪИ АМАЛКАРДИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ҶХШ БУХОРО ВА БАЪЗЕ МАСОИЛИ СИЁСАТИ ЗАБОНӢ

Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (минбаъд ҶХШБ) 11 сентябри соли 1920 баъди ба пирӯзӣ расидани Инқилоби Халқии Бухоро (2 сентябри 1920) таъсис гардид, ки ба маълумоти мавҷудаи асарҳои илмии олимони босалоҳият ва асноди матбӯъ ва номатбӯи оморию бойгонӣ аксарияти аҳолии ин ҷумҳуриро тоҷикон ташкил медоданд. Мувофиқи маълумоти рӯзномаи «Зарафшон» (11 сентябри соли 1921) шумораи тоҷикони Осиёи Миёна он вақт 3,4 млн. нафар, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Бухоро (минбаъд ҶБ) 2,1 млн. нафар, дар вилояти Самарқанд - 750 ҳазор, дар вилояти Фарғона – 400 ҳазор ва дар районҳои боқимонда - 100 ҳазор ташкил медод [Ҳотамов 1989]. Дар мавриди миқдори аҳолии таҳҷоии Самарқанд ва атрофи он дар муқоиса бо теъдоди халқиятҳои дигари аққалият, аз ҷумла, ӯзбакҳои овардани арқоми зер, ки воқеияти миқдори сокинони аслии ин шаҳри бостониро нишон медиҳад, ба маврид аст. Мувофиқи маводи бюрои омории Туркистон (с.1917 ва 1920), ки соли 1925 ба нашр расидаанд, дар Самарқанд 37820 нафар тоҷик (50,88%), русҳо (24,34%) – 18094 нафар, 11210 нафар эрониён (15,09%), яҳудиёни маҳаллӣ – 7208 нафар (9,69%) зиндагӣ мекардаанд. Умуман дар шаҳри Самарқанд ва атрофи он 114870 нафар аҳолӣ аз қайди ҳисобгирӣ гузаштаанд. Аз ҷумла тоҷикон – 65824 нафар (57,32%), ӯзбакҳо – 12512 нафар (10,88%), русҳо – 18094 нафар (15,77%), эрониҳо – 11210 нафар (9,4%), яҳудиёни маҳаллӣ – 7208 нафар (6,45%) буданд [Джабборов 1929, 45].

Вақте ки ҶХШБ таъсис ёфт, забони туркӣ – ӯзбакӣ забони давлатӣ муқаррар карда шуд. Дар ин ҷумҳурӣ идеологияи пантуркизму панисломизм бо тамоми зуҳуроти манфураш амал мекард. Сиёсати миллию забонии он низ дар ҳамин замина тарҳрезӣ карда шуда буд: ҳамаи халқиятҳо, новобаста аз он, ки вай ӯзбак аст ё туркман, қирғиз аст ё қазоқ, тотор аст ё бошқирд дар маҷмӯъ миллати туркро ташкил медиҳанд ва ба идомаи ақоиди худ иддаои онро мекунанд, ки аҳолии асосию таҳҷоии Бухоро ва атрофи он мардуми турк мебошанд. Ба ақидаи онҳо тоҷикони Бухоро, ки гузашта туркнажод буданд, танҳо ба таъсири забони форсию тоҷикӣ ва адабиёти форсу тоҷик забони хешро аз даст доданду забони тоҷикиро қабул кадаанд. Дар ин ҷо иқтибос намудани суханҳои сиёсатмадори тоҷик А. Муҳиддинов, ки дар оғози фаъолияти хеш ба таъсири пантуркизм

[illegible] буд ва хушбахтона баъди чанде аз он даст кашид, дар мавриди [illegible]ҳу маънидоди мавқеи «сиёсат ва идеологияи пантуркистҳо» [illegible]ароён), дорои аҳамияти бузург буда, барои фош намудани на[illegible] бебунёду беасоси онҳо хеле ба мавқеъ аст. Ба ақидаи [illegible]туркистҳо, менависад А. Муҳиддинов, «ӯзбакҳо, кирғизҳо, [illegible]ҳо, туркманҳо ва ғайра миллатҳое, ки ба ирқи муғул тааллук [illegible]анд ва ҳар якро имрӯз як миллати мустақили ҷудогона мешумо[illegible], дар ҳақиқат ҷузъҳои як миллатанд. Тоҷикзабонони Бухоро ҳам [illegible]сл турканд, дар зери таъсири адабиёт ва маданияти Эрон забон [illegible]ишлати худро гум кардаанд. Бояд инҳоро боз турк кунем ва аз [illegible]ми инҳо як миллати бузурги турк ба вуҷуд орем ва як давлати [illegible]ами турк барпо созем (таъкиди мо – Т.В.)» [Муҳиддинов [illegible],17].

Пешвоёну роҳбарони туркгарою ӯзбакгарои ҶХШБ ва [illegible]мотии поёнии роҳбарии ин кишвар, ки пайравони «содиқ»-и онҳо [illegible] ҳисоб мерафтанд, мақсади ягона ва муҳими хешро бар он меди[illegible], ки халқи тоҷикро ба ӯзбак (турк) ва забони тоҷикиро ба забо[illegible] [illegible]ино ӯзбакӣ табдил диҳанд. Чунин амали эшон касро ба таа[illegible] ва [illegible]ат водор месозад ва саволе матраҳ мегардад, ки гузашта, баъди [illegible] ҳӯрдани аввалин давлати тоҷикон – Сомониён дар ҳама давру [illegible] забони тоҷикӣ забони давлатӣ, забони адабиёт, илм, фарҳанг [illegible]мсоли он ба шумор мерафт ва новобаста ба таъвизу тағйири [illegible]ҳою аморатҳои турксадорату туркнишин дар тӯли беш аз ҳазор [illegible] ин вазифаи муҳими хешро иҷро карда меомад. Муҳаққиқон ни[illegible] медиҳанд, ки забони давлатӣ ва расмии охирин зимомдорони [illegible]ии манғитҳо, ки ҳукмрониашон якуним аср идома дошту баъди [illegible]ноби халқии Бухоро соли 1920 сарнагун гардид, инчунин забони [illegible]ӯзорӣ, илм, адабиёт, фарҳанг ва ғайраҳо низ тоҷикӣ буд. Маҳз ба [illegible]ни тоҷикӣ «навиштаҳо ва дастхатҳои амир, аризаҳо, васиқаҳо, [illegible]ҳо навишта мешуд... Дар мактабҳо, мадрасаҳо дарсҳо ба забони [illegible]ӣ гуфта мешуд... Дар муддати бештар аз ҳазор сол, ки аҳвол ва [illegible]ъро таъриҳ пай дар пай сабт кардааст, ҳеҷ як нишоне нест, ки [illegible] Бухоро як китобе ба забони туркӣ навишта шуда бошад» [illegible]ҳиддинов 1928,15]. Абдуқодир Муҳиддинов, ки худ зода ва азав[illegible] мардуми таҳҷоии Бухоро буд, дар бораи миқдори хонаводаҳои [illegible]думи ӯзбак арқоми бисёр саҳеҳ ва аҷоибро зикр намудааст, ки [illegible]ои бебунёди туркгароёну ӯзбакгароёни дохилу берунро радду [illegible] месозад. Тибқи баррасии вай «аз нажоди ӯзбак ва туркигӯй дар [illegible]ри Бухоро панҷ ё шаш хонавода мавҷуданд, ки онҳо дар маҳаллаи [illegible]рман»-и шаҳри Бухоро зиндагӣ мекунанд ва ба қабилаи дурман [illegible]субанд. Дигар тамоми мардуми шаҳри Бухоро ва навад фоизи

мардуми атрофи кариби шаҳр, тоҷик буданд ва тоҷик мемонанд (таъкиди мо – Т.В.)» [Муҳиддинов 1928,16]. Хулосаи А. Муҳиддинов оиди вазъи этникию миллии ноҳияҳои атрофи Бухоро, ки туркгароён ҳадафи даъвои мавзеъҳои ӯзбакнажоду туркнасаб қарор дода буданд, низ қобили таваҷҷӯҳ буда, воқеан ба маълумотҳои омории ҷ инқилобии Бухоро, ки русҳо ба анҷом расонидаанд ва мақсади онҳо на таҳрифи вазъи этникию миллии ин маҳал буд, ҳамшабеҳ ва қаробати қавӣ дорад ва воқеиятро саҳеҳтар тасвир намудааст. Ба ақидаи вай «аз туманҳои Бухоро танҳо тумани Қароқул аст, ки аксарияти томи мардумаш ӯзбак аст. Дар туманҳои Вагониза, Ғиҷдувон, Вобканд дар баъзе ҷоҳо нисф ва дар баъзеи ҷоҳо аз нисф ҳам бештар мардум тоҷиканд. Забони модарӣ ва забони муомилаашон тоҷикӣ аст» [Муҳиддинов 1928,16].

Мансубияти аксарияти мардуми Бухоро ва атрофи он дар мақолаи пурмӯҳтавою машҳури Аббос Алиев «Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофи он» [Алиев 1928, 13-18] мавриди баррасии амиқ қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифодаи асноду маводи қотеъ собит месозад, ки аз қадимулайём то таъсиси ҶХШБ мардуми Бухоро ва атрофи он асосан тоҷикон буданд ва бесабаб нест, ки дар таъриҳи тамаддуну фарҳанги тоҷикон Бухоро ва Самарқанд ҳамчун марказҳои асосӣ шинохта шудаанд. Иқтибоси зер гуфтаҳои болоро собит месозад, ки «агар чашм аз ҳақиқати таъриҳӣ пӯшида (муроҷиати А. Алиев ба ононе, ки нури чашмашонро зери таъсири ғояҳои туркгароию ӯзбакгарӣ аз даст додаанд – Т.В.) ба Бухорои имрӯза назар афканед, боз хоҳед дид, ки агарчи ҳазорон сол халқи ин мамлакат дар зери фишори туркҳо, арабҳо будааанд, боз ҳамон забони қадимии худаш забони тоҷикиро аз даст надодааанд» [Алиев 1928].

Дар солҳои 20-уми асри XX муборизаи тезу тунд маҳз дар атрофи ҳамин ду шаҳр сурат гирифтааст ва ин сабабҳои худро дошт. Зеро, дар тӯли беш аз ҳазор сол ин ду шаҳр гаҳвораи тамаддуни мардуми тоҷикзабон буданд ва онҳо марказҳое буданд, ки оламиёнро ба тавонистанд ба таъриҳи пурифтихору тамаддуни беҳамтои мардуми тоҷик ошно созанд. Онҳо шаҳрҳое буданд, ки таъриҳи тоҷиконро ҳифозат намуда, ба ояндагон онро тақдим мекарданд. Ва аз ҳамаи муҳим ин шаҳрҳо аз қадимулайём маскани тоҷикон буданд. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии туркгароёну ӯзбакгароён таҳриф кардани таъриҳи воқеии ин шаҳрҳо ва дар ин замина худро соҳибу худованди ин марказҳои тамаддуни тоҷикон эълон намудан буд. Онҳо бо тамоми неру ва имкониятҳои дар даст дошта собит карданӣ мешуданд, ки миллати тоҷик ва забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Кас ба муаммое рӯ ба рӯ мешавад, ки чаро туркнажодону хайли муғулнасабон дар тӯли беш аз ҳазор сол дар Осиёи Марказӣ ҳукмрон буданд, вале кӯшиш

карҷ надоданд, ки забони давлатии давлаташон–забони тоҷикиро мардуми тоҷикзабони таҳҷоиро инкор намоянд. Ин ҷо сирри дигаре ҳаст, ки мо поёнтар атрофи он баҳсро идома хоҳем дод.

Баъд аз пирӯзии Инқилобии Халқии Бухоро ҶХШБ таъсис ёфта шуд. Пешвоёну роҳбарони ин ҷумҳурӣ ба мисли роҳбарияти Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон (минбаъд ҶМШСТ) дар бахши сиёсати миллию забонӣ равия ва услуби якнаво аксонро интихоб намуданд, ки асосии онро поймол кардани ҳаҳҳои сиёсию миллии халқи тоҷик ва инкор намудани забони модарӣ чун забони мардуми асил ва таҳҷоию бумии Бухоро ва Туркистон ташкил медиҳад. Тавре ки тазаккур рафт онҳо бидуни шарму ҳаё инкори ҳақиқати таъриҳӣ аз тамоми минбару мақомот истифода бурда, даъво мекарданд, ки дар ҶХШБ ва ҶМШСТ халқи тоҷик ва забони тоҷикӣ вуҷуд надорад, балки инҳо туркҳоеанд забони хешро ба таъсири адабиёту забони форсӣ аз даст додаанд: акнун замона ва вақт фарохам омад, то ки мо эшонро ба аслашон, яъне турк, гардонем. Онҳо назариётчиёни худро доштанд, ки эшонро дар ин самт бо амалӣ сохтани мақсади зишташон раҳнамой менамуданд. Пас матраҳ мегардад, ки онҳо кистанд ва дар куҷо маъво доранд ва ҳатто чӣ маҳз тоҷиконро ҳадафи муборизаи худ қарор додаанд? Баъди инкор намудани ин муаммо ва ҷавоб додан ба саволҳои фавқ зарур аст, ки оиди вазъи сиёсию иҷтимоии он солҳо ибрози нанҳем ва нишон диҳем, ки чаро дар ин давра равияи туркгароию ҳаҳгарӣ аз таълимоти гурӯҳи одамон ба сиёсат ва идеологияи давлатҳо (ҶХШБ ва ҶМШСТ), мубаддал гардид.

Муаррихон бар он ақида ҳастанд, ки дар Осиёи Миёна, ба ҳуҷҷати ҶМШСТ ҳаракати миллатгароии пантуркистӣ, ки таҳдиду ҳифзи он аз як тараф, аносири миллатгарои тоторҳо бошанд, аз тарафи дигар, ҷавонтуркон ва буржуазияи миллатгарои туркони ба шумор мерафтанд, амал мекунад. То таъсиси Ҷумҳурии Бухоро дар аморати Бухоро асоси идеалогияи онро панисломизм ташкил мекард. Зиёиён ва рӯҳониёни Осиёи Миёна, аз ҷумла Бухоро ва Туркистон мазҳаби сунниро пайравӣ мекарданд ва пеш аз ҳама ба Истамбул ва Қазон майл доштанд [муф. ниг.: Масов 1991, 22]. Бисёр ҷавонон ва ҷадидони Бухоро барои таҳсил ба Истамбул сафар мекарданд. Дар ҳамон давра аз байни кишварҳои исломӣ Туркия аввалин ҷойе буд, ки ба таъсири Аврупо монда, робитаҳои хешро ба давлатҳои он ҷо наздик намуда, дар ҳама соҳа пайравӣ ба онҳо менамуд. Маҳз дар ҳамин замина онҳо аз байни кишварҳои исломӣ аввалин шуда, аз алифбои арабиасоси худ даст кашиданд ва хати худро ба асоси алифбои лотинӣ таҳия карданд.

Ба ин кишвар дар баробари ӯзбакҳо қисме аз ҷадидони Бухоро ва ҷавонбухориён, ки асосан тоҷик буданд, барои таҳсил сафар карда, баъди бозгашт ҳамчун пантуркисти «варзида» ва ашаддӣ дар маҷрои буми бобоии хеш амал мекарданд. Аксарияти онҳо тоҷик буданд, на ле баъди бозгашт бо таъсири таълимоту идеалогияи пантуркистӣ ва тоҷик будани худ даст кашида, таблиғу ташвиқ мекарданд, ки дар Бухорою Туркистон онҳое, ки ба истилоҳ худро тоҷик ва забонашонро тоҷикӣ меҳонанд, дар асл аз нажоду ирқи турк мебошанд, ки бо таъсири форсҳо забонашонро аз даст додаю забони тоҷикиро қабул кардаанд. Онҳоро ба асли худашон баргардондан барои туркгароёну ӯзбакгароён вазифае буд бисёр «пуршараф». Ин зарбаи гароне буд ба халқи тоҷик ва забони тоҷикӣ, зеро худи тоҷик аз миллату забони худ даст кашида, забони ғайр ва бегонаро забони модарӣ ва миллати ба бунёди ноошноро аслу насаби худ эълон мекунад. Ин амали ноҷавонмардона ва хоинонаи як гурӯҳ зиёиён тоҷикаслу тоҷикзабони пантуркисту ӯзбакгарошуда ҳамонро мемонд, ки ҳамхун аз ақиб шуморо ба нишон мегираду тарафатон оташ мекушояд ва ҳадафи кунтор қарор медиҳад.

Қобили зикр аст, ки яке аз роҳбарони ҳамонвақтаи ҶХШБ А.Муҳиддинов, ки дар оғози фаъолияти худ тарафдори ғояи пантуркистӣ буд, вазъи сиёсӣ ва идеалогияи ҳукмрони онро бисёр саҳеҳ арзёбӣ намуда, холисона ҷурм ва гуноҳи хешро ба зимма гирифтаю аз он даст мекашад, менависад: «мафкураи сиёсӣ, ки дар замони ташкили ҷумҳурияти Бухоро ва баъд аз он дер вақт дар фаъолияти коркунандагон ва роҳбарони Ҳукумати Шӯроии Бухоро таъсири куллӣ дошт, мафкураи панисломизм ва пантуркизм буд» [Муҳиддинов 1928]. Ба ақидаи А.Муҳиддинов дар ибтидои таъсиси ҶХШБ се гурӯҳи ашхос дар мақоми роҳбарӣ қарор доштанд:

1) туркони асири ҷанг;

2) ӯзбакҳои Фарғона ва Тошканд, ки қисми асосии онҳо ҳамфикри ҷадидони Бухоро буданд;

3) ҷадидони Бухоро (А.Муҳиддинов худро ба ин гурӯҳ шомил медонад), ки зери таъсири сахт ва амиқи таълимоти панисломизм ва пантуркизм қарор доштанд ва замоне мафкураи пантуркизм ва панисломизмро дар амал татбиқ мекарданд [Муҳиддинов 1928].

Дар тамоми сатҳу мақоми роҳбарии ҶХШБ намояндагони ҳамин се гурӯҳ қарор доштанд, ки таблиғгар ва ҷорикунандаи ғояҳои пантуркистӣ ба шумор мерафтанд. Дар мақомоти ҳизбию шӯроҳо бошад асосан фиристодагони ҶМШСТ ифои вазифа мекарданд, ки онҳо асосан аз байни ӯзбакҳо, тоторҳо, бошқирдҳо баромада буданд ва тарафдорони ашаддии туркигароён ба шумор мерафтанд. Онҳо

ҳаҳикунандагон «содиқ»-и ғояҳои пантуркизму панисломизм буда, бо ҳатъият изҳор мекарданд, ки «Осиёи Миёна – ин гӯё Туркистон, яъне кишвари туркҳо ва дар он ҷо ҳеҷ гуна тоҷикон набуд ва ҳоло низ нест» [Масов 1991, 26].

Зиёиёни тоҷики Бухоро ва Туркистон, ки дар Истамбул таълим гирифта буданд, кӯр-кӯрона пайравии туркгароёнро карда, ҳисси тӯтӣ дар ҳама ҷо ҳамин ақидаро пуштибонию таблиғ мекарданд. Аз туркҳою ӯзбакҳои туркгаро таъсири суханҳои тоҷикони ба истилоҳ туркшудаю ӯзбакшуда муассиртар буд, зеро худи тоҷик дар замон туркгаро ва бо либоси пантуркист аз нажоду ирқи тоҷик будани хеш даст мекашид. Ин ҷо овардани чанд мисол бори дигар хулосаи болоро исбот мекунанд ва таҳвият мебахшад. Абдулвоҳиди Мунзим – шоири тоҷик, ки худ зодаи Бухоро буд, дар «Арзи ҳол»-и худ менигорад, ки соли 1907 дар Самарқанд ба мактаби ҷадиди Абдулқодири Шакурӣ ошно шудам ва дар заминаи ошноӣ ба ин мактаб соли 1908 дар Бухоро чунин мактабро ифтитоҳ кардам. Баъди ҳамин бо фитнаи уламои Бухоро новобаста аз он ки тарафдорони зиёд дошт, мактаби ҷадидро бастанд ва як гурӯҳ тарафдорони ин мактаб, аз ҷумла Абдурауф Фитрат, ба Истамбул сафар карданд. Аз Истамбул А.Фитрат чанд асари чопӣ («Мунозара», «Сайёҳи ҳиндӣ» ва ғайра) ва чоп нашудааш «Раҳбари наҷот»-ро ба Бухоро интиқол медиҳад. Ин асарҳо, ки рӯҳи миллӣ ва динӣ» доштанд, таваҷҷӯҳи моро менависад Мунзим боз ҳам ба А.Фитрат қавитар гардонд. Бояд ёд кард, ки А.Фитрат аз қабили ҳамон ҷадидони Бухоро буд, ки баъди бозгашти Туркия аз тоҷик будани худ даст кашида, ирқу нажоди хешро турк меҳонд ва устод С.Айнӣ низ дар ин замина менависад, ки «Баъд аз Револютсияи феврал дар сари ҳаракати ислоҳталабӣ, мисли Фитрат ва Усмонхӯҷа ҷадидоне гузаштанд, ки онҳо дар Туркия ҳамда омада, ташвиқоти пантуркистӣ мекарданд. Онҳо натанҳо дар байни худ, балки ба мардуми шаҳри Бухоро ҳам, ки бештарини онҳо забони ӯзбакиро намедонистанд, бо забони туркии усмонӣ гап мезадаанд» [Айнӣ ҷ.1]. Дар мавриди тағйири ақида, аслу нажод ва аз забони модарӣ даст кашидани Фитрат, ки дар байни бухороиён эътибори ҳаҷ дошт, баъди бозгашти вай аз Истамбул, Мунзим менависад: «Борҳо гуфт (Фитрат –Т.В.), ки мо бухороиён аслан туркнажолем ва забони аслии мо туркист, иллати тоҷикзабон шудани мо аввалан таъсири идорахои ҳукуматии мо, ҳукмрони калон шудани порсмилатон, дуввум ғалаба ва таъсири адабиёти порсӣ мебошад. Ба ҳамин ҷиҳат мо забони туркии худро гум кардем. Аммо лозим аст, ки забони туркии худро зинда ва нажоди аслии худро поянда гардонем (таъкиди мо – Т.В.)» [Мунзим 1988]. Таъсири суханҳои Фитрат ба ҳарчаҳ муассир буданд, ки Мунзим барин як зиёӣ ва адиби равшан-

фикри тоҷикро ба тарафи худ мойил намуд. Дар ин бора Мунзим изофа мекунад: «Гуфтаҳои ӯ (А.Фитрат – Т.В.) бо як таъсири бузург дар дилам ҷойгир шуд. Аз ҳамон рӯз сар карда, ҳарчанд ки як калима ҳам туркиро надонам, ба туркӣ гап задан даромадам, ба ҳар ки вохӯрам туркӣ гап мезадам, онҳо тоҷикӣ ҷавоб медоданд ва ман онҳоро ба туркӣ гуфтан ташвиқ мекардам» [Мунзим 1988]. Мунзим ба лаҳзаи аҷоибро тасвир мекунад, ки ба сафари Абдулқосими Лоҳутӣ ба Бухоро ва ҳамсӯҳбат шудани вай ба ин шоири шаҳир ҳикоят мекунад: «Ҳеҷ аз ёдам намеравад, ки соли 1925 ба шоири сурх рафиқ Лоҳутӣ дар Бухоро ҳамсӯҳбат шудам, рафиқ Лоҳутӣ тоҷикӣ ҳарф мезад, ман туркӣ ҷавоб медодам, дигарон механдиданд. Рафиқ Лоҳутӣ «Бародар Шумо тоҷикнажодед, забони модарии Шумо тоҷикист, ба забони тоҷикӣ шеърҳои обдори бисёре навиштаед ва боз метавонед бинависед, аммо ба забони туркӣ аккалан ҳарф зада наметавонед...» Мунзим бошад ҳамоно такроран мегуфт: «Мо бухороиён аслан турк нажодем» [Мунзим 1988].

Туркгароён натанҳо истифодаи забони тоҷикиро ба таври расмӣ мамнӯъ эълон карданд, балки барои ба ин натиҷа расидан чорабиниҳои «аҷоибу ғароиб»-ро тарҳрезӣ намуда, амалӣ мегардонданд, ки мақсади ягонаи онҳо тоҷикони Ҷумҳурии Бухороро аз забон нашон маҳрум сохтан буд. Кор ба ҷое мерасад, ки барои ба тоҷикӣ гап задан 5-сӯм ҷарима муайян мекунанд. Тавре ки Саидзода дар Анҷумани аввалини илмии Тоҷикистон (август-сентябри 1930) иброт медорад ва суханҳои онро вакили яҳудиёни Бухоро ва тоҷикони Бухоро шоҳидӣ медиҳанд, ки «(Фитрат – Т.В.) адиб ва нависандаи машҳури тоҷик ва ӯзбак ҳисоб шуда, худаш тоҷик ва дар назари баъзеҳо ва ман дар адабиёт прифуссур ҳисоб мешавад, натанҳо ба ӯзбак шудан иктифо кард, балки кӯшиш кард, ки тоҷикон ва дигарон ҳам ӯзбак шаванд. Масалан, вақте нозирони маориф будан Фитрат ҳар касе, ки ба ӯ тоҷикӣ гуфтугӯ мекард, аз ӯ мепурсид: ту эронӣ ё яҳудӣ? Ба эрониён Шумоён бо ҷуҳудӣ гап назанед, мусулмон шавед, мегуфт. Вақте ки ба инҳо дуруст нашуда, боз ба забони худ гуфтугӯ карданд, карор баровард, ки ҳар касе тоҷикӣ гап занад 5-сӯм ишти роф шавад (таъкиди мо –Т.В.)» [Масоили сохтмони забони тоҷикии адабӣ дар солҳои 20-30 садаи XX. К.1, 2010, 257].

Муаррих Р.Масов дар заминаи асноди мукаддам ва босалоҳият собит месозад, ки «тоҷикон аз лиҳози теъдод ва таркиби аҳолии РАСС Туркистон ҷои дуввум ва таркиби аҳолии РХС Бухоро ҷои аввалро ишғол мекарданд, эшон дар аксари санадҳои ҳизбӣ ва давлатии он солҳо сабт нашудаанд» [Масов 1989]. Бо ибораи дигар гӯем, садрнишинону рохбарони мақомоти рохбарии ҶХШБ, ки кулан туркгарою ӯзбакгаро буданд, тавонистанд, ки ақоиди рохбарони

марказ, аз ҷумла И.В.Сталин барин донандаи масъалаҳои миллиро ба ҷониби худ мойил созанд. Аз ҷумла, И.В.Сталин дар маърӯзаи худ ба Анҷумани XII-уми ҲК (б) Русия таъкид месозад, ки «дар он ҷо, дар Бухоро, се миллат вуҷуд дорад: ӯзбакҳо – миллати асосӣ, туркманҳо, ва аз нигоҳи шовинистони бухорой чандон муҳим нестанд ва қирғизҳо: онҳо каманд, чандон аҳамият надоранд» [Масов 1989].

Ҳамин тавр, дар ҶХШБ мавҷудияти тоҷикро ҳамчун халқи ҷудо ва таҳҷоии ин макон рад намуда, туркпарастону туркгароён нобаста аз он, ки тоҷикон аз лиҳози нуфус дар Бухоро ҷои аввалро ишғол мекарданд, комёб ба он гардиданд, ки мавқеи истифодаи забони тоҷикиро ба дараҷаи нестӣ расонанд. Дар заминаи гуфтаҳои боло хулосаҳои зайл омадан имконпазир аст ва онҳо дар шакли мӯҳҷазу ҳам вазъи воқеии сиёсати миллию забонии ҶХШБ-ро нишон медиҳанд. Маҳз дар заминаи онҳо вазъи амалкарди забони тоҷикиро дар ин ҷумҳурӣ нишон додан ба ҳақиқати воқеӣ ҷавобгӯ мебошад:

1) дар ҶХШБ чун ҶМШСТ сиёсати миллӣ дар заминаи ба даст расонидани таъмини ҳуқуқҳои миллию забонии як гурӯҳ халқҳою миллиятҳо (пеш аз ҳама, ӯзбакҳо) ва аз ҳуқуқи миллию забонӣ маҳрум намудани гурӯҳи дигари халқҳою миллиятҳо (дар мадди аввал, тоҷикҳо) таҳия ва танзим гардида буд. Бо ибораи дигар, ба ҷавҳари сиёсати миллию забонии ҶХШБ аз ҳуқуқҳои воқеию таърихӣ маҳрум намудани сокинони аслию таҳҷоии ин кишвар - тоҷикон ба шумор меравад ва мо инро дар мисоли тоҷикон ҳадафи асосии худ қарор додем;

2) сиёсати миллӣ, ки ҶХШБ интихоб намуд, сиёсати забонии давлати ба ном «шӯравӣ»-ро муайян сохт, ки ҷавҳар ва маҳаки онро нобаробарию инкори ҳуқуқҳои забонҳои халқияту миллиятҳои ин кишвар, дар мадди аввал забони тоҷикӣ, ки забони ҳарфсолаи мустаъмал ва сернуфус ба шумор мерафт, ташкил медод. Дар ин замина Ҳукумати ҶХШБ ва тарафдорони он фаъолияти худро равона карда буданд, ки забони тоҷикӣ ва миллати тоҷикро аз ҳамаи ҳуқуқҳо маҳрум созанду ба таъриҳи беш аз ҳазорсолаи мавҷудияти он дар Осиёи Миёна (дар мадди аввал Бухоро) хати бутлон кашанд;

3) сиёсатмадорони ҶХШБ муваффақ ба он гардиданд, ки ҳамаи туркгароию ӯзбакгароии хешро дар амал татбиқ намоянд. Ҳатто дар баробари инкор намудани мавҷудияти аслии мардуми тоҷик ва мардуми таҳҷоию бумӣ будани онҳо дар ин кишвар, инчунин истифодаи забони тоҷикиро дар соҳаҳои гуногун (пеш аз ҳама мақомоти давлатӣ, коргузорӣ, матбуот, маориф, муоширати байналқҳо ва амсоли онҳо) мамнӯъ эълон кунанд;

4) дар роҳи амалӣ намудани ғояҳои пантуркистию шавиниҳ ўзбакгарой хукуматдорони Бухоро тавонистанд, ки мақомо роҳбарии марказ (ИҶШС)-ро низ ба ҷониби худ мойил созанд, ва онҳо туркгароёну ўзбакгароёнро мустақиман ва ё бавосита дастгир мекарданд;

5) миллияту халқиятҳои ҶХШБ, бахусус, тоҷикон дар як вакуум (холигии) сиёсӣ қарор дошта, касе на дар марказ ва на дар музофот доду шикояти онҳо хоҳиши расидан дошт. Туркгароёну ўзбакгароён ва ичрои мақсади зишти худ озодии комилро эҳсос намуда, аз рўи зарбулмасали «худам шоҳу табъам вазир» амал мекарданд;

6) вазъи ногувори мардуми тоҷику забони тоҷикӣ ва бадбахтии бемислу монанд нисбати онҳо дар ин марзи вокеан тоҷикон. вали альон дар зери тасарруфи туркону ўзбакон қарор дошта, то гувоҳидани тақсимоти миллию давлатии Осиёи Миёна (1924) идома мекунад.

ФЕҲРИСТИ МАНОБЕЪ:

Айнӣ С. Куллиёт, ҷ.1.

Алиев А. Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофи он // Раҳбари дониш, шум. 11-12, 1928, с.13-18 (Таҳия ва муаллифи дебоча Т.Ваҳҳобов // Адабиёт ва санъат. 13 апрели с.1989).

«Арзи ҳол»-и Абдулвоҳиди Мунзим (таҳияи Х.Отахонова) // Адабиёт ва санъат. 6 сентябри с.1988.

Джабборов Ш. Против извращения национальной политики // За партию, 1929, № 3.

Масов Р. Фарёди қурбониён: нидо аз сафҳаи таъриҳ // Омўзгор, 18 июли соли 1989.

Масов Р. История топорного разделения. - Душанбе: Ирфон, 1991.

Масоили сохтмони забони тоҷикии адабӣ дар солҳои 20-30 садаи XX.

Китоби Нахустин Анҷумани илмӣ - забоншиносии тоҷик (маводҳ, таҳия, андўзиш). Баргардон, таҳия ва муаллифи мукаддима д.и.ф., профессор Т.Ваҳҳобов. - Хуҷанд: Ношир, 2010.

Муҳиддинов А. Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷикаанд ё ўзбак? // Раҳбари дониш, 1928, шум. 8-9, саҳ.17.

Ҳотамов Н. Сиёсати миллии ленинӣ татбиқи дуруст талаб мекунад // Омўзгор, 19 сентябри соли 1989.

ВАХХОБОВ Т.

СОСТОЯНИЕ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА В БНСР И НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ЯЗЫКОВОЙ ПОЛИТИКИ

В статье дана характеристика состояния функционирования таджикского языка в БНСР. Уместно отметить, что несмотря на то, что БНСР была организована в результате победы бухарской революции на территории бывшего Бухарского эмирата, где испокон веков проживали таджики, вследствие языковой политики БНСР, основанной на идеологии пантюркизма, было игнорировано историческое существование таджиков и их языка. Цель статьи - показать несостоятельность языковой политики БНСР относительно таджиков и функционировании их языка на земле предков.

T.VAHHOBOV

THE FUNCTIONAL CONDITION OF TAJIK LANGUAGE IN BUKHARA NATIONAL SOCIALIST REPUBLIC AND SOME QUESTIONS OF LINGUISTIC POLITICS

The article "The functional condition of Tajik language in Bukhara National Socialist Republic and some questions of linguistic politics" is the first attempt of the author to determine the functional condition of Tajik language in BNSR. It is to the point to mention that BNSR was organized as a result of Bukhara revolution in the territory of former Bukhara Emirat from the early beginning lived Tajiks. In spite of this, on account of BNSR linguistic politics founded on panturkism ideology the historical existence of Tajiks and their language was ignored. The aim of the article is to show insolvent linguistic politics of BNSR concerning Tajiks and functions on their own land.

САЙИД МУҲАММАДИ ДАБИРИ СИЁҚӢ

ТОТУ ТОҶИК ВА ТОЗИК

Дар баррасии ҳудуди дусад асари манзум ва мансури форсӣ, ки феҳристи ашхос ва амокин ва тавоифу қабоил доранд, аз ҳудуди сад асари манзуму мансур, наздик ба сесад далел барои калимоти тоҷику тот ва якчанд муъодили он истифода шудааст, ки бахше аз онҳо бо тартиби таърихӣ нақл хоҳад гашт. Ном ва мушаххасоти осори мутаъзамини ин шавоҳид низ бо тартиби таърихӣ оварда мешавад. Ва ин дар баррасии ҳудуди чиҳил фарҳанги форсӣ ба форсӣ ё форсӣ бо шарҳи туркӣ ё арабӣ аз бисту як фарҳанг, ки тамом ё бархе аз калимоти мавриди баҳсро зикр ва шарҳу маънӣ кардаанд, шарҳ ва маъонии онҳо беруннавис шуд. Бархе аз маъонии ин калимот дар фарҳангҳои бистуякгона омадааст, гоҳ айнан ва гоҳ бо ихтилофе дар иборот ё калимот, вале порае аз маъонӣ вижаи баъзе аз фарҳангҳост ва ҳама ҷо нест.

Аз маъонии муштарак ва маъонии ихтисосӣ низ ҷадвале тартиб дода шудааст, то дар нақди маъонӣ ба такрори мундаричоти фарҳангҳо ниёзе набошад. Аммо пеш аз зикри мушаххасоти фарҳангҳое, ки ин калимотро сабт кардаанд, лозим ба ёдоварист, ки калимоти мавриди ишора дар ниме аз фарҳангҳои баррасишуда, хоса дар фарҳангҳои мутақаддим, ба ҷуз «Девони «Луғот-ат-турк» мутлақан наёмадааст. Масалан, дар «Луғатнома»-и Асадӣ (мутаваффои 465 қ.), «Фарҳанги қаввос»-и Муборакшоҳ (таълифшуда дар 690 ё авоили қарни ҳаштум), «Сиҳҳоҳ-ул-аҷам»-и Ҳиндушоҳи Нахҷавонӣ (мутаваффои 730 қ.), «Сиҳҳоҳ-ал-фурс»-и Муҳаммад бинни Ҳиндушоҳ (таълифи 728 қ.), «Дастур-ул-афозил»-и Ҳоҷиб Хайроти Деҳлавӣ (таълифи 743 қ.), «Меъёри Ҷамолӣ»-и Шамси Фахрӣ (таълифи 744-745 қ.), «Маҷмуат-ал-фурс»-и Сафии Куҳол (қарни ҳаштум), «Баҳр-ул-фазоил»-иМуҳаммад ибни Қавоми Бадр (таълифшуда баъд аз 795 қ), «Адот-ул-фузало»-и Қозихони Бадри Деҳлавӣ (таълифи 822 қ), «Зуфон гӯё ва ҷаҳон пӯё» аз Бадриддини Иброҳим (таълифи 872 қ), «Мифтоҳ-ул-фузало»-и Шодиободӣ (таълифи 873 қ), «Шомил-ал-луғот»-и Қароҳисорӣ (таълифшуда дар 886 то 916 қ.), «Тӯҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Убаҳӣ (таълифи 936 қ.), «Чароғи ҳидоят»-и Хоҷа Орзу (таълифи 1147 қ.) ва «Баҳори Аҷам»-и Рой Тик Чанд мутахаллис ба Баҳор (таълифи 1152 қ.) зикре аз онҳо нест.

«Девони «Луғат-ат-турк»-и туркӣ ба арабӣ аз Маҳмуди Кошғирӣ (таълифшуда дар 466 қ.)[5] нахустин фарҳангест, ки калимоти тоҷик ва мухаффафи он «тат» ва «тажак»-ро овардааст.

Пас аз он аввалин фарҳанги форсӣ, ки ин вожагонро мутазаккир шудааст, «Шарафномаи Мунирӣ» аст аз Иброҳим Қивоми Форуқӣ (таълиф 882 қ.) (нусхаи хаттии китобхонаи «Луғатномаи Деҳҳудо») баъд аз он ба тартиб:

1- «Уқнуми Аҷам» аз муаллифе ношинос, бо шарҳи луғат ба туркӣ (қарни нуҳуми ҳиҷрӣ; нусхаи хаттии китобхонаи «Луғатномаи Деҳҳудо).

2- «Қоима» ё «Шарҳи баҳр-ул-ғароиб» аз Лутфуллоҳи Ҳалимӣ (таълифшуда пеш аз 872 қ.) (нусхаи хаттии китобхонаи «Луғатномаи Деҳҳудо»).

3- «Муайид-ул-фузало», аз Муҳаммади Лод (соли таълиф 925 қ.) (чопи Лакҳнав, 1302 қ.).

4- «Луғати Неъматулло» аз Неъматуллоҳи Аҳмад ибни Муборакй Румӣ ва Равшанизода (мутаваффои 969 қ.), бо шарҳи луғот ба туркӣ (нусхаи хаттии китобхонаи «Луғатномаи Деҳҳудо»).

5- «Кашф-ул-луғот вал-истилоҳот» аз Абдураҳим Саври Баҳорӣ (таълифшуда дар нимаи дуввуми қарни даҳум), (нусхаи хаттии китобхонаи «Луғатномаи Деҳҳудо»).

6- «Фарҳанги Мирзо» аз Мирзо Иброҳим, фарзанди Мирзошоҳҳусейни Исфаҳонӣ (соли таълиф 986 ё 989 қ.) (ду нусхаи хаттии китобхонаи «Луғатномаи Деҳҳудо»).

7- «Маҷмаъ-ул-фурс» аз Сарвари Кошонӣ (соли таълифу таҳрири аввал 1008 ва таҳрири ниҳоӣ 1028 қ.) (ба тасҳеҳи доктор Дабири Сиёқӣ, Теҳрон, се муҷаллад, 1338 то 1341 ш.).

8- «Сурмаи Сулаймонӣ», аз Тақаддини Авҳадии Балёнӣ (таълифшуда пеш аз 1023 қ.), (ба тасҳеҳи Муҳаммади Мудаббирӣ, Теҳрон 1364 ш.)

9- «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», аз Ҷамолиддин Ҳусейн Инҷуи Шерозӣ (таълифи 1005 то 1017 қ.), (ба тасҳеҳи доктор Афифӣ, Машҳад дар се муҷаллад, 1351 то 1354 ш.).

10- «Бурҳони қотеъ», аз Муҳаммад Ҳусейн ибни Халафи Табрезӣ (соли таълиф 1062 қ.) (ба тасҳеҳи доктор Муҳаммад Муъин, Теҳрон, чопи аввал 1330 ва дуввум 1342 ш.).

Чопи ҳуруфӣ, Истонбул, 1333/1995 х.к., чопи аксӣ аз нусхаи 664 к., Анкара, 1963 м.; чоп ба хатти ҷадиди Туркия, Анкара 1985-1986 м.; чопи Урумчи бо тарҷумаи уйғурӣ, 1981 м.

11- «Фарҳанги Рашидӣ», аз Мулло Абдуррашид [illegible] Абдулғафури Ҳусейнии Татавӣ (таълифшуда пас аз 1062 к.) [illegible] пи Калкатта, 1292 к. ва чопи Теҳрон ба тасҳеҳи Муҳ[illegible] Аббосӣ бо рисолаи «Муарработи Рашидӣ», 1337 ва 1338 ш.)

12- «Лисон-ул-аҷам» ё «Фарҳанги Шӯъурӣ» аз Шӯъурӣ [illegible] таълиф 1075 к.) бо шарҳи луғот ба туркӣ (чопи Истонбул, [illegible] муҷаллад, 1155 к.).

13- «Санглох», аз Мирзомаҳдихони Астарободӣ (соли таъ[illegible] 1173 к.) бо шарҳи луғот ба туркӣ (чопи аксӣ аз интишо[illegible] авқофи Гип, Ҳордфурди Инглистон, 1960 м.).

14- «Ғиёс-ул-луғот» аз Ғиёсиддин Муҳаммад Ромпурӣ [illegible] таълиф 1142 к.) (ба тасҳеҳи доктор Сиёқӣ, Теҳрон, дар [illegible] муҷаллад, 1337 ш.).

15- «Бурҳони ҷомеъ» аз Муҳаммадкарим бинни Маҳдиқ[illegible] Гармрӯдии Шақоқии Табрезӣ (соли таълиф 1260 к., чопи Т[illegible] рез, зери назари муаллиф ва бародари ӯ, 1260 к.).

16- «Анҷуманорои Носирӣ», аз Ризокулихони Ҳидоят [illegible] таълиф 1288 к., чопи сангӣ, Теҳрон, 1288 к.).

17- «Фарҳанги Онандроҷ», аз Муҳаммадподшоҳ мутахаллис [illegible] Шод (соли таълиф 1306 к.) (ба тасҳеҳи доктор Дабири Сиёқ[illegible] Теҳрон, чопи аввал, 1335 ва дуввум 1363 ш.).

18- «Фарҳанги Низом», аз Сайид Муҳаммадалии Доъиалисл[illegible] (таълиф 1348 то 1358 к.) (чопи Ҳайдарободи Дакан, зери [illegible] муаллиф, дар панҷ ҷилд, мақорини замони таълиф).

19- «Луғатномаи Деҳҳудо», аз аллома Алиакбари Деҳҳ[illegible] Теҳрон (1300-1359 ш.) ва низ «Фарҳанги форсӣ»-и Муъин (1[illegible] то 1347 дар 4 муҷаллад).

Мушаххасоти осори манзум ва мансуре, ки ин калимотро [illegible] даанд:

1- «Девони Унсурии Балхӣ» (мутаваффои 432 к.), ба тасҳ[illegible] доктор Дабири Сиёқӣ, Теҳрон, чопи аввал 1342 ва чопи дуввум 1363 ш. (тоҷик, тозак).

2- «Таърихи Абулфазли Байҳақӣ» (соли таълиф 450 ва 451 к.) ба тасҳеҳи доктор Файёз, чопи Донишгоҳи Машҳад, 1350 ш. (тозик).

3- «Девони Луғот-ат-турк» Маҳмуди Кошғарӣ (соли таълиф 466 к.), чопи Истонбул, дар се муҷаллад, 1333 к. (тот, тат, та[illegible] жик).

4- «Сиёсатнома»-и Хоҷа Низомулмулк (мақтул дар 485 к.), ба тасҳеҳи Ҳейвбарт Дорк, Теҳрон, 1340 ш. (тозик).

5- «Дадақурқур» (таълифшуда дар қарни панҷум то нуҳуми ҳиҷрӣ), чопи Истонбул, 1332 к. (тот).

6- «Китоб-ул-нақз»-и Абдуҷалили Қазвинӣ (соли таълиф 558 к.), ба тасҳеҳи доктор Ҷалоли Муҳаддис, чопи аввал, Теҳрон, 1331 ш. (тоҷик, тозик).

7- «Салҷуқномаи Заҳирӣ» (соли таълифи 582 к.), аз Интишороти «Кулолаи Ховар», Теҳрон, 1332 ш. (тоҷик).

8- «Таърих-ал-вузаро»-и Нақмиддини Абулриҷои Қумӣ (соли таълиф 584 к.), ба тасҳеҳи Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ, Теҳрон, 1363 ш. (тозик).

9- Девони Анварии Абевардӣ (мутаваффои 585 к), ба тасҳеҳи Саид Нафисӣ, Теҳрон, 1337 ш. (тоҷик).

10- «Алтавассул ило тарсул»-и Баҳоуддини Бағдодӣ (соли таълиф 588 к.), ба тасҳеҳи марҳум Аҳмади Баҳманёр, Теҳрон, 1315 ш. (тоҷик).

11- «Тарҷумаи таърихи Яминӣ», аз Носеҳ ибни Заф[illegible] Ҷарфодқонӣ (603 к.), ба тасҳеҳи доктор Ҷаъфари Шиъ[illegible] Теҳрон, 1358 ш. (тозик).

12- «Таърихи Табаристон»-и ибни Исфандиёр (соли таълиф 613 к.), ба эҳтимоми марҳум Аббос Иқболи Оштиёнӣ, дар ду муҷаллад, Теҳрон, 1320 ш. (тозик).

13- «Девони Аттори Нишопурӣ» (мақтул дар 618 то 628 к), ба тасҳеҳи доктор Тақии Тафаззулӣ, Теҳрон, 1341 ш. (тозик).

14- «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт»-и Садидуддин Муҳамад Авфӣ (таълифи 420 то 430 к.), ба тасҳеҳи доктор Исмоили Ҳокимӣ, дар се муҷаллад, Теҳрон 1352 ва 1359 ш. (тозик).

15- «Футувватномаи Суҳравардӣ» (соли таълиф 632 к.) (мундариҷ дар китоби «Рисоили чавонмардон»), аз интишороти Институти Эрон ва Фаронса, 1352 ш. (тоҷик).

16- «Нафсат-ул-масдар»-и Муҳиддин Муҳаммади Насавии Зайдарӣ (соли таълиф 632 к.), ба тасҳеҳи доктор Яздигурдӣ, Теҳрон, 1343 ш. (тозик).

17- «Одоб-ул-ҳарб ваш-шуҷоат»-и Муҳаммад ибни Мансури Муборакшоҳ, маъруф ба Фахри Мудаббир (таълифи 627 то 633 к.), ба тасҳеҳи Суҳайлии Хонсорӣ, Теҳрон, 1346 ш. (тозик, тоҷиквор).

18- «Таърихи ҷаҳонкушо»-и Атомалики Ҷувайнӣ (соли таълиф 658 к.), ба тасҳеҳи аллома, марҳум Муҳаммади Қазвинӣ, дар се муҷаллад, Лидан, 1326 то 1355 к. (тозик).

19- «Табақоти Носирӣ»-и Минҳочи Сироҷи Ҷузҷонӣ (соли таълиф 658 қ.), ба тасҳеҳи Абдулҳайи Ҳабибӣ, дар ду ҷилд, Лоҳур, 1328 ш. (тоҷак, тоҷик).
20- «Бӯстон»-и Саъдӣ (манзум дар 655 қ.) (тоҷик).
21- «Куллиёти Шамс» ё «Девони кабир»-и Мавлавии Балхӣ (мутаваффои 672 қ.), ба тасҳеҳи марҳум Фурузонфар, Теҳрон, чопи аввал, 1336 то 1346 ш. (тат, тот, тоҷик, тоҷикӣ).
22- «Таърихи шоҳӣ», аз муаллифи ношинос (таълифи баъд аз 690 қ.), ба тасҳеҳи доктор Бостонии Поризӣ, Теҳрон, 1355 ш. (тозик).
23- «Куллиёт»-и Саъдии Шерозӣ (мутаваффои 690 ё 695 қ.), ба тасҳеҳи доктор Мазоҳири Мусаффо, Теҳрон, 1339 ш. (тоҷик, тоҷикона).
24- «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидаддини Фазлуллоҳ (поёни таълиф 710 қ.), ба кӯшиши доктор Баҳмани Каримӣ, ду мучаллад, Теҳрон, 1338 ш. ва бахши «Ғазнавиён», ба кӯшиши доктор Дабири Сиёқӣ, Теҳрон, 1338 ш. (тозик).
25- «Таърихи Муборакі Ғозонӣ»-и Хоҷа Рашидаддини Фазлуллоҳ, (поёни таълиф 710 қ.), ба эҳтимоми Карл Ян Гарфорд, Инглистон, 1338 ш. (тозик).
26- «Таърихи Вассоф»-и Адиб Абдуллоҳи Шерозӣ (соли таълиф 712 қ.), чопи сангӣ, Бамбай, 1269 қ. ва чопи офсет, Теҳрон 1338 ш. (тоҷик, тожик).
27- «Симмат-ул-аъло ҳазрат ал-улё»-и Носириддини Мунши (таълифи 715 то 720 қ.), ба эҳтимоми Аббоси Иқболи Оштиёнӣ, Теҳрон, 1328 ш. (тозик).
28- «Девони Низории Қаҳистонӣ» (645 то 720 ҳ.) (тозик).
29- «Таърихномаи Ҳирот»-и Сайф ибни Муҳаммад ибни Яъқуби Ҳиравӣ (таълифи даҳаи дуввуми қарни ҳафтум), ба эҳтимоми профессор Муҳаммадзабири Сиддиқӣ, чопи аввал, Калкутта, 1362 қ. ва чопи дуввум ба тариқаи офсет, Теҳрон, 1353 ш. (тожик).
30- «Тӯтинома» ё «Ҷавоҳир-ул-асмор»-и Имодуддини Муҳаммад (соли таълиф 730 қ.), ба тасҳеҳи Шамсиддини Оли Аҳмад, Теҳрон, 1352 ш. (тозик).
31- «Наҳзат-ул-қулуб»-и Ҳамдуллоҳи Муставфии Қазвинӣ (соли таълиф 740 қ.), ба тасҳеҳи доктор Дабири Сиёқӣ, Теҳрон, 1336 ш. (тоҷик).
32- «Маҷмаъ-ул-ансоб»-и Муҳаммад ибни Алии Шабонкорӣ (соли таълифи таҳрири аввал 733 ва таҳрири дуввум 743 қ.), ба эҳтимоми Мирҳошими Муҳаддис, Теҳрон, 1363 ш. (тоҷик).

33- «Дастурулафозил» аз Ҳоҷиб Хайроти Деҳлавӣ (соли таълиф 743 қ.), ба эҳтимоми доктор Назираҳмад, Теҳрон, аз интишороти Бунёди фарҳанги Эрон 1353 ш. (тоҷик).
34- «Таърихи Рӯён», аз Авлиёулло Омулӣ (соли таълиф баъд аз 764 ё 765 қ.), ба тасҳеҳи доктор Манучеҳри Сутуда, Теҳрон, 1348 ш. (тоҷик).
35- «Дастурулкотиб»-и Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳ (соли таълиф 767 қ.), ба эҳтимоми Абдулкарим Алӣ ӯғлии Ализода, дар се муҷаллад, Маскав, 1964 то 1971 м. (тоҷик, тозик).
36- «Девон»-и Ҳофизи Шерозӣ, мутаваффои 792 х. (тоҷик).
37- «Масомират-ул-ахбор ва масоират-ул-ахбор»-и Муҳаммад Оқсаройӣ (қарни ҳаштум), ба эҳтимоми доктор Усмони Тӯрон, Теҳрон 1362 ш. (тоҷик).
38- «Зафарнома»-и Низомиддини Шомӣ (соли таълиф 804 қ.), ба кӯшиши Паноҳии Симнонӣ, Теҳрон, 1363 ш. (тоҷик).
39- «Мунтахаб-ул-таворихи Муъинӣ»-и Муъиниддини Натанзӣ (таълифи 816 ва 817 қ.), ба тасҳеҳи Жан Убин, Теҳрон, 1336 ш. (тоҷик, тозик).
40- «Фароиди Ғиёсӣ»-и Ҷалолиддин Юсуфи Аҳл (таълифи нимаи аввали қарни нуҳум), ба эҳтимоми доктор Ҳашмати Муайяд, дар ду ҷилд, Теҳрон, 1356 ва 1358 ш. (тоҷик).
41- «Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ» (мутаваффои 827 то 834 қ.): «Ҷомеъи муфидӣ» (тоҷик).
42- «Таърихи Язд»-и Ҷаъфар ибни Муҳаммади Ҷаъфарӣ (таълифи баъд аз 850 қ.), ба эҳтимоми Эраҷи Афшор, Теҳрон, 1338 ш. (тоҷик).
43- «Озари Тӯсӣ» (мутаваффои 866 қ.), ручӯъ кунед ба «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сарварӣ дар бахши фарҳангҳо (тоҷик).
44- «Осор-ул-вузаро»-и Сайфиддини Ҳоҷӣ ибни Низоми Уқайлӣ (нимаи дуввуми қарни нуҳум), ба эҳтимоми доктор Ҷалоли Муҳаддис, Теҳрон, 1337 ш. (тоҷик).
45- «Матлаъ-ус-саъдайн»-и Абдурразоқи Самарқандӣ (соли таълиф 875 қ.), ба кӯшиши доктор Абдулҳусейни Навоӣ, муҷаллади аввал, Теҳрон, 1353 ш. (тожик).
46- «Таърихи Табаристон ва Рӯёну Мозандарон»-и Сайид Заҳириддини Маръашӣ (соли таълиф 881 қ.), ба кӯшиши Муҳаммад Ҳусейни Тасбеҳӣ, Теҳрон, 1345 ш. (тоҷик, тозик).
47- «Силсилат-уз-заҳаб»-и Абдураҳмони Ҷомӣ (таърихи назм 890 қ.) (мундариҷ дар «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ), ба тасҳеҳи Муҳаррриси Гелонӣ, Теҳрон, чопи дуввум, 1351 ш. (тозик).

48- «Амир Алишери Навоӣ» (мутаваффои 906 қ., ручӯъ кунад ба «Санглох» дар бахши фарҳангҳо) (тот).
49- «Равзат-ул-ҷинон»-и Муъиниддини Исфазорӣ (соли таълиф 897-899 қ.) ба тасҳеҳи Сайид Муҳаммад Козими Имом, Теҳрон, 1338 ва 1339 ш. (тоҷик, тозик).
50- «Равзат-ус-сафо», аз Мирмуҳаммадхондшоҳ, машҳур ба Мирхонд (соли таълиф 899 қ.), аз интишороти Китобхонаи марказии – Хайём – Пирӯз, Теҳрон, 1338 ш. (тоҷик, тозик).
51- «Дастур-ул-вузаро»-и Ғиёсуддини Хондамир (соли таълиф 914 қ.), ба эҳтимоми Сайид Нафисӣ, Теҳрон, 1317 ш. (тозик).
52- «Таърихи хонӣ»-и Алӣ ибни Шамсиддини Лоҳиҷӣ (таълиф баъд аз 920 қ.), ба эҳтимоми Манучеҳри Сутуда, Теҳрон, 1352 ш. (тоҷик).
53- «Ҳабиб-ус-сияр»-и Ғиёсиддини Хондамир (таълифи соли 927 то 930 қ.), чопи Китобхонаи Хайём бо Фаҳорис, доктор Дабири Сиёқӣ, 1333 ш. (тоҷик).
54- «Номаи шоҳ Таҳмосб ба шоҳ Сулаймон» (дар 963 қ.) (мундариҷ дар китоби «Шоҳ Таҳмосби Сафавӣ», ба эҳтимоми доктор Абдулҳусейни Навоӣ, Теҳрон, 1350 ш. (тоҷик).
55- «Аҳсан-ул-таворих»-и Ҳасанбеки Румлу (соли таълиф 9[illegible] қ.), ба эҳтимоми доктор Абдулҳусейни Навоӣ, Теҳрон, 1350 ш. (тоҷик).
56- «Наҳоват-ул-исор»-и Маҳмуд ибни Ҳидояти Натанзӣ, (соли таълиф 998 қ.), ба эҳтимоми доктор Эҳсони Ишроқӣ, Теҳрон, 1350 ш. (тоҷик, тозик, тозикия).
57- «Хулосат-ул-таворих»-и Қозӣ Аҳмади Қумӣ (соли таълиф 999 қ.), ба эҳтимоми доктор Эҳсони Ишроқӣ, дар ду муҷаллад, Теҳрон, 1359 ва 1362 ш. (тоҷик).
58- «Девони Назирии Нишопурӣ», (мутаваффои 1021 ё 1052 қ.) ба тасҳеҳи доктор Мазоҳири Мусаффо, Теҳрон, 1340 ш. (тоҷик).
59- «Оламорои Аббосӣ»-и Искандарбеки Муншӣ, (соли таълиф 1052 қ.), ба эҳтимоми Эраҷи Афшор, дар ду муҷаллад, Теҳрон, чопи аввал 1334 ва 1335 ш. (тоҷик, тозик, тоҷикия).
60- «Эҳё-ул-мулук»-и Маликшоҳ Ҳусейни Сиистонӣ, (соли таълиф 1028 қ.), ба эҳтимоми доктор Манучеҳри Сутуда, Теҳрон, 1344 ш. (тоҷик).
61- «Девони Толиби Омулӣ» (мутаваффои 1036 қ.), ба эҳтимоми Тоҳирии Шаҳоб, Теҳрон, 1346 ш. (тоҷик).
62- Шоири ношиноси муосир Абдулфаттоҳи Фуманӣ (дар «Таърихи Гелон», Фуманӣ) (тоҷик).

63- «Таърихи Гелон»-и Абдулфаттоҳи Фуманӣ, (соли таълиф 1038 қ.), ба эҳтимоми доктор Манучеҳри Сутуда, Теҳрон, 1349 ш. (тоҷик)
64- «Ҳадиқат-ул-салотин», аз Мирзо Низомиддини Шерозӣ, маъруф ба Низомо (соли таълиф 1053 қ.), (Дакан, 1961 м.) (тоҷик).
65- «Девони Калими Кошонӣ» (мутаваффои 1061 қ.), ба тасҳеҳи Партави Байзовӣ, Теҳрон, 1336 ш. (тоҷик).
66- «Мирзо Зайнулобидин Муншӣ-ал-мамолик» (сурудашуда дар 1064 қ.), (мундариҷ дар «Тазкираи Насрободӣ»), ба эҳтимоми Ваҳиди Дастгирдӣ, Теҳрон, 1317 ш. (тоҷик).
67- «Абулмаъонӣ», (қарни ёздаҳум), (мундариҷ дар «Лисон-ул-ачам»-и Шуъурӣ»), ручӯъ кунед ба «Лисон-ул-ачам», (бахши фарҳангҳо) (тот).
68- «Оламорои Сафавӣ», аз муаллифе ношинос (соли таълиф 1086 қ.), ба эҳтимоми доктор Шукрӣ, чопи аввал 1351 ва дуввум 1364 ш. (тоҷик).
69- «Ҷомеъи Муфидӣ»-и Муҳаммад Муфиди Муставфӣ (соли таълиф 1090 қ.), ба кӯшиши Эраҷи Афшор, дар се муҷаллад, Теҳрон, 1342 то 1344 ш. (тозик).
70- «Дарраи нодира»-и Мирзо Маҳдинхони Астарободӣ (таълифи ҳудуди 1160 қ.), ба эҳтимоми доктор Сайид Ҷаъфари Шаҳидӣ, Теҳрон, 1341 ш. (тозик).
71- «Оламорои Нодирӣ»-и Муҳаммад Козими Марвӣ (таълиф ҳудуди 1160 қ.), ба эҳтимоми доктор Муҳаммадамини Риёҳӣ, Теҳрон, 1364 ш. (тоҷик).
72- «Рӯзномаи Мирзомуҳаммад Калонтари Форс», (таълифи миёни 1160 то 1199 қ.), ба эҳтимоми Аббос Иқболи Оштиёнӣ, Теҳрон, 1325 ш. (тоҷик).
73- «Муҷмал-ут-таворих»-и Абулҳусайни Гулистонӣ (таълифи миёни с. 1160 то 1200 қ.), ба эҳтимоми Мударриси Разавӣ, Теҳрон, чопи аввал 1320 ва чопи дуввум 1344 ш. (тоҷик).
74- «Таърихи Гетикушо»-и Мирзомуҳаммад Содиқи Мусавии Номӣ (таълиф ҳудуди 1200 қ.), ба эҳтимоми Саъид Нафисӣ, Теҳрон, 1317 ш. (тоҷик).
75- «Зайли Таърихи Гетикушо»-и Мирзо Абдулкарим (таълиф ҳудуди 1207 қ.), ба эҳтимоми Саъид Нафисӣ, Теҳрон, 1317 ш. (тоҷик).
76- «Маҷмаъ-ут-таворих»-и Мирзомуҳаммади Халили Маръашӣ, (таълиф то 1207 қ.), ба эҳтимоми Аббос Иқболи Оштиёнӣ, Теҳрон, 1328 ш. (тоҷик).

77- «Зайли дуввуми Таърихи Гетикушо»-и Оқои Муҳаммади Ризо (таълиф то 1218 қ.), ба эҳтимоми Саид Нафисӣ, Теҳрон, 1317 ш. (тоҷик).
78- «Маосари султония»-и Абдурразоқи Данбалӣ, мутаҳаллиф ба Мафтун, (соли таълиф ҳудуди 1241 қ.), чопи аввал, Табрез, 1241 қ. (тоҷик).
79- «Таҷрият-ул-аҳрор ва таслият-ул-аброр»-и Абдурразоқи Данбалӣ, (таълифи қабл аз 1241 қ.), ба кӯшиши Қозӣ Таботабоӣ, Табрез, 1349 ш. (тоҷик).
80- «Рустам-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳошими Рустами ҳукамо, (таълифи ниҳоӣ 1247 қ.), ба эҳтимоми Муҳаммади Муширӣ, Теҳрон, 1348 ш. (тоҷик).
81- «Маншаоти қоиммақом», (соли таълиф 1250 қ.), чопи сангӣ, Теҳрон, 1280 қ. (тозик).
82- «Сафоратномаи Хоразм»-и Ризоқулихони Ҳидоят (дар 1268 қ.), ба эҳтимоми Алӣ Ҳузурӣ, Теҳрон, 1356 ш. (тот, тозик).
83- «Сафарномаи Атбот»-и Мирзо Абдулалии Адибалмамолик (Далел-ул-мутаҳайирин), (дар 1273 қ.), ба эҳтимоми Масъуди Гулзорӣ, Теҳрон, 1364 ш. (тоҷик).
84- «Равзат-ус-сафои Носирӣ»-и Ризоқулихони Ҳидоят, (1274 қ.), (такмили «Равзат-ус-сафои Мирхонд»), Теҳрон, 1338 ш. (тоҷик).
85- «Девони Қоонии Шерозӣ», (мутаваффои 1275 қ.), ба тасҳеҳи доктор Маҳҷуб, Теҳрон, 1336 ш. (тоҷик).
86- «Сафарнома»-и Фарҳодмирзои Мӯъатамадуддавла (дар 1294 қ.), чопи дуввум ба эҳтимоми Наввоби Сафо, Теҳрон, 1366 ш. (тоҷик).
87- «Бӯстон-ус-саёҳат»-и Ҳоҷӣ Зайнулобидини Шервонӣ (мутаваллиди 1253 қ.), таълифшуда дар аҳди Носириддиншоҳ, чопи сангӣ, 1315 қ. (тоҷик).
88- «Гузоришҳои сиёсии Алоулмалик» (1304 қ.), ба эҳтимоми Иброҳими Сафоӣ, Теҳрон, 1347 ш. (тоҷик).
89- «Сафарнома»-и Мирзо Алихон Амируддавлаи Садрулаъзам, дар 1316 қ., бо муқаддимаи доктор Аминӣ, Теҳрон, интишороти Тӯс, 1354 ш. (тоҷик).
90- «Сафарномаи Макка»-и Мухбируссалтанаи Ҳидоят, дар 1321 қ., ба тасҳеҳи доктор Дабири Сиёқӣ, 1368 ш. (тоҷик).
91- «Мақолоти Деҳҳудо» (аз рӯзномаи «Сури Исрофил»), (1325 қ.), ба эҳтимоми доктор Дабири Сиёқӣ, Теҳрон (ҷ. 1, чопи дуввум), 1362 ш. (тоҷик).

92- «Девони Фурсатуддавлаи Шерозӣ», (мутаваффои 1339 қ.), чопи дуввум, ба тасҳеҳи Алии Зарринқум, Теҳрон, 1337 ш. (тоҷик).
93- «Валоёти дорулмарзи Гелон», Робину (1914 м.), Тарҷумаи Ҷаъфари Хумомизода, Теҳрон, 1350 ш. (тот).
94- «Сафарномаи Мозандарон ва Астаробод»-и Робину, (бахши форсӣ 1342 қ., Қоҳира, бахши инглисӣ 1928 м., Лондон (тот).
95- «Таронаҳои маҳаллии озарбойҷонӣ», (мундариҷ дар китоби «Готӣ ва ҳарзанӣ»-и Абдуалии Коранг), Табрез, 1333 ш. (тот).
96- Мақолаи Иқболи Оштиёнӣ дар интиқод ба мундариҷоти маҷаллаи «Кова», 1338 қ. (тоҷик).
97- «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ»-и Саид Нафисӣ, Теҳрон, 1341 ш. (тоҷик).
98- Таронаи туркии қашқоӣ (нақли шифоҳӣ аз Муҳаммад Бахмани Бегӣ) (тоҷик).

Шавоҳиди калимоти мавриди ишора

1. Тот:

Агарчи амири Бухоро ва хони Хева ҳар ду аз дудаи умарои Ҳиҷоз ва дар ҳасбу насаб якӣ, аммо фимобайн ғубори нукот мурдаҳ ҳаст. Амири Бухоро хони Хева ва аҳли Хоразмро турк надонад, [illegible] хонад ва хони Хева аҳолии Бухороро «тозик» номад [illegible]ҳулихони Ҳидоят «Сафоратномаи Хоразм», саҳ. 53).

Собиқан воқеаи рафтани иёлоти турки форсӣ ба Кирмон ва… [illegible]ум шуда ва сабаби ихроҷи тоифаи нурия аз Шероз ва инфоқи [illegible] аз турк ва тот бо якдигар…

Ризоқулихони Ҳидоят, аз «Равзат-ус-сафои Носирӣ», ҷ. 1, саҳ. 73.

Курдҳо (тотҳо) ё бумӣ ҳастанд ва ё аз курдҳое мебошанд, ки [illegible]молан ба василаи Шоҳ Аббос ба ин ноҳия кӯчонда шудаанд (яъне [illegible] Раҳматободи Гелон) (Робину, «Вилоёти дорулмарзи Эрон, Ге[illegible], тарҷумаи Хумомизода, саҳ. 314). Ва ручӯъ кунед ба «Сафарно[illegible] Мозандарон ва Астаробод»-и Робину, бахши инглисӣ, саҳ. 63 [illegible]

Дар таронаи мутадовил миёни кӯдакони хурдсоли туркзабони [illegible]рбойҷон ба матлаъ:

Ушудум ҳо ушудум
Доғдан олма дошидум…
«Гумуше вирдем тото

Тот манна дорӣ вердӣ
Дорине сапдем қушо
Қуш манна қонот вирдӣ
Қонодлодем учмоқо
Ҳақ қоёусим очмоқо»
(Абдулалии Коранг, «Тотӣ ва ҳарзанӣ», саҳ. 30 то 31)

Тарҷума:

Чойидем ҳо чойидам,
Аз кӯҳ себ ҳамл кардам.
Симро (нуқраро) ба тот додам,
Тот ба ман арзан дод.
Арзанро ба паранда додам.
Паранда ба ман болу пар дод.
Ба пару бол барои парвоз мучаҳҳаз шудам,
Барои кушудани дари ҳақ.

Маънии «тот» дар ин таронаи маҳаллии форсизабонони эрон табор бозаргон ва пешавар аст.

Мисли «Бӯ сӯз ҳеҷ тотин китобанда юҳадур».
(Адбулалии Коранг. «Тотӣ ва ҳарзанӣ», саҳ. 30 то 31)

Тарҷума: Ин сухан дар китоби ҳеҷ тотӣ нест.

Маънии «тот» дар ин масал форсизабони эронитабор ва китоб хон ва донишманд аст.

Мисли «Тот диздан қизор турк кӯздан».
(*Адбулалии Коранг. «Тотӣ ва ҳарзанӣ», саҳ. 30 то 31*)

Тарҷума: Тот аз зону тофта ва гарм шавад ва турк аз чашм (муро род он ки тот барои гарм кардани худ аз курсӣ (сандалӣ) истифо мекунад ва турк оташ меафрӯзад ва гарм мешавад).

(Дар ин масал маънии «тот» форсизабони эронитабор аст ва шаҳрнишин дар муқобили турки чодарнишин).

2. Тотӣ:

Мансуб ба тот. Руҷӯъ кунед ба тот. Дар ин замон тотӣ ба унвони номи умумии дастае аз лаҳҷаҳои марказии Эрон аст, ки бо симнонӣ аз як сӯ ва бо толишӣ аз сӯи дигар муртабит аст ва аз ин ҷумла аст тотии балук, романд ва афшор ва захро ва даштобии Қазвин (аз Иштҳорд то Токистон) ва тотии халхолӣ ва тотии ҳарзанд

кирингол. Тотии Қафқоз ҳам сурати таҳаввулёфтае аз забони форсӣ аст[6].

3. Тоҷак:

Тоҷак мухаффафи тоҷик аст. Руҷӯъ кунед ба тоҷик.

Чокари айвони ӯ, ҳар ҷо ки турку тоҷике,
Бандаи фармони ӯ, ҳар ҷо ки ҳинду габраш аст.
(Минҳоҷи Сироҷи Ҷузҷонӣ. «Табақоти Носирӣ», ҷ. 1, саҳ. 552).

4. Тоҷик:

Зи Чину Мочин якрӯя то лаби Ҷайхун,
Зи турку тоҷик7, аз туркмону ғузу хазар.
(Унсурӣ, Девон, саҳ. 134)

Ин неъмати дерини диёр ва билоди муштарак аст аз миёни мусалмонон ва мушрикону ҷуҳудон ва мӯъминону муваҳҳидон… ва турку тоҷикон.[8]
(Абдуҷалили Қазвинӣ, «Алнақз», саҳ. 674, чопи аввал).

Овозаи кофари Хитой буд, ки қосиди билоди исломанд ва вилоятҳо Мовароуннаҳр аз Ваттот лашкари Хуросон… ва атбои турку тоҷики анбӯҳ ба сутӯҳ омада буданд.
(Заҳируддини Нишопурӣ. «Салҷуқнома», саҳ. 45)

Маҳмуд он аст, ки ҳамгунонро аз дуру наздик ва турку тоҷик бар ин ихтисос мусовот ҳосил бошад.
(Баҳоуддини Багдодӣ. «Ат-тавассул ало ал-тарассул», саҳ. 14 ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 41 ва 52).

Чу яксон аст он ҷо турку тоҷик,
Ҳам аз Эрон, ҳам аз Тӯрон, дарего.
(Аттор, Девон, саҳ. 675.)

Аммо сурати ин роҳро арабӣ ва аҷамӣ ва турку тоҷик ва авому лашкарӣ ва аснофу туҷҷор ва ҳама кас битавонад варзидан.
(Сӯҳравардӣ. «Футувватнома», нақл аз «Расоили ҷавонмардон», саҳ. 111).

---

[6] Аз «Доиратулмаорифи форсӣ»-и доктор Мусоҳиб, ҷ. 1, 595.
[7] Дар «Фарҳанги ҷаҳонгардӣ» тозак.
[8] Ибн аз туркон ва тозикон.

Султон Масъуд кини падар бозхост ва кушандагони падарро ва турку тоҷик ба қатл расонид.

(Минҳоҷи Сироҷ. «Табақоти Носирӣ»,ҷ. 1, саҳ. 34 ва низ рӯҷӯъ кунед ба ҷ. 2, саҳ. 597 ва 613 ва 617 ва 634 ва 655 ва 659)

Араб дидаву турку тоҷику рум,
Зи ҳар ҷинс дар нафси покаш улум.

(Саъдӣ, Куллиёт, «Бӯстон», ҷ. 1, саҳ. 41)

Агар турк асту тоҷик аст,
Бад-ӯ ин банда наздик аст.
Чу ҷон бо тан, валекин
Тан набинад ҳеҷ марҷонро.

Мавлавӣ, «Куллиёти Шамс», ҷ. 1, саҳ. 43)

Шояд ки ба подшаҳ бигӯянд,
Турки ту бирехт хуни тоҷик.

(Саъдӣ, Куллиёт, саҳ. 631)

Афви ӯ, ки мустақили асароти бандагон буд, мустақбили ҷароими дуру наздик ва турку тоҷик мегашт.

(Адиб Абдуллоҳ, «Тарихи вассоф», саҳ. 18)

Ин замон кор ба ҷое расида, ки аҳвоми хитоӣ… ва ҷамоати асирон ва аҳвоми тоҷик, ки дар миёни муғул парварда шудаанд, эшонро низ муғул гуфтаанд.

(Рашидаддини Фазлуллоҳ, «Ҷомеъ-ут-таворих», ҷ. 1, саҳ. 58 ва низ рӯҷӯъ кунед ба ҷ.1, саҳ. 35)

Тасуҷ қабилае аст бар ду марҳалаи Табрез ба ҷониби ғарбӣ ва дар шимоли баҳираи Чичаст афтода аст… сукконаш аз турку тоҷик мамзуҷанд.

(Ҳамдуллоҳи Муставфӣ. «Наҳзат-ул-қулуб», саҳ. 92)

Ҳайдари Қассобро бо лашкаре аз муғул ва тоҷик онҷо гузоштанд.

(Шабонкорӣ. «Маҷмаъ-ул-нисоб», саҳ. 330)

«… Луғоти тозӣ ва туркӣ ва муғулӣ ва… ва забони муғон ва суриёнӣ ва фалсафаи тоҷик ва ибронӣ ва забони розиён ва ҳиҷозон ва вилояти Мовароуннаҳр ва истилоҳи шуарои ҳар шаҳр берун оварда ва тартиби таҳаҷҷӣ дода…»

(Ҳоҷиб Хайропи Деҳлавӣ. Муқаддимаи «Дастур-ул-фозил», саҳ. 57 ва 58)

Малик Ардашер ба мақоми тағйир ҳашам ҷамъ кард бо чордаҳ ҳазор турку тоҷик.

(Авлиёуллоҳ, «Тарихи Рӯён», саҳ. 146)

Аз лашкариён ва аҳвоми муғулу тоҷик ва луру акрод ва атроку ҳаҷоб ва халҷон…

(Муҳамад ибни Ҳиндушоҳ, «Дастур-ул-котиб», ҷ. 2, саҳ. 184 ва низ рӯҷӯъ кунед ба ҷ. 2, саҳ. 69 ҳошия ва саҳ. 84 ва 55 ва 90 ва 150 ва 282-и ҳамон китоб)

Эй баста камар зи дуру наздик,
Бар хуни тамоми турку тоҷик.

(Ҳофизи Шерозӣ. Девон, чопи қудсӣ, саҳ. 472).

Бо ҳазорае аз лашкари муғул ва мисли он аз тоҷик бар сари аҳвоми Қаромон бад-он вилоят рафт.

(Оқсароӣ. «Масомарат-ул-ахбор», саҳ. 111 ва низ рӯҷӯъ кунед ба саҳ. 103 ва 113 ва 171 ва 174 ва 194 ва 221 ва 326)

Турку тоҷикро ба ҳамдигар
Хасмиву гирудор мебинам.

(Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, аз «Ҷомеъи муфидӣ», ҷ. 3, саҳ. 2)

Аз атрофи мамолики Тӯрону Эрон, аз турку тоҷик ва араб ашраф тавоиф аз содот ва уламо ва машоих ва қуззот… ҷамъ буданд.

(Низомиддини Шомӣ. «Зафарнома», саҳ. 291 ва низ саҳ. 42 ва 54 ва 282)

Саворон аз таҳаввури тоҷик ва мардонагии пиёдагони риҷола ҳамлаҳҷиб монда, аз саҳми тири дилдӯз ва санги оташафрӯз инон афтанд.

(Муъиниддини Натанзӣ. «Мунтахаб-ул-таворих», саҳ. 230 ва низ рӯҷӯъ кунед ба саҳ. 62 ва 227 ва 343)

Аз дуру наздик пеши турку тоҷик осори он ба зуҳур пайвандад.

(Ҷалолиддини Юсуф. «Фароиди Ғиёсӣ», ҷ. 1, саҳ. 191 ва низ рӯҷӯъ кунед ба ҷ. 2, саҳ. 429)

Муаллифи ин рисола… чунин гӯяд, ки чун аз таъриҳи кабир…, ки аз ибтидои офаринишӣ оламу одам… ва машоҳир аз арабу аҷам ва

турку тоҷик… бозпардохтам, ин рисола ҷамъ кардам, мавсум ба «Таърихи Язд»:

(Ҷаъфарӣ. «Таърихи Язд», саҳ. 1[illegible])

Лашкари турку тоҷик то Рӯён даромад ва ғорату торочи мах[illegible] карданд.

(Маръашӣ, «Таърихи Табаристон ва Рӯёну Гелон», саҳ. [illegible] ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 27 ва 28)

Овоз дод, ки Абулҳасани Уқайлиро бихонед то мушриф бо[illegible] ки ин тоҷикон ҳама яке бошанд ва муҳобо кунанд дар пайғоме, ки диҳанд.

(Ақилӣ. «Осор-ул-вузаро», саҳ. 170)

Чун ин хабар ба самъи дуру наздик ва турку тоҷик расид, му[illegible] ки онон ба қасди Ҳурмуз аз атроф дар ҳаракат омаданд.

(Мирхонд. «Равзат-ус-сафо», ҷ. 1, саҳ. 792 ва низ руҷӯъ кунед ба ҷ. 4, саҳ. 209 ва 283 ва 405 ва 430 ва 425 ва ҷ. 5, саҳ. 324 ва ҷ. 6, саҳ. 169 ва 191 ва 512 ва 561 ва 596 ва 834 ва ҷ. 7, саҳ. 328)[9]

Он миқдор мардуми бузург аз салотини тоҷику турк…, ки аз он хоки пок мавҷуд шуда, аз ҳеҷ замине пайдо нагашта.

(Исфазорӣ. «Равзот-ул-ҷинот», саҳ. 114 ва низ рӯҷуъ кунед ба саҳ. 199)

Лашкаре аз турку тоҷик ва дуру наздик ҷамъ омада буданд.

(Лоҳиҷӣ. «Таърихи хонӣ», саҳ. 138 ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 121)

Мардуми мамолики Эрон аз пиру ҷавон ва кофару мусулмон ва турку тоҷик ва дуру наздик… баъди озодии фароизи тоъот дуои даво лати рӯзафзуни… он аълоҳазратро бар зиммати ҳиммати худ аз лазо зим доштаанд.

(Аз номаи шоҳ Таҳмосб ба Султон Сулаймон мундариҷ дар китоби «Шоҳ Таҳмосб», саҳ. 314)

Дуруштиро шиори худ сохта турку тоҷикро ранҷонида ва ранҷо нид.

(Румлу. «Аҳсал-ат-таворих», саҳ. 512 ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 291 ва 625)

---

[9] Ин муҷаллад навиштаи соҳиби «Ҳабибуссияр» аст ва бояд дар радифи шавоҳиди ӯ маҳсуб гардад.

Сивои эшон аҳаде аз турку тоҷик ба ҳеҷ ваҷҳ миналвуҷуҳ як ди[illegible] ба иллати душиллик нагирад.

(Маҳмуди Натанзӣ. «Нақоват-ул-осор», саҳ. 40 ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 291 ва 625)

Шуд ғайрати кору бори ишқат,
Зуннор миёни турку тоҷик.

(Назирии Нишопурӣ. «Девон», саҳ. 589)

Ҷамъе аз тоҷикони хушомадгӯй, ки дар хидмати Нуввоби Комёб Аъло буданд, ҳамеша суханони муваҳҳаш навишта мефиристо нид.

(Қозӣ Аҳмади Қумӣ. «Хулосат-ут-таворих», ҷ. 2, саҳ. 706 ва низ руҷӯъ кунед ба ҷ. 1, саҳ. 28, 193, 225, 375, 399, 406, 40, 477, 563, 582, 668, 691, 707, 729, 732, 733, 740, 743, 761, 776, 798, 826, 827, 836, 861, 868, 902, 996, 1008, 1018, 1023, 1060, 1075)

Нақми Сонӣ ва чанд нафари дигар аз аъёни турку тоҷикро ги фта ба миёни худ бурданд.

(Искандарбек. «Оламорои Аббосӣ», ҷ. 1, саҳ. 360 ва низ руҷӯъ кунед ба ҷ. 1, саҳ. 206, 215, 223, 226, 286, 371, 386, 474 ва ҷ. 2 саҳ. 849)

Ба эҳзори лашкариён амр шуд, дар ду-се рӯз се ҳазор кас аз тур ку тоҷик ба ҳам расид.

(Маликшоҳ Ҳусейни Сиистонӣ. «Эҳё-ул-мулук», саҳ. 170 ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 168, 241, 293 ва 291)

Теғ мебояд кушуду ишқ мебояд кашид,
Нест дар туркӣ намак, тоҷик мебояд шудан.

(Толиби Омулӣ. «Девон», саҳ. 823)

Дарего, ки султони Гелон намонд,
Дарего, ки Маҳмуди Султон намонд.

Зи зулму ҷиноёт тоҷику ғил,
Зи Исҳоқия шаҳ ба Гелон намонд.

(Аз «Таърихи Гелон»-и Фуманӣ, саҳ. 36)

Аз тараддудоти урду ва тавҳеъоти муқаррабон ва умаро аз турку тоҷик ва ҳинду ба танг омада,... бе иҷозат... равонаи Гелон мешавад.

(Абдулфаттоҳи Фуманӣ. «Таърихи Гелон», саҳ. 32)

Аз мароҳими хоқони Сикандар мақоми мардуми дуру наздик ва турку тоҷик баҳраманд мегарданд.

(Низомо. «Ҳадиқат-ус-салотин», саҳ. 205)

Ғариқи раҳмати ӯ дуру наздик,
Ғуломи ҳиммати ӯ турку тоҷик.

(Калими Кошонӣ. «Девон», саҳ. 373)

Бияфзуд миқдори тоҷику турк,
Чу теғу қаламро аз ӯ фарру шон.

(Муншиюлмамолик. Аз «Тазкираи Насрободӣ», саҳ. 480)

Аз қизилбош Дев Султон ва аз тоҷик Мирсайид Шарифи Садр.

(«Оламорои Сафавӣ», саҳ. 425 ва низ рӯҷӯъ кунед ба саҳ. 488, 594 ва 596)

Хотири дуру наздик ва турку тоҷикро ба вазоифи бедаре тасаллӣ бахшиданд.

(Муҳаммад Козими Марвӣ. «Оламорои Нодирӣ», ҷ. 2, саҳ. 566 ва низ рӯҷӯъ кунед ба ҷ. 1, саҳ. 5, 50 ва ҷ. 3 саҳ. 1192)

Ва турку тоҷик чангосо сина ба нохуни ҳасрат харошиданд.

(Мирзо Маҳдихон. «Ҷаҳонгушои Нодирӣ», саҳ. 29 ва низ рӯҷӯъ кунед ба саҳ. 28 ва 422)

Аҳолии Эрон низ аз хурду бузург ва тоҷику турк фидоёна нақли ҷон дар роҳи ӯ мебохтанд.

(Гулситонӣ. «Мучмал-ут-таворих», саҳ. 8)

Як сол набуд, ки даҳ рӯз хонаам аз меҳмон холӣ бошад... Аз ҷиҳатҳо Рум ва Баҳдод... курду тоҷик ва арабу аҷаму ҳинд.

(Мирзо Муҳаммади Калонтар. «Рӯзнома», саҳ. 65)

Ҳамагӣ хуруд бузург ва ҷумлагӣ тоҷику турк зиёда аз миқдори эҳтиёҷ анвои заруриёт бор карда ҳамроҳ оварда буданд.

(Номӣ. «Гетикушо», саҳ. 133 ва низ рӯҷӯъ кунед ба саҳ. 8, 28 ва 82)

Кӯчак ва бузурги тоҷику туркро... ба қадри имкон интизом дод.

(Мирзо Абдукарим. «Зайли Гетикушо», саҳ. 335 ва низ рӯҷӯъ кунед ба саҳ. 299 ва 343)

Навкарон ва мухлисони ақидати кеш аз турку тоҷик ҷамъ буданд.

(Муҳаммад Халили Маръашӣ. «Маҷмаъ-ут-таворих», саҳ. 110 ва низ рӯҷӯъ кунед ба саҳ. 101 ва 112)

Оқо Муҳаммадхон тамомии сипоҳро аз хурду бузургу тоҷику турк ба шаҳри Кирмон рухсат дод.

(Оқо Муҳаммадризо. «Зайли Гетикушо», саҳ. 388)

Ҷамъияте аз раъоё ва чирики турку тоҷик ва арбоби ҳирфат ва ҳунарҳо аз ҳудуди Табрез ва Қароҷадоғ ҷамъоварӣ ва рӯй ба Хӯй ниҳоданд.

(Абдурразоқи Данбалӣ. «Маосири Султония», саҳ. 28)

Кӯчаку бузурги Ироқи Аҷам дар таронаи зеру бам ва тору анбӯр ва оҳангу раҳовӣ раҳоӣ дода, дилҳо аз доми ғами тоҷику турку Нишопур бар чангу тараб чангзан.

(Абдурразоқи Данбалӣ. «Таҷрибат-ул-аҳрор», ҷ. 2, саҳ. 182)

Алимардонхони мазкур бо панҷоҳ-шаст ҳазор луру курд ва турку тоҷик ба ҷониби Исфаҳон омад.

(Рустам-ул-ҳукамо. «Рустам-ут-таворих», саҳ. 248 ва низ рӯҷӯъ кунед ба саҳ. 70 ва 323)

Дар миёни ҳамроҳони турку тоҷик хуб хурд ва борик шуда, бо ҳаҷ ба моша зад, ки туфангаш дарнарафт.

(Адибулмамолик. «Сафарномаи Атбоҳ», саҳ. 38)

Ту фитна кардиву тоҷику турк муттаҳаманд,
Ки раҳ ба фитна кушуданд мулки Султоиро.

(Қоонӣ. «Девон», саҳ. 33)

Саворони турку тоҷикро хун дар уруқ ҷӯшидан гирифт.

(Ҳидоят. «Равзат-ус-сафо», ҷ. 9, саҳ. 192 ва низ рӯҷӯъ кунед ба ҷ. 9, саҳ. 14, 55 ва ҷ. 10, саҳ. 120)

Халқе анбӯҳ зи турку тоҷик,
Дар манзили сарду тангу торик.

(Фарҳоди Мирзо. «Сафарнома», саҳ. 10[illegible]
чопи Нуввоби С[illegible]

Зикри тоҷик номи тоифаест. Баъзе гӯянд аз насли Ёфис [illegible] Нӯҳанд ва ҷамъе гуфтаанд аз тухмаи Сом бинни Нӯҳанд ва фирқ[illegible] бар он рафтаанд, ки тоҷик мукобили турк аст, яъне форсизабон, ба [illegible] ҳол форсизабон уммате фаровон ва ҷамоате бепоён. Аммо [illegible] эшон монанди тавоифи дигар муншаҷ нест ва дар қайди забти [illegible] монанди турку араб набошанд. Лиҳозо умуми эшон раъиятҳ[illegible] заҳматкаш бошанд. Роҳим гӯяд бо фирқаи тоҷик бисёр муошир[illegible] карда ва бо эшон рӯзгор бароварда, умуми эшон нифоқпеша[illegible] ҳасадандешаанд, ҳарис ва носипос ва ҳаҳношинос бошанд. Амма [illegible] он тоифа уламо ва фузалои бисёр ва урафову ҳукамои бешумори [illegible] барҷаста ва ҷамъе касир бар эшон ба зевари фазойили инсонӣ [illegible] молоти нафсонӣ оростаанд.

(Ҳоҷ Зайнулобидини Шервонӣ. «Бӯстон-ус-сиёҳ[illegible]
чопи офсети китобфурӯшии Маҳмудӣ, саҳ. 21[illegible]

Таълифи китоб дар аҳди Носириддиншоҳ аст ва дар 1315 к[illegible] шудааст.

Саканаи Хуросон хеле мухталиф ҳастанд, ғолибан мураккаб [illegible] курду тоҷик ва турку тотор мебошанд.

(Алоулмулк. «Гузоришҳои сиёсӣ», саҳ. [illegible]

Ворид шудам, арсае дидам намунаи арасот. Мардум аз [illegible] мард ва пиру ҷавон ва турку тоҷик ба ҳам рехта.

(Аминуддавла. «Сафарнома», саҳ. 11[illegible]

Дар санаи 14 ҳичрӣ Абӯубайдаи Ҷарроҳ Буъулбакро ба [illegible] руф овард... Дар санаи 1173 ҳичрӣ он чи аз дастбурди арабу турк [illegible] тоҷик маҳфуз монда буд, зилзила вайрон кард.

(Мухбируссалтанаи Ҳидоят. «Сафарномаи Макка», саҳ. 28[illegible]

Барои он ки мо деҳотиҳо ба шаҳриҳо мегӯем «тоҷик» [illegible] мақсудамон аз ин калима, яъне «тарсу».

(Деҳхудо. «Мақолот», ҷ. 1, 32, чопи дуввум[illegible]

Ҳазор шукр, ки лурбачча дилбаре дорам,
Кунун зи турку зи тоҷик беҳтаре дорам.

(Фурсати Шерозӣ. «Девон», саҳ. 201)

Дар навоҳии шарқӣ сакана ғолибан тоҷиканд ва чанд хонавода [illegible]иру мақсудлу...

(Робину. «Сафарномаи Мозандарон ва Астаробод», саҳ. 78, бахши инглисӣ)

Аз ҳудуди сарҳади иёлоти Араб ҷамъе қавомулмулк аст. Ин [illegible]бҳо аҳолии форс ва туркро тоҷик мегӯянд ва туркҳо ҳам [illegible]рсҳоро ба ин унвон мехонанд.

(Иқболи Оштиёнӣ. «Сафарномаи шерозӣ, дар маҷмӯи мақолоти Иқбол», ҷ. 1, саҳ. 295)

Ҳанӯз пас аз ҳазору анд сол (забони) аксарияти мардуми Бухоро [illegible]шбони бозориён забони форсӣ аст ва аксари мардуми он аз нажо[illegible]ронианд, ки имрӯз эшонро ба истилоҳи маҳаллӣ тоҷик мехонанд.

(Саъид Нафисӣ. «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ», саҳ. 18 ва низ ручӯъ кунед ба саҳ. 83 ва 289)

Чух муддат дар Паскӯҳакдеҳи қолмушам,
Зарду заиф тоҷики сифатулмушам.

Тарҷима: Дерест дар Паскӯҳак мондаам, зарду низор ҳамонанди [illegible]ҷикон шудаам.

(Аз шеърҳои-маҳаллии қашқоӣ, ривояти шифоҳии Муҳаммади Баҳманбегӣ)

5. Тоҷикона:

Сифат ё қайде аст, ки аз тоҷик сохта шудааст, яъне ба маъниии [illegible]монанди тоҷик чун тоҷик. Ва дар шоҳиди зерин сифати рӯй қарор [illegible]рифтааст ва мурод рухсори зебо ва хушобу ранги шармолуд ва [illegible]ҳ аст[10] дар баробари турк, ки он ҳам сабоҳати манзар ва шодобӣ [illegible]ебоии хоси худро дорад:

Рӯи тоҷиконаат бинмой, то доғи ҳабаш
Осмон бар чеҳраи туркони яғмой кашад.

(Саъдӣ. «Куллиёт», саҳ. 432)

[illegible] Саъдӣ бар намак ва малоҳати тоҷик такя кардааст, чунонки Толиби [illegible]улӣ низ дар шоҳид тоҷик ҳамин таъкидро дорад.

6. Тоҷиквор:

Сифат аст ба маънии ҳамонанди тоҷик, чун тоҷик, ба [illegible] тоҷик, ба равиши тоҷикон. Ва дар шоҳиди зерин сифати сипоҳи [illegible] ороиши ҷангӣ муназзам ва мураттаб омадааст дар муқобили турк[illegible] вор, ки ба маънии ҳамонанди турк ва ба равиши туркон аст, ки мур[illegible] дастаҳо ва гурӯҳҳои ҷудо аз сипоҳон бошад:

Бидон ки таъбияи рӯзи масоф бар ду гуна аст, яке ҷук-ҷуки [illegible] кивор ва дигаргуна тоҷиквор бо маймана ва майсара ва қалбу [illegible] ва соқа ба расми Сосониён, ки подшоҳони Аҷам буданд.

(Фахри Мудаббир. «Одоб-ул-ҳарб ваш-шуҷоат», саҳ. 110)

7. Тоҷикӣ:

Мансуб ба тоҷик аст ва сифати нисбии тоҷик.

Дар байте аз Мавлавӣ, ки нақл мешавад, ин калима ба кор р[illegible] тааст ва марҳум Бадеъуззамони Фурӯзонфар дар феҳристи лу[illegible] «Куллиёти Шамс» бад-он маънии сустӣ ва забунӣ додааст, аммо [illegible] таваҷҷӯҳ ба тарзи зиндагӣ ва маданияти тоҷикон дар муқобили [illegible] фияти зиндагӣ ва ҷалодат ва тозандагии туркон, калима бо тав[illegible] маънии аслӣ навъе оромишхоҳӣ ва канорачӯӣ ва саломатталаб[illegible] мерасонад:

Як ҳамлаву як ҳамла, к-омад шаби торикӣ,
Чустӣ куну туркӣ кун, не нармиву тоҷикӣ.

(Мавлавӣ, «Куллиёти Шамс», ҷ. 5, саҳ. 275)

8. Тоҷикия:

Мансуб ба тоҷик, тоҷикон. Мардуме, ки тоҷиканд. Гурӯҳ [illegible] тоифаи тоҷик, форсизабонони эронитабор:

Мирзо Аҳмад валади Мирзо Нуруллоҳ... ва ҷамъе дигар [illegible] тоҷикия ва вузарои маҳзул ва мансуб ва умаро дар хидмати ашр[illegible] мушарраф ва муҳаззаз буд.

(Искандарбек. «Оламорои Сафавӣ», ҷ. 1, саҳ. 160)

Аз табақаи тоҷикия ва арбоби қалам Мирзо Муҳаммад, ки д[illegible] замони Абутолиби Мирзо вазир ва эътимодуддавла шуда буд, бо [illegible] боби мувозеа ҳамзабон ва муҳаррики иродаи эшон буд.

(Искандарбек. «Оламорои Аббосӣ», ҷ. 1, саҳ. 401)

9. Тозак:

Тозак мухаффафи тозик аст ва низ ручӯъ кунед ба тозик.

Байти Унсуриро, ки ба шоҳиди «тоҷик» нақл шуд, соҳиби [illegible]анги ҷаҳонгирӣ» ба номи Абӯнаср Аҳмади Рофеъӣ сабт карда [illegible] он калимаи тоҷикро «тозик» овардааст. Мӯҳтамил аст, ки [illegible] онро дар зимни ашъори худ аз Унсурӣ тазмин карда бошад ва [illegible] сабаб дар «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ» ба номи тазминкунанда [illegible]аст.

Кист аз тозаку аз турк дар ин садри бузург,
Ки на андар дили ӯ дӯсттаре аз зару сим.

(Бӯҳанифаи Аскофӣ, аз «Таърихи Байҳақӣ», саҳ. 492)

Фармудем, ки ба вакти доду ҳукм... миёни бегона ва хеш ва та[illegible]ру дарвеш ва хурду бузург ва тозаку[11] турк аз ин боб тафовут [illegible] надорад.

(Баҳоуддини Бағдодӣ. «Ал-тавассул ало ал-тарассул», саҳ. 41)

10. Тозик:

Ҳоҷиби бузург Алӣ бозгашт ва ҳамаи бузургони сипоҳро аз то[illegible] турк бо хештан бурд ва холӣ биншастанд.

(Абулфазли Байҳақӣ. «Таърихи Байҳақӣ», саҳ. 7)

Бар ҳама рӯйҳо ҷанги сахт шуд ва ману монанди ман тозикон [illegible]амедонистем, ки дар ҷаҳон кӯҷоем ва чун меравад.

(Абулфазли Байҳақӣ. «Таърихи Байҳақӣ», саҳ. 760 ва низ ручӯъ кунед ба саҳ. 336, 613, 733, 791, 835)

Чун подшоҳ турк бошад, ё тозик, ё касе, ки тозӣ надонад ва [illegible] шариат нахонда бошад, лобуд ӯро ба ноибе ҳоҷат ояд, то [illegible] меронад ба ниёбати ӯ.

(Хоҷа Низомулмулк. «Сиёсатнома», саҳ. 56)

Ин неъмат дар ин диёр ва билод муштарак аст аз миёни мусал[illegible]он ва мушрикон ва рашникон ва туркону тозикон.

(Абдулҷалили Қазвинӣ. «Алнақз», саҳ. 476)

Муъохот ва масофати турку тозикон маъодот ва мановот шуд.

(Абулриҷои Қумӣ. «Таърихулвузаро», саҳ. 126)

Турку тозики шумо ҷумла сагонанду харон,
Ки ба ҷуз хӯрдану хуфтан нашиносанд зи бун.

[illegible]ар матн тоҷик.

(Анварӣ. «Девон», саҳ. [illegible]

Онро ба иборате, ки ба афҳом наздик бошад ва турку тоҷик дар он идрок афтад, ба порсӣ нақл кунӣ.

(Ҷарфодқонӣ. «Тарҷумаи таърихи Яминӣ», саҳ. [illegible])

Ҳазорон ҳазор раҳмати додори кирдгор, Парвардигори омурзгор, омурзгор бар тану ҷон..., султони тозикон Аласфаҳбад Алаъзам...

(Ибни Исфандиёр, «Таърихи Табаристон», ҷ. 2, саҳ. [illegible] ва низ рӯҷӯъ кунед ба ҷ. 2, саҳ. [illegible])

Арза доштанд, ки бародари ту Султон Муҳаммад... ҳафтод [illegible] ҳазор ҳазор бор дирам аз хазона ба туркону тозикон ва асноф [illegible] кар додаст.

(Авфӣ. «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт», боби чаҳордаҳум аз қисми сав[illegible] саҳ. [illegible])

Аз хурду бузург ва тозику турк ҳар офарида, ки дар [illegible] муҳаббати ӯ омезише ва дар ҷон муваддати ӯ овезише дошт..., [illegible] афтода.

(Зайдарӣ. «Нафсат-ул-масдур», саҳ. [illegible])

Чун Султон Яминуддавла он ҷо расид, лашкари эшонро [illegible] зиёдат аз лашкари ӯ буд, ҳама турк ва лашкари ӯ бештар тозик [illegible] ҳинду..., биҳаросид.

(Фахри Мудаббир. «Одоб-ул-ҳарб», саҳ. [illegible])

Аз он ҷо бо лашкаре бузург аз тозику турк дар ҳаракат омад.

(Ҷувайнӣ. «Ҷаҳонкушой», ҷ. 2, саҳ. 50 [illegible] низ рӯҷӯъ кунед ба ҷ. 1, саҳ. 27 ва ҷ. 3, саҳ. [illegible])

Бандагони мулуки даргоҳи салтанат туркони покасл ва тозикони гузидавасл буданд.

(Минҳоҷи Сироҷ. «Табақоти Носирӣ», ҷ. 2, саҳ. [illegible] ва низ рӯҷӯъ кунед ба ҷ. 1, саҳ. 277 ва ҷ. 2, саҳ. [illegible])

Ҷумлаи мардуми ин хитта аз ғарибу бумӣ ва турку тозик инкор менамуданд.

(«Таърихи шоҳӣ», саҳ. 459 ва низ рӯҷӯъ кунед ба саҳ. 215 ва 240)

Подшоҳи ислом... ба тадбир ва кифоят лашкарҳои мугулу тозикро зиёдат гардонид.

(Рашидаддини Фазлуллоҳ. «Ҷомеъ-ут-таворих», ҷ. 2, саҳ. 1075 ва низ рӯҷӯъ кунед ба бахши «Ғазнавиён», саҳ. 1 ва 3, чопи доктор Дабири Сиёқӣ ва низ «Таърихи Ғозонӣ», саҳ. 212 ва 238 ва 311)

Аз мулук ва умарои тозик Тоҷиддин Маликяъқубро ба мазиди [illegible] имтиёз дод.

(Носириддини Мунший. «Самтул-аъло», саҳ. 36 ва низ рӯҷӯъ кунед ба саҳ. 90)

Эй офати ҷони турку тозик,
Бехобу хӯр аз ту дуру наздик.

(Низории Қаҳистонӣ, аз мақолаи доктор Муҷтаҳидзода дар «Маҷмӯаи хитобаҳои нахустин кунгураи эронӣ», ҷ. 3, саҳ. 282)

Чандин ҳазор халоиқ аз турку ҳабашӣ ва тозику чинӣ ва хуттаву румӣ ва зангӣ... эҳтироми ин даргоҳ мегиранд.

(Имод бинни Муҳаммад. «Тӯтинома», саҳ. 12)

Дуру наздик ва турку тозик сар бар хатти мутоваъат ва муваффақат ниҳоданд.

(Муҳаммад бинни Ҳиндушоҳ. «Дастур-ул-котиб», ҷ. 2, саҳ. 9 ва низ рӯҷӯъ кунед ба ҷузъи 1, ҷ. 1, саҳ. 291 ва ҷ. 2, саҳ. 68, 69, 93, 266)

Чун тозикро дар маҷлиси хоси ӯ ихтиёри тамом буд, умарои мугул ба танг омаданд.

(Муъиниддини Натанзӣ. «Мунтахаб-ут-таворих», саҳ. 101 ва низ рӯҷӯъ кунед ба саҳ 110, 156, 167, 261, 308, 343 ва 402)

Ҳарду аз акрабои наздиканд,
Филмасал турку тозиканд.

(Озарӣ, аз «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сарварӣ, ҷ. 1, саҳ. 307)

Тозикони[12] Бухоро ба умеди он ки ёғӣ гурехт..., аз девори баст берун омаданд.

(Абдулрозиқи Самарқандӣ. «Матлаъ-ус-саъдайн», ҷ. 1, саҳ. 383)

Гуфт: «Мобайни турку тозик масолики торик ва маҳолики бориқ дар миён аст.

---

[12] Дар матн тоҷик.

(Сайид Заҳириддини Маръашӣ. «Таърихи Табаристон ва Руй Мозандарон», саҳ. 111 ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 41 ва 10

Соиле гуфт бо касе ба аҷаб:
«Бо фалонат чӣ нисбат асту насаб.»
Гуфт: «Ӯ турк ҳасту ман тозик,
Лек дорем хешии наздик.»
(Ҷомӣ. «Ҳафт авранг», «Силсилат-уз-заҳаб», саҳ. 12

Чаґатой пеши Қоон омада гуфт: «Эй бародар, ин чи муҳаббат аст, ки туро бо ин тозикон афтода».
(Исфазорӣ. Равзот-ул-ҷинот», саҳ. 102 ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 11

Дуру наздик ва турку тозик сар бар хатти фармони он соян дон ниҳоданд.
(Ҷалолиддини Юсуф. «Фароиди Ґиёсӣ», ҷ. 1, саҳ. 4 ва низ руҷӯъ кунед ба ҷ. 1, саҳ. 51

Маҷмӯи халоиқро аз ақориби аҷониб ва турку тозики дуру наздик маъмуру амр ва маҳкуми ҳаками ӯ гардонид.
(Мирхонд. «Равзат-ус-сафо», ҷ. 5, саҳ. 34 ва низ руҷӯъ кунед ба ҷ. 1, саҳ. 170, 174, 328, 499, 547, 623 ва ҷ. 4, саҳ. 420, 669, 684, 685 ва ҷ. 5, саҳ. 137, 139, 322, 347, 349, 360, 368, 382, 403, 489 ва ҷ. 6, саҳ. 390, 650, 749, 752, 792 ва 865)

Пеши ман меҳри хони симзақан,
Баҳри таълими хат ба ваҷҳи ҳасан.
Омадандӣ зи дуру аз наздик,
Хоҳ аз турку хоҳ аз тозик.

(Султоналии Машҳадӣ. Рисолаи «Одоби машқ», нақл аз «Маҷмӯаи мақолоти Иқболи Оштиёнӣ, ҷ. 3, саҳ. 20

Фармони Ҳумоюн Нафоз ёфт, ки сардории лашкари тозик мутааллиқ ба вай бошад.
(Хондамир. «Дастурулвузаро», саҳ. 342 ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 296)

Амири донишманд гуфт: «Эй тозики булфузул, ту ба кадом ситоат аз тоати ман тақоид намудӣ ва бо ин чанд рустоии маҷҳул дар ин калъа хазидӣ?

(Хондамир. «Ҳабиб-ус-сияр», ҷ. 3, саҳ. 374)

Бо нуҳ кас, ки панҷ нафар турку чаҳор нафар тозик буданд, бар ин пуштае ронда фуруд омад.
(Маҳмуди Натанзӣ. «Нақоват-ул-осор», саҳ. 13 ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 30, 42, 56, 118, 138, 212, 255, 272, 300 ва 374)

Нудамо ва мутрибон, ки мардумони тозик буданд, аз бими шер сари худ гирифтанд.
(Искандарбек. «Оламорои Аббосӣ», ҷ. 1, саҳ. 557 ва низ руҷӯъ кунед ба ҷ. 1, саҳ. 388 ва 533)

Ваҷҳи маош ва моддаи интиош аз сиюри ґолот ва муслимиёт ва зиёдаи мавозеъи мулкияи маврусӣ ва мактасабӣ муқаррар ва дуру наздик ва дуру тозик аз ҳосили мазореъоташ комёб ва баҳравар.
(Муҳаммад Муфиди Муставфӣ. «Ҷомеъи Муфидӣ», ҷ. 3, саҳ. 82)

Оламро аз зулм бар чашми турку тозик торик карда.
(Мирзо Маҳдихон. «Дараи нодира», саҳ. 645 ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 373)

Замони дод то ҳалқе касир аз турку тозик муҷтамаъ шуд ва ба нифоқ Оқовойнӣ бар тахти хонӣ нишаст.
(Қоиммақом. «Маншаъот», саҳ. 430)

Агарчи амири Бухоро ва хони Хива ҳарду аз дудаи ӯзбаканд ва ба ҳасбу насаб яке, аммо фимобайн ґубори нифоқ муртафеъ аст. Амири Бухоро хони Хева ва аҳли Хоразмро турк надонад ва тот меҳисобад ва хони Хева аҳолии Бухороро тозик номад.
(Ризоқулихони Ҳидоят. «Сафоратномаи Хоразм», саҳ. 53 ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 63)

Ҳамчунин маносиби бузург ба ҷамоате муносиб аз тозику турк ҳаввал ва марҷӯъ рафт.
(Ризоқулихони Ҳидоят. «Равзат-ус-сафои Носирӣ», ҷ. 10, саҳ. 170 ва низ руҷӯъ кунед ба саҳ. 174, 328, 499, 547 ва 623)

11. Тозику:

Масґари тозик (дар тадовули мардуми ҷануби Эрон). Тозик, Тозику лақаби малик Шамсиддин Муҳаммад ибни Молик аст, ки ба Шамсиддини Тозику машҳур буда. Ба навиштаи аллома марҳум Қазвинӣ вай аз машоҳири матмулин ва аъозими туҷҷор буд ва дар

аҳди Абоқохон ба соли 676 мамолики Форсро дар муқотаъа дошт, дар аҳди Султон Маҳмуди Такудор бо се тани дигар муштарак Шерозро ба муқотаъа доштанд. Бо ин ҳама поёни кораш ба тангдастӣ ва нодорӣ кашида шуд ва ба гуфтаи соҳиби «Таърихи Вассоф» дар соли 699 ҳичрӣ «Дар байғулаи инзиво ва мақоми ибтиҳо вачҳи чошт ва шоме аз маъванати бандазодагони худ меёбад». Саъдии Шерозӣ дар қитъае аз вай хостааст риъояти ҳоли бародарони ки хурмо ба тарҳ бад-ӯ фурӯхтанд, бикунад ва он қитъа дар поёни «Куллиёти ашъор»-и Саъдӣ сабт аст ва бо ин байт оғоз мешавад:

З-аҳволи бародарам ба таҳқиқ
Донам, ки туро хабар набошад.

Дар бораи калимаи «тозику» марҳум Қазвинӣ ин ҳадсро, ки мумкин аст «тозику» сифати фоилӣ бошад, яъне касе, ки ба тозӣ сухан мегӯяд, тарҳ ва рад кардаанд ва мусғари «тозик» будани онро бо қаринаи калимоте чун «писар» ва «духтар» ва «ҳасан» ва «сибу» ва ҷуз онҳо ричҳон ниҳодаанд.

(Ручӯъ кунед ба «Саъдинома», мақолаи «Мамдӯҳони Саъдӣ», саҳ. 761 ва 762)

Дар «Таърихи Язд» мусаҳҳеҳ Эраҷи Афшор низ матолибе дар бораи Амир Шамсиддини Тозику ва биноҳое, ки дар Язд кардааст, омада.

(Ручӯъ кунед ба «Таърихи Язд», саҳ. 210 то 212 ва мурочеи мазкур дар он ҷо ва низ ба китоби «Ёдгории Язд» аз ҳамон)

12. Тозикия:

Мансуб аст ба тозик. Тозик мардуме, ки тозиканд. Гурӯҳ ва тоифаи тозикон. Точикия.

Бо баъзе аз акобир ва мутаъинони тозикия, монанди Мирзо Муҳаммади Мунши ва Масҳуб ҷамъе касир аз аз Қурчиёни Ғозиён зоҳир шуд.

(Натанзӣ. «Нақоват-ул-осор», саҳ. 25 ва низ ручӯъ кунед ба саҳ. 27 ва 309)

13. Тожик:

Чун хабари вафоти мо бад-ӯ расад (ба Хоҷаи фақеҳ), шарти ин ба ҷой оварад… ва дӯстони моро аз турку тожик бибинад ва…

(Низомулмулк. «Васиятнома». Мундариҷ дар китоби «Муште аз хирвор», ҷ. 2, саҳ. 347)

Тожик бас муҳандис ва кис (ботадбир) аст ва дар мушкилоти ҳаво ва маъзалоти ройҳо кашшоф ва ҳалоли ҳарчи тамомтар, хоса ҳикони ҳиравӣ.

(Сайфи Ҳиравӣ. «Таърихномаи Ҳирот», саҳ. 117 ва низ ручӯъ кунед ба саҳ. 97, 99, 101, 102, 105, 119, 159, 193, 194, 698, 705 ва 729)

Ҳарчанд дар мақолаи Балукот тавфирот беҳад буд..., аммо исроф ва ихроҷоти муҳассилон нозук ва истислофи амвол бо рубҳи вофират аз тожик ва турк ҷиҳати хазонаи бузург ва... тавқеъоти беҳад ҳаҷоф рӯй менамуд.

(Адиб Абдуллоҳ. «Таърихи Вассоф», саҳ. 197)

14. Тат:

Мисли «Татсиз турк балмос бишсиз бурк балмос» (зайли «тат» ба маъниии форсӣ назди оммаи туркон).

(Кошғарӣ. «Девони Лугот-ут-турк», ҷ. 1, саҳ. 224)

Тарҷума: Турк бидуни тат (форсизабони эронитабор) намешавад, сир бидуни кулоҳ намешавад.

Агар татсон, агар румсон в-агар турк, забони безабониро ҳамӯз.

(Мавлавӣ, аз «Лугатномаи Деҳхудо», зайли «тот»)

Тарҷума: Агар тот (форсизабони эронитабор) ҳастӣ, агар румӣ ҳастӣ в-агар турк....

15. Тажак:

Ал-форсӣ. «Девони Лугат-ут-турк», ҷ. 1, саҳ. 324.

Тажак мухаффафи тожик аст ва мутародифи «тот», ба маъниии форсизабони эронитабор. Ручӯъ кунед ба **тот** ва ба **тожик** ва ба **тоҷик**.

16. Тат:

Забти дигаре аз калимаи «тат», мухаффафи «тот», ба маъниии форсизабони эронитабор ё ориёинажод ва ин забт дар ғазалиёти Мавлавӣ мундариҷ дар Девони Кабири ӯ, ки ба номи «Куллиёти Шамс», бо тасҳеҳи марҳум Фурӯзонфар ба табъ расида, омадааст ва ба чопҳои дигари девон фарқ дорад:

Агар татсан, агар румсан в-агар турк, забони безабониро ҳамӯз.

(Мавлавӣ. «Куллиёти Шамс», ҷ. 3, саҳ. 65)

Нақди маонии фарҳангҳо ва натичаи мақола

Мутолиаи шавоҳид ва баррасии маъонии калимоти мавриди баҳс нукотеро барои расидан ба натичаи матлуб рӯшан месозад:

Нахуст он ки «тоҷик», «тозик» ва «тожик» суратҳое мубаддал якдигаранд, зеро се ҳарф «ҷ», «з» ва «ж» кобилияти табдил ба ҳам ранд, хоса дар гӯйишҳои мухталиф ва ниёзҳое ба овардани далел зикри мисол ҳам надорад ва тазаккури ин нуктаи бадеҳӣ фақат аз би рафъи шубҳае аст, ки бархе аз муосирон дар якӣ будани маъно тозик ва тожику тоҷик кардаанд.

Дуввум он ки бархе аз фарҳангҳо «тозик» ва чамъи он «тозикон»-ро муодили «тозӣ» ва чамъи он «тозиён» ба маънии араб ва забони арабӣ донистаанд, ки асосе надорад. «Тозик» мумкин аст сурати паҳлавии «тозӣ» ба маънии араб ва забони арабӣ бошад, аммо даврони исломӣ ин сурат ба ин маънӣ мутлакан ва абадан дар осори форсӣ ба кор нарафтааст. Ҳамчунон ки дигар калимоти паҳлавии махтум ба (1- як) дар даврони исломӣ сурати махтум ба «як»-и худ нигоҳ надоштаанд, «тозик»-и паҳлавӣ ҳамон «тозӣ»-и даврони исломӣ аст, танҳо дар маънии араб ва забони арабӣ, на «тозик» бо маъноии мавриди назар дар ин баҳс.

Саввум он ки то қабл аз вуруди калимаи «тозик» ва мутаро фоти он, яъне «тожик» ва «тоҷик» дар осори назмӣ ва насри форсӣ а даҳаи дуввуми қарни панҷуми ҳиҷрӣ ба баъд дар ҳамаи осори бо мондаи қарни чаҳорум аз назму наср ҳамчун ашъори Рӯдакӣ ва Абу тибби Масъабӣ ва Даҳиқӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ «Муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ ва тарҷумаи «Таъриҳ Табарӣ»-и Балъамӣ ва «Ҳудуд-ул-олам» ва тарҷумаи «Ал-савод ал аъзам» ва ғайра фақат «тозӣ ва чамъи он «тозиён» дида мешавад б маънии араб ва забони арабӣ, на «тозик» ва «тозикон» ва аз он па низ то асри ҳозир фақат сурати «тозӣ» ва чамъи он «тозиён» б маънии араб ва забони арабӣ собит монда ва ба кор рафтааст.

Чаҳорум он ки калимоти мавриди баҳси мо ва, чунон ки ишор шуд, ба ҳикояти шавоҳиди таъриҳӣ фақат аз ҳудуди даҳаи дуввум қарни панҷуми ҳиҷрӣ дар осори манзум ва мансури форсӣ ворид шу да ва ба кор рафтаанд ва нахустин бор ҳам дар қасидае аз Унсурӣ, к дар васфи чангҳои Султон Маҳмуди Ғазнавӣ аст, то пеш аз фатҳ Суманот (416 қ.) омадааст бо ин матлаъ:

Оё шунида ҳунарҳои хусравон ба хабар,
Биё зи хусрави машриқ аён бубин ту ҳунар.[13]

[13] Девони Унсурӣ, саҳ. 125, чопи дуввум.

Ва сипас дар «Таъриҳи Байҳақӣ», ки дар солҳои 450 ва 451 таълиф аст ва чунонки замони ёддоштбардорӣ ва таълиқанависии Байҳақӣ дайраи дабирии девони рисолат барои тадвини таъриҳ малок қарор шавад, боз ба даҳаи дуввум ва саввуми қарни панҷум бозмегардад. «тоҷ», «тат» ва «тажик»-ро ҳам нахустин бор Кошғарӣ дар «Девони луғоту-турк» (соли таълиф 466 қ.) сабт кардааст.

Панҷум он ки вуруди калимоти фавқ дар қасидаи мадҳияи Унсурӣ ва низ қасидаи Буҳанифаи Аскофӣ (мундарич дар «Таъриҳи Байҳақӣ») ва ёддоштҳои Абулфазли Байҳақӣ бо дарназар гирифтани ҳукумати аср ва аносири ҳокими замон ин нуктаро ба хубӣ нишон месозад, ки нақли ин калимот ба таври табиӣ аз тадовули забонони Моваро‌уннаҳр ба осори назмиву насрии форсӣ сурат гирифтааст, балки пас аз барафтодани ҳукумати Сомониён дар даҳаи қарни чаҳорум (389 ҳ.) бо рӯи кор омадани ғазнавиёни турк сардорон ва амирону ғуломони туркзабони онон зоҳиран истеъмо- ҳо оғоз шудааст. Чи дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ, ки Сомониён бо кор будаанд, бо вуҷуди омезиши туркони қисмате аз қаламрави ва бо форсизабонон, ин калимот аз тадовули омма тачовуз накар- ва мутлақан ба дафтар ва девону кутуб ва рисолаҳои он аср роҳ ёфтааст ва шояд сари ин ки ин калимотро ғолибан дар китобҳои ҳаҷ метавон ёфт. Ҳамин маҳдудияти истеъмол дар миёни ҳунигорон ва дабирону маддоҳони дарборҳои туркон бошад ва маҳдудияти корбурди онҳо дар шеъри форсӣ аст ва дар мутуни адабӣ ва маъдуди шоироне, ки ин калимотро ба кор бурдаанд, он ҳам ҳар фақат як бор дар даҳаи осори худ (ҷуз Саъдӣ, ки ду бор «тоҷик» ва ҳиботе аз ин калимаро ба кор бурда ва низ Мавлавӣ) ба тартиби ҳиҳӣ иборатанд аз:

Унсурӣ, Абуҳанифаи Аскофӣ, Анварӣ, Аттор, Минҳоҷи Сироҷи Ҷонӣ, Саъдӣ, Мавлавӣ, Наззорӣ, Ҳофиз, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Озарии Тӯсӣ, Абдурахмони Ҷомӣ, Назирии Нишопурӣ, Толиби Амулӣ, Калими Кошонӣ, Муншиюлмамолик, Қоонӣ, Фароҳони Ҳиҳо ва Фурсатуддавлаи Шерозӣ.

Шашум он ки бар ҳасби шавоҳид корбурди калимаи тозик ба осо- Ризоқулихони Ҳидоят («Сафоратномаи Хоразм», 1268 ҳиҷрӣ ва «Рав- ҳуз-сафо»-и Носирӣ, 1274 ҳ.) маҳдуд мондааст ва «тожик» ба Ҳуҳоват-ул-осор»-и Натанзӣ (998 ҳ.) ва «тоҷик» дар Эрон ба Фурса- Суддавлаи Шерозӣ (мутаваффои 1339 ҳ.). Аммо дар тадовули туркони Ҳиҳой ва назди лурон ҳанӯз роиҷ аст, алниҳоя қашқоиён ин калимаро Ҳаҳмаи форсизабонон итлоқ мекунанд ва лурон бар ғайрилурон. Дар Ҳиҳи Эрон низ, чунонки гуфта хоҳад шуд, корбурди деринаи худро Ҳиҳд. «Тот» пас аз Муҳаммади Кошғарӣ (466 ҳ.) ва китоби Дадақурқуд Ҳиҳи панҷум то нуҳуми ҳиҷрӣ) ва осори Ҳидоят («Сафоратномаи Хо-

разм», 1268 ва «Равзат-ус-сафои Носирӣ», 1274 ҳ.) шавоҳиде дар [illegible] форсӣ надорад, аммо итлоқи худро бар форсизабонон дар баробари туркон ва аз забони туркон бар мутакаллимон ба гӯишҳои маҳалли форсии муҷовирашон дар навоҳии Озарбойҷон ва Қазвин ҳифз кардаанд ва низ форсизабонони эронии Қафқоз ва форсизабонон бо гӯишҳои маҳаллии шимоли Эрон ва низ туркони қашқой калимаи «тот»-ро бар ҳамаи форсизабонон итлоқ мекунанд.

Ҳафтум он ки «тоҷик ва «тозик» ва «тожик» дар шавоҳиде ғолибан ҳамроҳи калимаи «турк» ба кор рафтаанд, мисли «турку тозик» ё «тоҷику турк» ва ғайра. Ва он ҷо ки бо калимаи турк ҳамроҳ наёмадаанд ё аз забони турк бар форс итлоқ шудааст ва ё форс дар сухан аз турк ва ё дар муқобили турк ва ё дар муҳити турк бар ҳуд итлоқ кардааст.

Гуфта шуд, ки туркон муқими Мовароуннаҳр ва навоҳии муҷовири он будаанд, аммо набояд пиндошт, ки ҳамаи сокинони он сӯи Ҷайҳун то Туркистони Шарқиро туркзабонон дар ихтиёр доштанд, балки форсизабонони эронитабор ва ориёинажодон бо гӯишҳои эронӣ низ дар ин навоҳӣ муқим будаанд ва ба обод кардани шаҳрҳо ва деҳаҳо ва сероб сохтани киштзорҳо ва боғҳо ва равоии бозорҳо касбу тиҷорат ва равнақбахшӣ ба умури саноъӣ ва ҳунарӣ мепардоҳтаанд ва аз ҳосили кор ва кӯшишу маданияти хеш туркони ҳамхона ва ҳамкошона ва ҳамдиёри худро баҳраманд ва мунтафеъ месохтаанд ва ин мулозимат ва нишасту хост ва тимордорӣ бо вуҷуди ҳолоти мутағайир аз қаҳру меҳр ва ҷангу сулҳи доимии ду гурӯҳи мисдоқи комил масали роиҷи «Турк бидуни тот намешавад» (яъне турк бидуни форсизабонони эронитабор намешавад) шудааст, ки зайли «тот» аз китоби Кошгарӣ нақл гардид: «Тоте ороста ба фазлу фазилат ва доноиш бинишу ва ақали маъош ва тоҷике бо фарҳанги пурбор ва пойбандии шадид ба одоб ва русуму сунани қавмиву динӣ ва оҳистагии рафтору матонат ва устуворӣ дар сухан ва осори арзанда дар заминаҳои гунонуни ҳунару санъат ва саргарм ба тиҷорат ва касбу боравнаку пурсуд, хосса бо Чин аз тариқи ҷодаи абрешим, ки ҳамавақт бо ҳамхонаи гилапарвар, хонабадӯши пурҷӯшу хурӯш, бо бонпаймои беорому қарори худ дар ин сарзаминҳо рӯзгор мегузоштааст.»

Вуҷуди тоҷикони шаҳри «Варшида» (Тошқурғон)-и Чин дар доманаи Помир, бо он ки қалъаи куҳани устуворе, ки дорад ва барҳе навоҳии воқеъ миёни Хутан ва Қошғар ва деринагии бисёрзабонии онон (форсии Сарикӯҳӣ), ки аз ҳидмати дарангашон дар фаросӯи Мовароуннаҳр ҳикоят дорад ва низ тоҷикзабононе, ки муҷовири Хуросон ва Афғонистон ҳастанд, яъне фарзандони халқе, ки бо ҳама дигаргунии сиёсӣ, ҳанӯз одобу фарҳанг ва маданияти табари эронии

худро нигоҳ доштаанд, ҷое барои тардиду шак дар зисти ороми ин ду гурӯҳ (турку тоҷик) дар канори ҳам ва эҳсоси ниёз ба иқомаи далеҳ ҳоҳ намегузорад. Бо ин ҳол ишораи бисёре аз мусофирон ва ҷаҳонгардон ва муаррихони равшангар баҳс тавонад буд, масалан Кловиху мусофире, ки аз сӯи ҳукмрони Костилия дар солҳои 805 - 808 ба дарбори Амир Темур дар Самарқанд рафта ва бозгаштааст, менависад, ки чун ба шаҳри Андхӯд воқеъ дар панҷоҳкилометрии Ҷайҳун дар иёлоти Балхи қадим ворид шудем, ба марзи Эрон (Хуросони бузург) даромадем, зеро ба кишвари тоҷик расида будем, ки забони мардумашон бо забони форсии маъмулӣ тафовут дорад, гӯё ин як бисёре аз луғот, ки бар сари забонҳост, айни забони форсӣ аст[14]. Аниҳоя дар ҳоли ҳозир он сарзаминҳо, ки дар он ҷо тоҷикон дар деҳоҳо канори туркон нишинанда буданд, имрӯза иттисоли дерини худро надоранд ва ҳаммонанди ҷазираҳое дар дарёи қаламрави Султон Санҷарӣ[15], аз ҳам ҷудо ва мутафаррақ афтодааст ва бо ин ки пас аз ҳуҷуми туркони Ғуз ва даромадани мугулон то ақсои нуқоти қаламрави ориёитаборони форсизабон қаламрави «тот» ва «тоҷик» ва «тозик» низ густариш пайдо кард ва ҷое барои худ дар осори катбии замон ёфт, аммо чатри густардаи даврони деринро бар сар надорад. Агар турку тоҷик ва тоти имрӯз ҳамсояанд, ҷуз мусоламат ва ҳамкорӣ ва ҳамфикрӣ бо ҳам надорад, ва агар тоҷику тот унвон меёбад, бештар бори маъонии маҷозӣ ва тавсеиро бар дӯш дорад, яъне форсизабони эронитабор ё ориёинажоди форсизабон ё баробари «эронӣ» дар маъниии васеи калима барои худ ҷой боз кардааст. Ҳамчунон ки дар ин шеъри Саноӣ[16] калимаи эронӣ ҷой боз кардааст:

Турку эрониву аъробиву курд,
Ҳарки одилтар аст, даст ӯ бурд.

Ҳарчанд баҳс дар решаи калимаи «тот» ё «тоҷик» ва ғайра лозим аст, аммо ин мавзӯъ ниёз ба мутолиаи васеъ дорад ва дар ҳавсалаи ин мақол ва аз салоҳияти нигоранда берун аст. Танҳо ин миқдор метавон гуфт, ки он чи бархе аз муосирон ба решаи калима ва иртиботи он бо забони чинӣ гуфтаанд, ҷои тааммул дорад. Чиниён аз замони силсилаи «Тонг» ба баъд дар китобҳои таърихии худ касонеро, ки аз диёри Ғарб ба кишвари эшон, яъне Чин меомадаанд, «до-шӣ» меномидаанд. Аммо мемонем, маъмулан чиниён мавзӯот ва мафоҳими хориҷиро, ки худ надош-

---

[14] Сафарномаи Кловиху, тарҷумаи Масъуди Рачабниё, саҳ. 202.
[15] Инора аст ба шеъри Амир Муизӣ, Девон, саҳ. 88, Тирпартой буд болои майдони мулук- Аз Ҳалаб то Кошғар майдони Султон Санҷар аст.
[16] Ҳадиқат-ул-ҳақиқа, саҳ. 574, чопи марҳум Мударриси Разавӣ.

таанд, ҳамроҳ бо лафзи онҳо мегирифтанд ва бо андак тағйире ба кор
бурданд. Чунонки ба Эрон дар замони Ашкониён «ан-шӣ» мегуфт
ки маъхуз аз лафзи «ашк» аст, ки номи умумии шоҳони Ашконӣ бо
баъдҳо ба муносибати Порс ба Эрон «пу-сӣ» гуфтаанд. Ба кор бурд
истилоҳи «пу-то» барои ангур - мевае, ки аз Эрон бад-он ҷо бурда ш
аст, аз ҳамин навъ ва гӯёи ду калимаи «пу» (=порс) ва «то» (зоҳиран
мебошад. Пас «дошӣ» низ мумкин аст аз ин синх ва ҳарду ҷузъ р
эронӣ дошта бошад, на чинӣ.[17]

Мураккаб будани тоҷик аз «тот» ба маънии раъият + «ҷик» п
ванди нисбат ё таъбири «тот» (=турк) + «ҷик» пасванди таҳ
маҷмӯан ба маънии табаъаи турк[18] ё ғайритурк аз фарзҳои ховар
носон аст. Ва «раъият» маънии мустақими калима нест, балки м
вонад тавзеъе бошад барои маънии калима, ки аз як ҷанбаи зинда
тоҷик ё тот, яъне кишоварзии ӯ гирифта шудааст. Аммо «тот»
маънии турк дуруст маънии хилофи мақсуд аст. Турк таҳқиршуда
форс намешавад.

Дар нақли ховаршиносон роҷеъ ба ин қабил аз калимот ба он ч
марҳум Аббос Иқболи Оштиёнӣ дар мақолаи «Интиқод бар баъзе
мундариҷоти Кова» овардааст[19], иктифо мекунад, ки зимнан ҳ
назари худи он марҳум низ ҳаст[20]: «Тоҷик» дар таҳқиқоти Морк
чандон қатъӣ ва қобили қабул нест, зеро аввалан лафзи тоҷик и
умумии эрониҳо нест ва собиқан ҳам ба ин унвон истеъмол намешу
фақат имрӯза дар Туркистон эрониҳои он мамлакатро тоҷик мегӯ
Сониян истеъмоли алфози «тоҷик» ва тоҷаку тозик, ки ҳама аз як
ланд, хеле қадимӣ аст ва мафҳуми онҳо низ возеҳ аст. Баъзе аз он
лоди арабро, ки дар Аҷам таваллуд ва тарбият ёфта бошанд», ирод
менамоянд ва баъзе худ араб ва баъзе унсури ғайриарабро. Чизе,
маълум аст, ин аст ки тозикро эрониёни қадим ба маънии забо
арабӣ ва қавми араб истеъмол мекарданд ва лафзи тозӣ, ки ҳанӯз
маъмул аст, мухаффафи он мебошад. Аммо ин ки ба чӣ нисбат ва
чӣ мавқеъ ин лафз дар Туркистон ба эрониён дода шуда, маълум н
Ба ҳамин ҷиҳат шояд натавон баёноти аллома Морквортро қ
кард. Дигар ин ки бигӯем аслан ин тоҷике, ки имрӯз мустаъмал
номи эрониёни Туркистон аст, бо тоҷики маъмули қудамо фарқ до
та. Он чи ба назар ҳақир менамояд, ин аст, ки ин калима ба маъ

[17] «Девони Луғат-ат-турк», сах. 229, ҷ. 2.
[18] Таъбири «табаъаи турк» дар нисбати қавми тоҷик ғалат буда, аз сӯи ан
шамандони зубда ва таърихнигорони номӣ мардуд хонда шудааст.
[19] Ин мақола дар соли 1338 к. навишта шудааст. Барои иттилои бештар б
маҷаллаи «Кова» муроҷеат шавад.
[20] Маҷмӯаи мақолоти Иқболи Оштиёнӣ, ч. 1, сах. 569 ва 570.

мутлақ буда, ки эрониҳо онро ба араб итлоқ кардаанд ва
ба эрониҳо.

САИД МОХАММАД ДАБИР СИЙАКИ

ТАТ, ТАДЖИК И ТАЗИК

Начиная с XI, в. в персидских письменных источниках средне-
ья встречается слово “тоджик” (иногда “тоджак” или “тозик”)
азвание иранского (неарабского, нетюркского) этноса.
В данной статье на основе многочисленных научно-исторических
их рассматриваются этнонимы “тат” и его вариант “тот”, а также
жик” и его синонимы “тазик”, “таджик” и “тоджак”.

SAID MOHAMMAD DABIR SIYAQI

TAT, TAJIK AND TAZIK

From XI century the word “tojik” meets in persian written sources
iddle ages (sometimes “tojak” or “tozik”) as an iranian (nonarabic,
urkic) ethnos name.
In the given article on base of multiple scientific-historical date col-
on are considered ethnos “tat” and its version “tot”, as well as “tajik”
its synonyms “tazik”, “tajik” and “tojak”.

ОЛИМҶОН МАҲМАДҶОНОВ

НАЗАРЕ БА РЕШАШИНОСИИ НОМВОЖАИ ҶУҒРОФИИ «ҲИСОР»

Топонимика илмест, ки пайдоиш, ташаккул, рушду инкишоф ва дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба тағйирот дучор гардидани номвожаҳои ҷуғрофии маҳалро меомӯзад. Маълум аст, ки ҳар як падидаи иҷтимоие, ки дар ҷомеа ба вуҷуд меояд, ҳатман дар забон бо тоби худро пайдо мекунад. Аз ин рӯ, номвожаҳои ҷуғрофии маҳалҳо ва забонҳои гуногун инъикосгари ин падидаҳои иҷтимоӣ – таърихии мардуми ҳамон минтаҚа ба шумор мераванд ва аксари муҳаққиқони номшинос бар он ақидаанд, ки омӯзиши таърихи ҳар як маҳал ва ё миллатро пеш аз ҳама, аз таърихи пайдоиши номвожаҳои ҷуғрофӣ он шурӯъ намудан лозим аст.

Ин андеша то андозае воқеият дорад, чунки мо агар ба сарнавишти таърихии номвожаҳои ҷуғрофӣ ва ё топонимҳои маҳал нигаҳ афканем ба хубӣ мушоҳида карда метавонем, ки сабаби пайдоиш ва ё зуҳури қисмате аз номвожаҳои маҳалҳо сар задани ҳодисаҳои гуногун дар таърихи ин ё он миллат ва ё мардуми минтаҚа будаанд. Ҳамин аст, ки муаррихону бостоншиносон ҳангоми таҳқиқу омӯзиши таърихи фарҳанги минтаҚаҳои алоҳидаи Осиёи Миёна дар маҷмӯъ ва ҳудуди Тоҷикистони имрӯза мушаххасан ба ин масъала таваҷҷӯҳи хосе зоҳир намудаанд.

Яке аз минтаҚаҳои аз ҷиҳати ҳудуди ҷуғрофӣ нисбатан хеле васеъ ва аз ҷиҳати таърихӣ диққатҷалбкунандаи Тоҷикистон – водии Ҳисор ба шумор меравад, ки доир ба номвожаҳои ҷуғрофии он олимону донишмандони ватаниву хоричӣ фикру андешаҳои зиёде дар шакли маҚолаҳои алоҳида ва ё ҳангоми баррасии масъалаҳои таърихи кишваршиносии ин минтаҚа баён намудаанд, вале то кунун хусусиятҳои мушаххаси топонимикаи он мавриди таваҷҷӯҳи забоншиносон ва махсусан номшиносон қарор наёфтааст. Ҳарчанд ки олимону муҳаққиқони бахшҳои мухталифи ҷомеашиносӣ аз қабили таъриху ҷуғрофиё, кишваршиносию бостоншиносӣ дар баробари дигар ҷонибҳои таъриху сарнавишти ин маҳалли бостонӣ ба номвожаҳои ҷуғрофии он, баъзе ҷанбаҳои бавуҷудоии топонимҳо ва муносибати топонимияи ин маҳал бо масъалаи мавриди назарашон андешаронӣ намудаанд.

Пеш аз ҳама, бояд зикр намуд, ки номвожаи «Ҳисор» дар низоми топонимиконии Тоҷикистон ва маъхазҳои таърихию ҷуғрофии кишвар ва берун аз он унвони яке аз водиҳои қадимаи Осиёи Миёна ва ҳамчунин номи яке аз марказҳои маданию фарҳангии Мовароуннаҳр ва дар шакли умум Балхи бостонӣ ёд мешавад. Имрӯз ин номвожа ҳамрадиф бо номвожаҳои ҷуғрофии водии Ҳисор (Ҳисори Шодмон? – Шумон), ноҳияи Ҳисор (Ҳисор Шодмон? – Шумон) дар унвони яке аз мавзеъҳои бостонии кишвар Қалъаи Ҳисор ва ё Қалъаи Ҳисори Шодмон? (Шумон) зикр ёфтааст. Ба замми ин, таҳлилу баррасии манбаъҳои таърихии ҳазорсолаи ин минтаҚа ва маълумотномаи сарчашмаҳои бешумори осори хаттиву фарҳангии муаррихон ва фарҳангнигорон нишон медиҳанд, ки бобати заминаи ташаккул ва зуҳури номвожаи «Ҳисор» як фикри муайян ва мушахҳасе пайдо нашудааст. Аз ин рӯ, дар маҚолаи мазкур кӯшиш намудем, ки пиромуни рушду инкишофи ин номвожаи таърихӣ бо назардошти маводи мавҷудаи таърихию забоншиносӣ чанде мулоҳизоти хешро ба таври фишурда баён намоем.

Аз таҳқиқу омӯзиши аксари фарҳангу луғатномаҳои тафсирии таърихию навин бармеояд, ки вожаи «ҳисор» ба тарзи حصار (ҳои ҳуттӣ, сод, алиф ва ро) ишора шудааст. Аз тарзи ифодаи калима ва аз ҳарфҳои хоси забони арабии он ба осонӣ муайян намудан мумкин аст, ки вожаи мазкур хоси забони арабӣ мебошад ва аксаран муаллифон ва мураттибони фарҳангномаҳо низ вожаи «ҳисор»-ро арабиасос ва бо калимаи «қалъа» муродиф ва ҳаммаъно донистаанд [Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома», 1992, 304]. Дар баробари ин калимаи қалъа قلعه (ҚОф, лом, айн ва ҳои ҳавваз), ки фарҳангнигорон ҳамрадифи вожаи «ҳисор» ишорат карданд, аз рӯи мансубият вожаи забони арабӣ аст ва дар фарҳангу луғатномаҳои мавҷудаи форсию арабӣ бо вожаи «ҳисор» наздикмаъно ва ё муродифвазифа таъкид гардидааст.

Дар фарҳангҳои дузабонаи русӣ – тоҷикӣ ва арабӣ аксарияти муаллифон ва мураттибон муродифмаъно истифода гардиданӣ ин вожаҳоро ишора кардаанд ва ҳам дар тарҷумаи калимаи «ҳисор» ва «қалъа» дар мадди аввал вожаи русии «крепость», «цитадель» -ро нишон додаанд [Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ, 2006, 277]. Дар сурате, ки ҳар ду вожаҳои арабиасос ҳам ба як маъно «қалъа, ҳисор, мавзеи ҳоташуда» омадааст, пас саволе ба миён меояд, ки оё ба тарзи «ҳисори ҳисор» ва ё «қалъаи қалъа» номгузорӣ карданӣ як минтаҚаи бузурги таърихӣ дуруст аст ва оё чунин шакли номвожаҳои ҷуғрофӣ дар фарҳанги номгузории мардумони Осиёи Миёна ва хосан, ҚавмҳоИ эронинажод ба чашм мерасад? Ба андешаи мо, яқинан не, чунки ин тарзи номгузорӣ дар таҷрибаи номшиносии мардумони эронинажод ба мушоҳида намерасад ва мантиқан низ маъниии ин номвожаи зебои бостонӣ халалдор гардидааст. Ба ин далел, барои муайян ва муқаррар сохтани бунёди аслии вожаи мазкур ба маъхазҳои таъри-

хию бостоншиносии минтақаи Осиёи Миёна ва ҳудуди густариши забонҳои эронӣ назар афкандем.

Аввалан, бояд зикр намуд, ки дар низоми топонимии Тоҷикистони имрӯза ҳамрадиф бо номвожаи ҷуғрофии «Ҳисор» - маркази яке аз ноҳияҳои таърихии Тоҷикистон ҳамчунин номҳои шаҳраку минтақаҳои аҳолинишин ба мисли Буни Ҳисорак – дар ҳудуди шаҳри Душанбе, Ассор // Иссор дар ҷамоати деҳоти Зонги ноҳияи Ишкошими ВМКБ, Ҳисорак - деҳа дар ҷамоати деҳоти Ҳоити ноҳияи Рашт, Ҳисоробод – маҳалли сукунати деҳқӯрои Даҳанакиики ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон ба қайд гирифта шудаанд.

Сониян, чи тавре ки аз таҳқиқ ва омӯзиши аксарияти сарчашмаҳои таърихии марбут ба минтақаи Осиёи Миёна ва хосан микротопонимҳои водии Ҳисор бармеояд, дар шарҳу маънидоди номвожаи «Ҳисор» андешаронии муҳаққиқон ва донишмандон яксон ва якранг нест. Аксаран ҳангоми баррасии масъала ба наклу ривоятҳои мардуми маҳал доир ба сарнавишти номвожаҳои маҳал такя намудаанд ва ё фикру мулоҳизоти эшон дар заминаи ин наклу ривоятҳо рӯи кор омадааст. Бинобар ин лозим донистем, ки барои равшанӣ андохтан ба ин масъала дар мадди аввал маъхазҳои таърихиву бостоншиносии маҳалҳои Осиёи Миёнаро боз як бори дигар дақиқтар варақгардон намоем.

1. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои мавҷудаи таърихию ҷуғрофии Осиёи Миёна водии Ҳисор яке аз минтақаҳои маскуние мебошад, ки дар он мардумон аз замонҳои қадим зиндагӣ мекардаанд. Аввалин ишораҳо пиромуни маҳалли сукунати мардумони ин водӣ бо номи Шумон ва Шумонзамин ба асрҳои 15-16 рост меояд, ки дар онҳо муаррихон ин мавзеъро бо исми Ҳисори Шодмон ёдовар шудаанд [Мухторов 1995, 3-21]. Имрӯз ин минтақа бо номи ноҳияи Ҳисор маркази маъмурии яке аз ноҳияҳои қисмати ғарбии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Релефи ин маҳалро асосан ҳамвориҳо, доманакӯҳҳо (теппаю адирҳо) ва кӯҳҳо ташкил мекунанд. Ҳудуди ноҳияро дар шимол канори шарқии қаторкӯҳи Мачитлӣ (баландиаш то 3550 м) ва нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор (баландиаш то 4300 м), дар ҷануб бошад, водии хамвори Ҳисор (баландиаш аз сатҳи баҳр 700-900 м) ва қисмати шимоли шарқии қаторкӯҳи Боботоғ (баландиаш то 1600 м) иҳота намудаанд [ЭСТ, ч. 8, 1988, 397].

Водии Ҳисор бошад ҳамвории байникӯҳиест, ки асосан дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон байни қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ва қисмати шимолии силсилакӯҳҳои Боботоғ ва Қаратоғ ҷой гирифтааст. Дарозии умумии он бо шумули минтақаи водии Сурхондарёи Ҷумҳурии Узбакистон такрибан 115 км ташкил медиҳад.

Ҳудуди умумии танҳо водии Ҳисор тахминан 79 км буда, паҳноии он ба ҳисоби миёна наздики 20 км-ро дар бар мегирад. Водии Ҳисор дар баландии 700 то 1000 м аз сатҳи баҳр ҷой гирифта ва қисмати бештари он аз дарёи Кофарниҳон ва Канали калони Ҳисор обёрӣ мешавад.

Баррасии харитаи маъмурию ҳудудии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки маҳалҳои сукунатии Ҳисор // Ассор // Иссори ноҳияи Ишкошими ВМКБ ва Ҳисораки ноҳияи Рашт деҳаҳое мебошанд, ки дар байни кӯҳпораҳо мавқеъ дошта бошанд, пас деҳаи Ҳисоробод дар байни теппаҳо ҷой гирифтааст. Деҳаи Ҳисори ноҳияи Ишкошим дар болои яке аз теппаҳои баланди ҷамоати деҳоти Зонги мавқеъ дорад ва ин вожа дар талаффузи мардуми маҳал шаклҳои «Ассор // Иссор» ба кор бурда мешавад. Ин маҳал дар даврони шӯравӣ қароргоҳ ва иқоматгоҳи сарбозони рус будааст. Танҳо аз мавқеи ҷуғрофии деҳаи навбунёди Ҳисоробод ба хулосае омадан мумкин аст, ки номвожаи мазкур ба даврони кӯчиши мардумони водии Ҳисор ба ин минтақа марбут аст. Пиромуни таърихи пайдоиши ин номвожаҳои ҷуғрофӣ дар сарчашмаҳои таърихии кишвар маводи хеле кам ба даст дорем ва танҳо ишораи муҳаққиқони шевашиносро ёдовар шудан мумкин аст, ки дар солҳои 50-уми асри гузашта дар баробари гирдоварии хусусиятҳои шеваю лаҳҷаҳои ин минтақа топонимҳои маҳалро низ ҳамчун маводи диалектологӣ сабт намудаанд.

Чи тавре ки пештар зикр намудем, ҳудуди ҷуғрофию маъмурии водии Ҳисори бостонӣ як қисмати бузурги вилояти кунунии Сурхондарёи Ҷумҳурии Узбакистонро низ фаро мегирифт. Сарчашмаҳои бостоншиносию ҷуғрофии ин минтақа нишон медиҳанд, ки дар ноҳили чапи дарёи Газараки (эҳтимол Гузарак - М.О.) водии Сурхон дар баландии 20 – 25 м теппаи Ҳисор ҷой гирифтааст. Дарозии теппа аз шимолу шарқ ба ҷанубу шарқ 20 м ва барии он тахминан 100 метро ташкил медиҳад (Аршавская, Ртвеладзе, Хакимов, 1982, 129). Ин ҷалели таърихӣ аз ҷониби муаррихи асримиёнагии ин минтақа Ҳофиз Таниш дар тазкираи «Шарафномаи шоҳӣ» низ номбар шудааст ва вожаи «ҳисор»-ро номи теппа ва ба маънии «қалъа, истеҳком, қурғон»-и забони арабӣ алоқаманд шуморидааст [Хафиз Таниш 1969, 111].

2. Дар қисмати шимолу шарқии шаҳри Мазори Шарифи вилояти Балхи Ҷумҳурии исломии Афғонистон боқимондаҳои осори таърихии шаҳри қадимаи Боло Ҳисор (Бала Хиссар ва ё Бала Хисар) маҳфуз мондааст, ки мувофиқи нишондоди муаррихон ва бостоншиносон ба қарнҳои аввали солшумории мелодӣ мансуб мебошад. Имрӯз аз сабаби дуруст ҳифз нашудани ин мероси таърихию фарҳангӣ он ба харобазор табдил ёфтааст ва хушбахтона, девору

шаклҳои вайроншудаи хонаю иқоматгоҳҳои онро ба хубӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Дар даромадгоҳи водии имрӯзаи Балх аз ҷониби шаҳри Мазори Шариф қисматҳои деворахои ҷанубии ин шаҳри қадима ва якчанд теппаҳои гилин мавҷуд ҳастанд. Мувофиқи шаҳодати бостоншиносон ин теппаҳо боқимондаи бутқада ва ҳоване (хуми кадимаи марбути буддоиён) мебошанд, ки дар сарчашмаҳои хаттии таърихии то исломӣ иртибот мегиранд.

Мусаллам аст, ки пойтахти Бохтари бостонӣ (шаҳраки имрӯзаи Болоҳисори назди Мазори Шариф) ҳамаҷониба мустаҳкам карда шуда буд. Дар ин шаҳрак дар радифи деворахои ҳисор инчунин иморати қалъа ҳам мавҷуд будааст. Ин нигоштаҳо бешубҳа, ба он далолат мекунанд, ки дар қарнҳои VIII- VII то мелод дар ҳудуди Афғонистони кунунӣ ва қисмати ҷанубии Осиёи Миёна шаҳракҳои аҳолинишини дорои қалъаҳои мустаҳкаму устувор бунёд гардида будааст [ниг. Таърихи Афғонистон 1982, 24-25].

Ҳамчунин дар маркази шаҳри қадимаи Кобули Ҷумҳурии исломии Афғонистон қалъаи бостонии бо номи Боло Ҳисор (Бала-Хиссар) мавҷуд аст, ки аз замонҳои қадим то имрӯз барои ҳокимони Афғонистон ҳамчун макони зист ва амниятӣ истифода мешудааст. Тибқи нишондоди сарчашмаҳои бостоншиносӣ нахустин таҳкимгоҳҳои ин иншоот ҳанӯз дар асрҳои 4-5 мелодӣ (давраи то ислом – М.О.) сохта шудаанд. Баъдан ин қалъа чандин маротиба аз ҷониби ачнабиён хароб ва аз нав бозсозӣ гардидааст. Феълан ин қалъа ба таври пурра ҳифз шудааст ва дар он қароргохи яке аз сохторҳои асосии қувваҳои низомии кишвар ҷой гирифтааст.

Дар ҳудуди густариши забонҳои эронии кунунӣ – Ҷумҳурии исломии Эрон ва дурустараш дар қисмати шимолу шарқии он дар ҳамшафати қаторкӯҳи Эльбрус ва наздикии Домгон маҳалли маскунии қавмҳои эронинажоде ёфт шудааст, ки осорашонро муҳаққиқон ба даврони асрҳои биринҷии нимаи дуюми ҳазорсолаи IV пеш аз милод мансуб донистаанд. Ин осорхонаи бостонӣ дар сарчашмаҳои фарҳангӣ аз номи маҳалли сукунатии мардумонаш - «Ҳисор» унвонгузорӣ шудааст ва аксар бостоншиносон ва ҳафриётшиносон тарзи зиндагӣ, урфу одат ва маросимҳои сокинони ин мавзеъро бо аҳолии бумии Осиёи Миёна (ҳудуди Намозгоҳтеппаи Туркманистони имрӯза) шабоҳат додаанд. Маълумотномаи ҳафриётшиносон низ нишон медиҳад, ки ин мардум дар ҳамон давра аз касбу ҳунарҳои фулузгудозӣ ва кошинкорӣ бохабар будаанд ва ин аз маданияти пешрафта ва бостонии сокинонаш шаҳодат медиҳад [Массон 1964, 11-23].

3. Чи тавре ки маълумотномаи таҳсимоти ҳудудҳои ҷуғрофии минтақаи густариши забонҳои ҳиндуаврупоӣ нишон медиҳад, номвожаи

«Ҳисор» ҳамчун маҳалли бостонии сукунати мардумони славянизабон ва юнонӣ – туркӣ низ маълум будааст. Ҳангоми таҳқиқ ва омӯзиши комусномаҳо ва таърихномаҳои мардумони Осиёи Сағир ва ҷумҳуриҳои Балкан мо номвожаҳои ҷуғрофии маҳалҳоеро ба мушоҳида гирифтем, ки як ҷузъи онҳо бо калимаи «ҳисор» иртибот мегирад. Аз ҷумла, дар минтақаи сукунати мардумони юнонию туркзабон бо номвожаҳои Оқ – Ҳисор (Ак – Гиссар «қалъаи сафед ё равшан») – яке аз шаҳрҳои вилояти Ойдини ҳамсарҳади Юнону Туркия, Демир – Гиссар (Темир –Хиссар «шаҳри оҳанин, мустаҳкам») маҳалли аҳолинишин дар Македония, Қара – Ҳисор (Кара – Гиссар «шаҳр, қалъаи сиёҳ») – шаҳраки қадимаест дар нишебии теппа, ки бо деворахои вайроншудаи ҳисори қадима иҳота гардидааст, дидан мумкин аст [ниг. Энсиклопедияи Брокгауз ва Ефрон].

Дар минтақаи густариши забонҳои юнонию славянии нимҷазираи Балкан – Ҷумҳурии Булғория ва Македония аз ҷониби муаллиф якчанд номвожаи ҷуғрофие гирдоварӣ гардид, ки бо вожаи «ҳисор» мансуб ҳастанд. Аз ҷумла, шаҳраки қадимаи Ҳисор (булг. Хиссара // Хиссаря // Хисаря) дар қисмати шимолии шаҳри Пловдив дар ҳамшафатии теппаҳои Средна гора дар баландии 360 м аз сатҳи баҳр ҷой гирифтааст. Ин мавзеъ аз замонҳои қадим бо чашмаҳои гарми шифобахшу табобатиаш дар олам машҳур гаштааст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ин минтақа аз қадимулайём маҳали сукунати мардумони фракийҳо ва солҳои минбаъда императории румиён ба шумор мерафтааст. Соли 293 императори вақти Рум Диоклетиян гирдогирди шаҳрак девори баланди мустаҳкам бунёд менамояд, ки дарозии он 2315 метр, бари он тахминан 2,5 – 3 метр ва баландии он зиёда аз 10 метрро ташкил медиҳанд, ки то замони мо ба таври комил маҳфуз мондаанд. Атрофи қалъа бо 43 адад манораҳои чаҳоркунҷаи баланд ва хандақҳои ҷуқуриашон 4-5 метр ва паҳноияшон 10-15 метр иҳота шудааст. Мувофиқи нишондоди муҳаққиқон рушду инкишофи шаҳри мазкур ба асрҳои IV- VI мелодӣ рост меояд. Дар ин давра бо супориши императори Рум дар болои теппаи дохили шаҳр беш аз 9 иморати замонавии сутундор (базилик) сохта шудааст.

Ҷолиби диққат он аст, ки дар баробари вожаи «ҳисор» дар нисоми топонимии ин минтақа ва маҳалҳои атрофи он вожаҳои форсиҳои тоҷикии «чашма // чишма, порс / форс» ва арабии «ҳавуза, инҷизо» ба қайд гирифта шудаанд, ки мувофиқи нишондоди муаррихон чашмаҳо ва ҳаммомҳои қадима ба асрҳои 5-6 мансуб ҳастанд.

Чи тавре ки аз таҳлилу баррасии маводи сарчашмаҳои таърихии Мовароннаҳру Хуросон бармеояд, вожаи «ҳисор» дар ин минтақаҳо доираи васеи истифода доштааст ва дар баштари мавридҳо ҳамчун номвожаи ҷуғрофии ифодагари мавзеи сукунатии мардумони ориёинажодӣ то даврони исломӣ дар шаклҳои «ҳиссор //

хиссор, ассор // иссор» зикр гардидааст. Ҳамчунин муқоисаву муқобалаи он бо номвожаҳои ҷуғрофии минтақаҳои густариши забонҳои эронӣ нишон медиҳад, ки вожаи «ҳисор» дар ин маҳалҳо сермаҳсул ба шумор меравад ва ҳатто дар ҳудуди интишори забонҳои юнонӣ ва туркӣ дар баробари номвожаҳои ҷуғрофии ин маҳалҳо мавриди истифода қарор доштааст. Дар минтақаҳои интишори забонҳои ғайриэронӣ вожаи мазкур шаклҳои «ҳиссор, хиссаря, хиссар ва hissar // xussar» доштааст.

Аз мулоҳизоти овардашуда хулоса кардан мумкин аст, ки дар баробари вожаи арабии «ҳисор» дар минтақаи густариши забонҳои эронӣ вожаи форсӣ – тоҷикие низ вуҷуд доштааст, ки дар шаклҳои «хиссор / ҳиссор // ҳуссор» дар низоми топонимии маҳалҳо боқӣ мондааст. Пас саволе ба миён меояд, ки агар ин вожаи таърихии забони тоҷикӣ бошад оё дар маъхазҳои хаттии забонҳои эронии бостон ва ё мустаъмали имрӯза он муодили худро дорад. Мутаассифона, бояд зикр намуд, ки дар сарчашмаҳои таърихии забони форсӣ – тоҷикӣ ва маводи ҷуғрофиёии маҳалҳо ташаккули таърихии ин вожаи бостонӣ ба чашм нарасид, вале дар доираи забонҳои эронии бостон ва аз ҷумла, дар яке аз забонҳои ҳамрешаи забони тоҷикӣ – забони бостонии осетинӣ (аланӣ) қаринаи овозии он дида мешавад.

Мувофиқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи муҳаққиқони таърихи забонҳои эронӣ вожаи «хиссāр // хӯссāр» ва гунаҳои савтии он «хонсāр // хиссāр»дар забони осетинӣ ҳамчун номвожаи ҷуғрофии маҳал ба қайд гирифта шудааст. Чунин тарзи ташаккули номвожаро муҳаққиқон ба натиҷаи ассимиляцияи дохилии овозҳои мураккаби ss > ns дар забонҳои эронӣ иртибот медиҳанд. Дар робита ба рушду инкишофи ин навъи номвожаҳо донишманди забони осетинӣ Абаев В.И. чунин менигорад: «… дар забони адабии муосири осетинӣ вожаии хӯssar умуман маънои «ҷануб», «ҷанубӣ» - ро ифода мекунад ва ҳамин тавр, Осетияи Ҷанубӣ дар шакли Хӯssar Iryston ном бурда мешавад. Ҳарчанд ки дар забони мустаъмали осетинӣ унсурҳои алоҳидаи таркибии ин номвожа маънии асосии худро аз даст додааст ва танҳо аз рӯи хусусиятҳои семантикиаш муайян кардан мумкин аст, ки вожаи «хӯnsar//xonsar» ба ифодаи «тарафи офтобрӯя, тарафи офтоббаро» меояд» [Абаев 1969, 126].

Дар сарчашмаҳои хаттии забонҳои эронии бостон барои ифодаи вожаи «офтоб, хуршед» шакли хӯr//хōr (з.п.б.) дар забони порсӣ ва дар забони осетинӣ хӯr//хor ба кор бурда мешавад. Муҳаққиқон табдилшавии овозҳои ҳамсадои r > n -ро дар таърихи савтиёти забонҳои эронӣ ғайримуқаррарӣ арзёбӣ мекунанд ва таъкид менамоянд, ки ин падидаи забоншиносиро дар хусусиятҳои морфологии

забонҳои ҳиндуаврупоии қадим ва ҳатто қабл аз он бояд ҷустуҷӯ намуд [Абаев 1969, 127]. Таҳлилу омӯзиши хусусиятҳои сарфию наҳвии забонҳои қадимаи эронӣ нишон медиҳанд, ки дар баробари вожаи бостонии маъруфи hvar – «офтоб, хуршед» асоси дигари муродифии он hvan низ ба ҳамин маъно корбурд доштааст. Ташаккул ва таҳаввули таърихии ин вожаро дар забони порсии қадим муҳаққиқони забонҳои бостонии эронӣ чунин тарз баррасӣ намудаанд: дар қисмати Готҳои китоби Авесто дар ҳолати Gen. xvēng, ки он баробар аст бо *hvang–h ва *swen–s заб. ҳиндуаврупоӣ ва баъдан дар шакли сифати муштаҷ xvan – vant ба маъноии офтобӣ, рӯшноии пурра, дурахшидани комил ва ҳамчун калимаи мураккаб xvēng – daresa ба ифодаи «офтобчеҳра, хуршедлиқо» омадааст [Абаев 1969, 126].

Мусаллам аст, ки чунин тарзи ташаккули вожаҳо дар заминаи сарчашмаҳои хаттии забони порсии қадим ва ё забони осетинии бостонӣ ба мушоҳида намерасад ва хусусияти муродифотии ин қабил вожаҳо ҳатто дар дар марҳалаи бостонии рушду инкишофи забонҳои эронӣ истифода намегардидааст, яъне бадалшавии шаклҳои hvan // hvar ба давраи рушду инкишофи забонҳои бостонии ҳиндуаврупоии бостон (то давраи эронии бостон) марбут мебошанд. Дар ин замина чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки ҳар ду шакли вожа hvar - порсии бостон ва осетинии қадими он hvan баробар истеъмол мешудаанд ва онҳо дар забонҳои бостонии ҳиндуаврупоӣ шакли *hvan - sāra // *hvanh – sāra доштааст ва ба маъноии «тарафи офтобрӯя» дар забони осетинӣ боқӣ мондааст. Муҳаққиқони таърихи забонҳои эронӣ чунин андешаро таъкид менамоянд, ки ин тарзи ташаккули калимаҳо таърихи се-чор ҳазорсола доштаю унсурҳои ҷудогонаи он мунтаҳо дар таркиби номвожаҳои ҷуғрофӣ маҳфуз мондаасту халос [Абаев 1969, 127].

Дар таърихи номшиносии забонҳои эронӣ ва махсусан, забонҳои форсӣ – тоҷикӣ ва алании қадим намунамисолҳои зиёдеро зикр намудан мумкин аст, ки дар онҳо чунин тарзи ташаккул ва таҳаввули номвожаҳо ва ё унсурҳои алоҳидаашон ба хубӣ ба мушоҳида мерасанд, аз қабили з.п. Safid-rūd (Эрон) = з.д. Spin- rūd (Афғонистон) = з.т. Safed – ov/ob (Тоҷикистон) = з.осет. Ūrs – don // Urs – don (Осетия) ба маънии «рӯд /оби сафед» ва з.п. Zard – kūh (Эрон) = з.т. Zard – kūh // Zard – xāk (Тоҷикистон) = з.осет. Būr – хох ба ифодаи «кӯҳи зард». Албатта чунин номвожаҳои мутародифӣ ба таври хеле фаровон дар ҳудуди густариши забонҳои эронӣ дучор омадан мумкин аст, ки онҳо новобаста аз якдигар рушду инкишоф намуданд.

Унсури дигари номвожаи ҷуғрофии мазкур ин форманти топонимсози - сор мебошад, ки дар доираи интишори забонҳои эронӣ хеле серистифода ба шумор меравад. Дар низоми топонимии маҳалҳои Тоҷикистон аз ҷониби аксари муҳаққиқони номшинос ҳамчун форманти топонимсози сермаҳсул ба қайд гирифта шудааст [ниг. Алимӣ Ҷ., Додихудоев Р., Офаридаев Н.]. Донишмандони эроншинос низ ин унсури номвожасозро бо пасванди исмсози забони тоҷикӣ – сор // sār дар намунамисолҳои кӯҳсор, чашмасор, сангсор ва ғ., ки ба маънои сар // sar = сор // sār дар заб. п.к. sarah-/ sāra ба маънии сар (сари одам), сарчашма, ибтидо айнияти додаанд [GIPh 1904, 190; Абаев 1969, 127]. Дар баробари мафҳуми мазкур дар забонҳои эронии бостон пасванди ифодакунандаи самт, сӯй, тараф - sar (бо гунаи – sār) низ мавҷуд будааст, ки он аз анҷомаи - sar – и авестоӣ ба маънои «муштарак(ӣ), иттиҳод, тӯдаи мардум» ва аз ифодаи aŝahiya sar – «ҳамрадиф бо Яздон - Aŝa» маъхуз гардидааст [ниг. Моргенстерн 1927, 69]. Анҷомаи топонимсози мазкур дар доираи маводи лугавии дигар забонҳои эронӣ низ маълум ва мавриди истифода қарор доштааст ва онро метавон бо форманти - sar (-sār) қиёс намуд, ки дар аксари ин забонҳо ба самте, тарафе, маҳалле ишорат мекунанд, аз ҷумла: заб. суғдӣ - sār (-s'r), яғн. – sar[21] (Гершевич 1954, 461), з. хоразмӣ – sar, пашту – sara, зебакӣ – sar, вахонӣ – sar // - sər, ишкошимӣ sür ва бояд илова намуд, ки ин анҷома дар гурӯҳи забонҳои имрӯзаи помирӣ ҳамчун исми ифодакунандаи тараф, самт дар таркибҳои зерин: yi sər - «як тараф», yem sar - «ба ин тараф» yâ sar «ба он тараф», tar kum sar? «дар кадом тараф?» tar mi sar? «ба ин тараф?» ва ғ. ба мушоҳида мерасад [Шоу 1876, 251; Лоример 1958, 218].

Аз мулоҳизоти овардашуда чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аз ифодаи - sār //- sar дар доираи интишори забонҳои эронӣ ба маънои иттиҳод, тӯдаи мардум истифода мегардидааст ва ҳамзамон аз ин вожа мафҳумҳои самт, тараф, ҷой сарчашма гирифтааст, ки ба андешаи донишмандон гунаи лугавии – sar //- sār > * - sār (a) ба шумор мераванд [Абаев 1969, 128].

Аз нигоштаҳои мазкур чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки дар баробари вожаи «ҳисор» - и арабӣ дар доираи забонҳои бостонии минтақаи Мовароуннаҳр вожаи ҳиндуориёӣ «ҳуссор // хиссор» истифода мешудааст, ки ба ифодаи маҳалли сукунатии дар тарафи шарқ (баландии офтобрӯя) ҷой гирифта меомадааст. Мавқеи

[21] Муқоиса шавад: дар забони суғдӣ martsar – «ба ин тараф(ҷо)» ва ortsar «ба он тараф(ҷо)» (Гершевич 1954, 461).

ҷуғрофии маҳалҳои бо номвожаи «ҳисор» алоқаманд низ ин андешаро таҳкиқ мебахшад, яъне аксари ҳисору қалъаҳо дар баландии офтобрӯя ҷой гирифтаанд.

Аз ҷониби дигар, дар савтиёти забони тоҷикӣ ва асосан дар гуфтори мардум табдилшавии овози садодори *у* пас аз овози ҳамсадои *х* ба и хеле зиёд ба назар мерасад, чунончи Хуршед - Хиршед, Хусрав – Хисрав, Хурсанд – Хирсанд ва эҳтимол меравад, ки дар вожаи «хуссор» низ дар зер таъсири савтиёти гуфтори забони тоҷикӣ овози х > х ва у > и табдил ёфта бошад. Чунин падидаҳои фонетикӣ дар овозҳои наздикталаффузи забон ба таври фаровон ба мушоҳида мерасанд.

Ба таҳкиқи мулоҳизоти овардашуда зикр намудани андешаронии муҳаққиқони таърихнигор ва топографҳои шаҳрҳои асримиёнагии Осиёи Миёна хеле бамаврид ва ҷоиз ба назар мерасад, ки пиромуни шаҳрдорӣ ва шаҳрсозӣ дар замонҳои қадим ва қарнҳои миёнаи ин минтақа ва хосан, мавзеъҳои хисордор чунин хулосабардорӣ намудаанд: «...Мафҳуми ҳисор ба қисмати марказии шаҳре мансуб будааст, ки бо девори баланд ва навоҳии наздишаҳрӣ иҳота шудааст. Истилоҳи «ҳисор» ҳамчунин ба маънии «шаҳр», «истеҳком» ва «девори шаҳр» низ корбурд доштааст. Ҳисор ин қисмати истеҳкомдори аҳолинишини шаҳр аст, ки дар он биноҳои ҳокимият, сарбозхонаҳо, масоҷиду маъбадҳо, бозорҳои марказӣ ва коргоҳҳои ҳунармандон ва биноҳои истиқоматии табақаҳои асосии шаҳрдорӣ мутамарказонида шудаанд. Ҳудуди берун аз девори он, берун аз ҳисор маҳалли наздишаҳрӣ ва деҳот ба шумор мерафт, ки тарзи ҳаёту зиндагии он дар қиёс бо шароити дохили ҳисор ба куллӣ тафовут дошт» [Байлаков 1990, 16].

Чи тавре ки қаблан зикр намудем, асоси топонимҳо ва микротопонимҳои водии Ҳисорро номвожаҳои тоҷикӣ ташкил медиҳанд ва ин шаҳодати он аст, ки мардуми тоҷикзабон аз қадим дар ин диёри бостонӣ сукунат доштаанд ва дар ташаккули номҳои ҷуғрофии ин минтақа нақши муҳиме гузоштаанд.

Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ Марти 2010

ФЕҲРИСТИ МАНОБЕЪ

Абаев В.И. Историко - этимологический словарь осетинского языка. – Т. 1. – М., – Л., 1958.

Абаев В.И. Историко - этимологический словарь осетинского языка. – Т. 2. – М., 1973.

Абаев В.И. Историко - этимологический словарь осетинского языка. – Т.3. –М., 1978.
Абаев В.И. Историко - этимологический словарь осетинского языка. – Т.4. –М., 1989. 325 с.
Абаев В.И. Историко–этимологический словарь осетинского языка (указатель) – М., 1995.
Абаев В.И. Персидский топоним Хӯнсӣр // Топонимика Востока. – М., 1969.
Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб. – Душанбе, 1995.
Аршавская З. А., Ртвеладзе Э. В., Хакимов З. А. Средневековые памятники Сурхандарьи. – Ташкент, 1982.
Байлаков К.М. Позднесредневековая городская культура // Проблемы археологических исследований средневековых городов Казахстана: Научно-аналитический обзор. – Алма-Ата, 1990.
Ғиёсуллуғот: иборат аз 3 ҷилд.- Душанбе: Адиб, ҷ.1, 1987; ҷ. 2, 1988; ҷ. 3, 1989.
Давидович Е., Мухторов А. Страницы истории Гиссара. – Душанбе, 1969.
Додыхудоев Р.Х. Памирская микротопонимия (исследование и материалы). – Душанбе, 1975.
История Афганистана с древнейших времен до наших дней // Отв. редактор Ю.В. Ганковский. – М., 1982.
Массон В. М. Средняя Азия и Древний Восток. – М. – Л., 1964.
Мухторов А. Ҳисор. – Душанбе, 1995.
Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ.– Душанбе, 1993, Ҷ.1.
Нуров А. Фарҳанги осори Ҷомӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энциклопедияи советии тоҷик. – 1984, Ҷ. 2.
Офаридаев Н. Микротопонимия Ванджа и Дарваза.–Душанбе, 1991.
Офаридаев Н. Лингвистическое исследование ойконимии Горного Бадахшана: АДД, - Душанбе, 2002.
Офаридаев Н. Ойконимияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон. – Душанбе, 2002.
Сулаймонӣ С. Фарҳанги васити арабӣ – тоҷикӣ. – Душанбе. – 2008.
Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969, Ҷ. 2.
Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». – Душанбе: Адиб, 1992.
Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ // зери таҳрири Д. Саймиддинов, С.Д. Холматова, С. Каримов. – Душанбе, 2006.
Хафиз-и Таниш. Шарафномайи шохи, том 2. – Тошкент, 1969.
Хромов А.Л. Историко-лингвистическое исследование Ягноба и Верхнего Зарафшана.

Топонимия Ягноба и Верхнего Зерафшана: Дисс. докт. фил. наук. - Душанбе, 1970.
Энсиклопедияи советии тоҷик, ҷилди 8. – Душанбе, 1988.
Энциклопедический словарь // издатели Ф.А. Бронгауз, И.А. Ефрон. – СПб., Т. XXIV А., 1898.
Grundriss der iranischen Philologie. Bd.I. Abt. 2, 1904.
Grundriss der iranischen Philologie. Bd.II. 1904.
Gerschevitch J. A Grammar of Manichean Sogdian. – Oxford, 1954.
Lorimer D.L. The Wakhi Language. – london, 1958, vol. II.
McCown D. E., The comparative stratigraphy of Early Iran. – Chi., 1941.
Morgenstierne G. Etymological Vocabulary of Pashto. – Oslo, 1927.
Shaw R.B. On the Ghalchah Languages (Wakhi and Sarikoli) // Journal of the Asiatic Society of Bengal, № III, 1876.
Schmidt E. F. Excavations at Tepe Hissar. – Phil., 1937.

МАХМАДЖОНОВ О.

К ВОПРОСУ ОБ ЭТИМОЛОГИИ ТОПОНИМА «ХИСОР»

Топоним «Хисор» в системе топонимикона Таджикистана и сопредельных стран упоминается как название одной из древнейших долин Средней Азии, одного из культурно-образовательных центров Мовароуннахра и в общей форме Древнего Балха.

Анализ данного слова встречается даже в ареале распространения греческого и тюркского языков. В статье доказано, что наряду с арабским словом «хисор» в древних языках Мовароуннахра использовалось индоевропейское слово «хуссор // хиссор», которое указывало на обжитое место на восточной стороне (т.е. на солнечной вершине). Географическое расположение мест, связанных со словом «хисор», также подтверждает данную точку зрения, что большинство крепостей и укреплений распологалось на солнечной возвышенности.

O. MAHMADJONOV

REVISITED ETYMOLOGY OF TOPONYMY OF “HISOR”

One of the most territorial large and having historical population region of Tajikistan is Hissor valley, concerning toponymies which there are a lot of researches of native and foreign authors both particular articles, and perfecting which is analysis several historical local study

about this region. But up to now, from the point of view of linguistics and particular toponymy is not solve the problem of the specifically of toponymies of this region.

First of all, it must to say that the toponymy of "Hissor" in the system of toponymy of Tajikistan and historical and geographical sources and out of that mentioned like one of the name of oldest valley of the Central Asia, one of the cultural and educational center of Movarounahr and generally mentioned Old Balkh. The comparative analysis of this geographical term with toponymy of spreading another Iranian languages shows that the given word in these places is used to much and even meets in the habitat of Greek and Turkic languages in the range of the native toponymies.

Together with Arabian word of "Hisor" in the old languages of Movarounahr existed and used Indo-European word "hussor // hissor", which pointed in that there were lived population in the eastern side (sunny peak). Geographical position of place associated with word "hisor" is also confirms this reflection, that is to say most of fortresses and fortifications located in the sunny hill. It is possible to conclude that the word of "hisor" had an Indo-European root, which from the oldest period till nowadays in the different territories the spread of Iranian languages had the range of usage. It is supposing that Semitic population adopted them and recently in view of disappearance it's Old Iranian variant, remained the only Arabian variant of this idea in the usage.

НАКД

ҲОМИД МАҶИДОВ

ФАРҲАНГИ ТАФСИРӢ ЧАРОҒИ ҲИДОЯТИ ҲАР СОҲИБЗАБОН АСТ

Соли бузургдошти забони тоҷикӣ ва ҷашни 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ эълон шудани соли 2008 моҳи ифтихору фараҳмандии миллати тоҷик буд. Дар тӯли ин соли бисёр пурбаракат дар омӯзишу тадқиқ, таълифи асарҳои бунёдӣ, нашри онҳо муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шудаанд.

Интишори фарҳангу донишномаҳои сершумор аз шарофати ҳамин соли бафайзи забони тоҷикӣ аст. Ба табъ расидани «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ»-и дуҷилда, ки натиҷаи заҳмати бисёрсолаи луғатнигорони маъруфи тоҷик марҳум Раҳим Ҳошим, Ҳофиз Рауфзода ва Аҳмадҷон Сангинов мебошад, аз ҷумлаи ҳамин гуна дастовардҳои сол ба шумор меравад. Лугати мазкур бо бахши азими иловаҳо ва таҳрири умумии доктори илми филология Сайфиддин Наҷмзода ба нашр расидааст. Ҳамчунин дар таҳриру такмили ин фарҳанг узви вобастаи АИ Тоҷикистон шодравон Абдулқодир Маҳмӣёзов, доктори илми филология Саидқул Сабзаев, Мирзо Ҳасани Султон, номзадҳои илми филология Олимҷон Қосимов, Санавбар Ҳолматова, Саодатшо Матробов ва чанде дигар иштирок карданд.

Бо вуҷуди таърихи ниҳоят қадима доштани луғатнигории тоҷик ва ба луғатҳои фаровони тафсирӣ соҳиб будани он мардуми тоҷик фарҳанги тафсирии забони муосири худро, луғатеро, ки дар он ҳамаи маънавии имрӯзаи вай инъикос шуда бошад, надошт. Мафҳуми фарҳанги тафсирӣ ва ё луғати тафсирӣ ба давраи муайяни ташкишофи забон ё ба истилоҳ ба буриши синхронии он алоқаманд аст. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар ҳарчанд ки дар унвон «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» калимаи «муосир» таҷассум наёфтааст, ба нисбати он ки асосан таркиби луғавӣ ва вазъи имрӯзаи система ва ё низоми маъноии забони адабии муосири тоҷикро акс намудааст, он луғати тафсирии забони адабии муосири тоҷик аст.

Фарҳанги тафсирии забони миллат инъикосгари тафаккур, маънавиёт, табиат ва рӯҳу равони вай аст. Тафаккуру шуури умумиинсонӣ маҳз дар шакли низоми маъноии забони ҷудогона вуҷуд дорад. Дар сатҳи маъноии забон он бо махсусиятҳои худ, бо ҷилвоҳои ҳотакрори миллии худ инъикос мегардад. Ба ин сабаб аст, ки дар ҳайати низоми маъноии забони алоҳида ва назарияи инъикосоти

маърифати умумиинсонӣ робитаи ногусастанӣ вуҷуд дорад. Ҳар як калима, ҳар як маъноии забон воқеиятро инъикос мекунад. Ба ин нисбат сатҳи маъноии забони ҷудогонаро шакли мавҷудияти тафаккуру шуури соҳибони он номидан мумкин аст. Дуруст аст, ки дар қабати маъноии забони ҷудогонаи миллӣ инъикоси хосаи тафаккури умуминсониро мушоҳида мекунем. Ба таври дигар, аксари он тасаввурот ва мафҳумҳо дар хусуси олами воқеӣ, ки дар тафаккури халқҳои мухталифи олам ҳастанд, дар забонаи ҷудогонаи миллӣ низ ифода шудаанд, фақат бо тафовутҳои ҷузъӣ ва махсусиятҳои нодири худ. Маҳз фарҳанги тафсирии забони миллат ин ҳама ҷузъиёту махсусиятҳои сатҳи маъноиро ба пуррагӣ инъикос карда метавонад. Он калиди дарри олами маъноҳо, тобишу ҷилавҳои эҳсосотиву иродавӣ ва меъёрҳои истеъмолии забон мебошад.

Соҳибзабон бо такя ва маълумоти фарҳанги тафсирии забони нутқи худро, ба хусус, нутқи хаттии худро идора мекунад, ба хатоҳои номатлубу ноҷо роҳ намедиҳад, чунки дар ҳар як моддаи луғавии он баробари зикри маъноҳои луғавию грамматикӣ, ҷилоҳои услубию имкониятҳои ҳамнишинӣ, меъёрҳои истеъмолии онҳо, хосатан меъёрҳои имлоӣ, савтию аксентологӣ, луғавию маъноӣ ва сарфию наҳвиашон низ ифода ғардидаанд. Ҳатто шахсе, ки аз мафҳуми меъёрҳои забон фарсангҳо дур аст, савқан дарк мекунад, ки дар истеъмоли унсурҳои луғавии забони модариаш хато кардан мумкин нест, ифодаҳои нутқаш бояд тоҷикии фасеҳ, дуруст ва дақиқ бошанд. Раҳнамои чунин шахс маҳз фарҳанги тафсирии забони адабӣ буда метавонад. Чунин фарҳанг ҳамчунин дар муқобили ҳама гуна бегонапарастоне, ки меъёрҳои забони давлатиро қасдан вайрон карданӣ мешаванд, ҳуҷҷати ниҳоят мӯътамади расмӣ маҳсуб меёбад. Дар асоси он ҳар як гарданшахи арсаи забонро, ки меъёрҳои истифодаи онро дидаву дониста риоя намекунад, танбеҳу ҷазо додан мумкин аст.

Таркиби луғавии забон, махсусан, забони собиқа ва хати қадима дошта миқдори азими калима ва маъноҳоро дар бар гирифта метавонад. Табиист, ки дар мавриди мураттаб сохтани фарҳангҳои ҷудогона, ки барои мақсад ва ҳадафҳои муайяне ба вуҷуд оварда мешаванд, аз ин анбӯҳи калимаҳои забон фақат як миқдори мушаххасе интихоб карда мешаванд. Интихобан ҷой додани калимаҳо дар фарҳангу луғатҳо, бахусус, дар фарҳангҳои тафсири ба ҳамин тарика аз меъёрҳои мухимтарини лугатнигорӣ ба шумор меравад. Ба ин сабаб аст, ки луғатномаи ягон фарҳанги тафсирӣ таркиби луғавии воқеии забонро пурра инъикос намекунад. Дар лугатномаҳои чунин фарҳангҳо мувофиқи вазифаҳою ҳадафҳои дар назди луғатсозон гузошташуда миқдори ба шумури калимаву таъбирот интихоб карда мешавад. Масалан, дар луғатҳои тафсирии забони русӣ ин миқдор

зиёда аз 200 ҳазор, англисӣ 400 ҳазор, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» он 80 ҳазор вожаву таъбиротро ташкил додаст. Луғатномаи ҳар як фарҳанги тафсирии меъёрӣ аз ин нуқтаи назар ифодагари маҷмӯи чунин маълумоти дақиқи лингвистие мебошад, ки донистани он барои ҳар як фарди соҳибмаълумоти ҷомеа зарур аст.

Шиносоии умумӣ бо «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллифони он аз дастовардҳои луғатнигории имрӯзаи ҷаҳон хуб огоҳ ҳастанд ва онҳоро мавриди истифода ҳам кардаанд. Моддаҳои луғавӣ аз рӯйи муқаррароти қабулшуда ва истифодаи дақиқи маъноҳову маводи тафсирӣ анҷом дода шудаанд. Дар интихоби сарвожаҳои асосӣ онҳо ҳеле эҳтиёткор ҳастанд, фақат калимаи дар забони адабӣ маъруф ва умуминстеъмолшуда ҳамчун сарвожаи тафсир оварда шудааст. Гунаҳои дигар, муодил ва мувозиҳои дуюмдараҷа, сеюмдараҷа ва мутағоирҳои дигари ба инҳо монандро фақат дар сурати ҳаволаҳо (бо ишораи ниг., яъне нигар) овардаанд.

Фарҳанги тафсирии забони муосир дар айни замон вазифаи луғати имлои онро ҳам адо мекунад. Ба ин сабаб дар он барои муқаррар намудан ва ифодаи шакли дурусти қиёфаи овозии калима заҳмати зиёде анҷом дода шудааст. Дар бисёр мавридҳо шакли дурусти овозии калима таъкидан ҷудо карда шуда, истеъмоли шаклҳои ғалати маъмулшуда тавсия дода намешавад.

Лугатнигорон кӯшидаанд, ки калимаҳои иқтибосии аз забонҳои гуногуни олам, хосатан, калимаҳои аз арабӣ ва русию забонҳои дигари аврупоӣ воридшуда дар қиёфаҳои овозии ба тоҷикӣ мувофиқи онҳо оварда шаванд. Миқдори калимаҳои русию аврупоии ин фарҳанг назар ба ҳамин гуна калимаҳои дар луғатҳои дузабонаи дар солҳои Шӯравӣ нашршуда нисбатан кам аст. Бисёре аз чунин калимаҳо, ки дар ин солҳо ба сари забони мо зӯран бор карда шуда буданд, бо муодилҳои имрӯзаи форсиҳои бурунмарзиашон иваз карда шуданд, ки ин иқдоми нек аст. Гурӯҳи дигари чунин калимаҳо ба қадри имкон дар талаффузи тоҷикии онҳо оварда шудаанд, масалан, **конфронс, консерн, пиеса, мармалод** ва монанди инҳо.

Дар таснифи мантиқии маъноҳои луғавии калимаҳо низ салиқаи баланди луғатнигоронро мушоҳида метавон кард. Дар тафсири мундариҷаи маъноии калимаҳо онҳо аз маълумоти грамматикӣ, этимологӣ ва услубшиносии ба онҳо марбут васеъ истифода бурдаанд. Дар аксарияти мавридҳо ҳар як маъноии луғавии калима бо мисолҳои мӯътамади забони имрӯза тавзеҳ дода шудаанд, иловатан агар ин маъно ба муродиф ва ё мутазод соҳиб бошад, онҳо низ дар охири тафсир оварда мешаванд. Муаллифон дар мавридҳои зарурӣ,

чунончи, ҳангоми шарҳи истилоҳот, калимаҳои нодир, вожаҳои ифодагари мафҳумҳо тафсири энсиклопедиро низ ба кор бурдаанд.

Яке аз фазилатҳои назарраси дигари фарҳанг ҳамин аст, ки луғатнигорон кӯшидаанд то ба он як миқдори калони калимаҳои аз истеъмол баромадаро, ки дар байни форсизабонони хориҷи кишвар мустаъмаланду мафҳуму ҳодисаҳои барои мардуми мо муҳимро ифода мекунанд, ҷой диҳанд. Ин иқдоми нек, бешубҳа, таркиби луғавии забони адабиамонро боз ҳам ганитар намуда, иқтидори истеъмолии онро боло мебардорад.

Ҷиҳати басо назарраси дигари фарҳанг ҳамин аст, ки дар тафсири маъноии калимаҳо аз тартиботи рангину пуробуранги забонамон фаровон истифода шудааст. Дуруст аст, ки он на ҳама вақт аз рӯйи муқаррароти кабулшуда дар охири тафсир - баъд аз аломати ромб оварда мешавад. Таъбирот ва зарбулмасалу мақолҳоро муаллифони фарҳанг ҳамчун маводи тавзеҳдиҳандаи тафсир низ ба кор бурдаанд. Дар ҳар сурат бо кадом тарзе набошад, овардани чунин мавод ба раванди забономӯзии мардум, ба хусус ҷавонони толибилм бетаъсир намемонад. Азбаски мураттаб сохтани чунин фарҳанг дар луғатнигории имрӯзаи мо таҷрибаи аввалин аст, ба назари мо, дар он баъзе хатову нуқсонҳо ҳам роҳ ёфтаанд.

Пеш аз ҳама, бояд ба назар гирифта мешуд, ки фарҳанги тафсирии забони модарӣ барои оммаи васеи хонандагон нигошта мешавад. Маълум аст, ки аксари мардуми тоҷик (ҳатто шахсони таҳсилдида ҳам) бо қоидаҳои грамматикии забонҳои дигар, масалан забони арабӣ, шинос нестанд. Ба ин нисбат вазъи хонандаи ноогоҳро боз ҳам вазнинтар карда ба вай ишоратҳову маънидодҳои сирф ба забони арабӣ хос бударо, аз қабили шаклҳои ҷамъ, ҷинсият, муштақоти исмҳо, масдар ва сифати феълӣ; шаклҳои мансуб ба зарфҳо ва сифатҳои онҳоро бор кардан дуруст нест, зеро ки вай аз ин мафҳумҳои грамматикии забони дигар билкул хабар надорад ва донистани ин маълумот ба ӯ зарур ҳам нест. Қоидаву қонунҳои грамматикии ҳар забон фақат дар чаҳорчӯбаи худи он амал мекунанд. Ба ҳаминҳо монанд ба тафсирҳои грамматикии соф тоҷикии навъи **дарӣ** мансуб ба дарё; **молак** исми амал аз молидан; **муттаҳидкунанда** сифати феълӣ аз муттаҳид кардан ва бисёр дигарҳо, ки хеле фаровон истифода шудаанд ва аз ин ҳисоб бисёр моддаҳои луғавӣ ҳаҷман афзудаанд, ягон зарурате нест. Вазифаи фарҳанги тафсирӣ шарҳи батафсили маъноҳои лугавӣ ва овардани маълумоти дигари ба онҳо марбут мебошад. Маъноҳои грамматикӣ, қайдҳои услубӣ ва маълумоти этимологиро бошад, фақат дар сурати ишоратҳои бо ихтисорот ифодашуда овардан лозим аст, вагарна ба лугатҳои грамматикӣ, ус-

убиёт ва ё этимологӣ табдил ёфтани фарҳанги тафсирӣ аз эҳтимол дур нест.

Чунин норасоиҳоро ягон-ягон дар тафсири маъноҳои луғавӣ, ҷобаҷогузории мантиқии навъҳои мухталифи тобишҳои онҳо, маънидодҳои этимологӣ, таъйини услубии мавқеи калима, интихоби шакли умумиятдодашудаи таъбирот низ мушоҳида кардан мумкин аст, вале ин ҳама галатҳои ислоҳшавандаанд ва умед аст, дар нашри такрории фарҳанг тасҳеҳ мегарданд. Чизи муҳим ин аст, ки чунин фарҳанг, ки аҳли фазли тоҷик солҳо дар орзуяш буданд, ниҳоят ба ҷиҳаъ расид.

Ба ҳамин сабаб кори луғатнигориро саҳл донистан, ба қадри зиҳмати онон нарасидан дуруст нест. Луғатнигорӣ кори як солу ду сол нест ва он ҳунари ҳар кас ҳам нест. Фақат фидоиёни ҳақиқии фарҳангу миллат ба ин кори ниҳоят пургирех ва меҳнатталаб машғул мешаванд.

Фарҳанги тафсирии забони миллат бояд мунтазам нашр шавад. Он маҳз аз нашр ба нашр такмил меёбад, банду басташ то рафта мустаҳкамтар гашта, аз бобати ҳаҷм пурратар мешавад. Дар ин ҷараён таҷрибаи кории луғатнигорон ҳам мукаммал мегардад, малакаи донишу онҳо дар интихоби калима ва маъноҳои мустаъмалу меъёрӣ то рафт меафзояд. Бояд ба эътибор гирифт, ки дар интихоби калима ва маъноҳои муҳими меъёрӣ то имрӯз ягон дастгоҳи маҳсус, ки интихоби дақиқи ин воситаҳои забониро амалӣ кунад, наофаридаанд. Он то ба ҳол ба донишу салиқаи забондонии луғатнигор вобаста аст. Луғатнигор мутаҳассиси яктои соҳаи бӯйшиносӣ (масалан, дар ташхиси анвои атриёт) ё чошнигари таъмро (дар истеҳсоли маю машрубот) мемонад, ки назокатҳои ниҳонии калимаву таъбироти забони модариашро назар ба дигарон хуб дарк мекунад ва ҳар он чизеро, ки барои забони адабии имрӯза мубрамият дорад, аз анбӯҳи калимаҳои дигар, аз калимаю маъноҳои дуюмдараҷаю сеюмдараҷа ҷудо менамояд. Вай ба муштоқони забони модариаш ҳамон гуна калимаву маъноҳоеро интихоб менамоянд, ки ба онҳо дар айни замон зарурат аст. Онҳо калимаҳоеанд, ки эҳтиёҷоти мардумро қонеъ карда метавонанд.

Бо назардошти он ки «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» аз нав боз нашр мешавад ва он такмилу тавсеа меёбад, пешниҳод мекардем, ки он боз ҳам аз ҳисоби калимаҳои ифодагари мафҳумҳои ҳаётан муҳими классикӣ, калимаҳои нодири дар шеваҳо маҳфуз, вожаҳои қадимаи тоҷикии дар забонҳои дигар боқимонда такмил гардад. Дар таҳвияти ҳамин нукта фақат аҳамияти яке аз ин манбаъҳоро шарҳ медиҳем.

Ба нисбати он ки забони адабии форсии классикӣ дар муддати ҳазор соли охир забони байналмилалии минтақаи бузург - Ҳиндустон, Афгонистон, мамлакатҳои араб, Туркия, Қафқоз, Ҳафтрӯд, Хӯтан буд, бисёре аз калимаҳои худро ба забонҳои муқими ин кишварҳо боқӣ гузоштааст, ки имрӯз мо аз онҳо иттилоъ надорем. Инак, фақат чанд мисол: **дарозназар** «дурбин», **чомахона** «чевон», **мададгор** «ассистент», **тирона** «гимн, суруди давлатӣ», **равиш** «гулгашт» дар забони урду, **наълбандхона** «оҳангарӣ», **паймон** «қарордод» дар курдӣ; **ҳамумр** «ҳамсин», **хабардор** «диққат» дар ҳиндӣ ва бисёр дигарҳо аз ҳамин ҷумлаанд. Ҷамъ овардану ба ин фарҳанги ниҳоят мӯътабар дохил кардани чунин дурдонаҳои луғавӣ баробари калимаҳои зиёди фарҳанги луғатҳои гузашта, вожаҳои нодири забони зиндаи умумихалқиамон фарҳанги тафсирии забони адабии муосири моро зебу зинат медод, қимати онро боло мебурд, имкониятҳои луғавии нутқи моро даҳчанд афзун мекард.

Ниҳоят, барои назорати доимӣ ба кори ин фарҳанги ниҳоят муҳими ҳаёти маънавии мо, барои такмилу таҷдиди пайвастаи он хуб мебуд, ки дар назди Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ як гурӯҳи дастҷамъии доимии корӣ таъсис дода шавад, то ки он ба ҷамъоварии калимаҳои навтарини имрӯза ва такмили луғатномаи ин асар машғул бошад, мулоҳизаву пешниҳодоти донишмандону зиёиёни бомаърифати кишварро мунтазам ба қайд гирифта, барои нашри нави он истифода барад. Умуман, фарҳанги тафсирии забони миллатро, ки он дар қатори муқаддасоти дигари миллӣ ҷойгир аст, дар мадди назарҳои доимӣ нигаҳ доштан, онро пайваста такмилу таҷдид намудан лозим аст. Он бояд оинаи такомули забони адабиамон, чароғи ҳидояти ҳар як соҳибзабонони бомаърифати тоҷик бошад.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **майи соли 2010**

ВОЖАНОМАИ ИСТИЛОҲОТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ

Ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Забоншиносӣ» аз шумораи аввал тасмим гирифтааст, ки дар саҳифаҳои маҷалла таҳти унвони «Вожанома» як силсила вожаҳо ва истилоҳоти хориҷиро бо муодилҳо (баробари)-и тоҷикӣ чоп намояд, то барои истифодаи забони давлатӣ дар коргузории расмӣ ва риштаҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Инак бахше аз ин «Вожанома» ба хонандагони гиромӣ пешниҳод мешавад.

абонемент (*фр. abonnement<aboner*)	- иштирок, обуна
абонементная плата	- ҳаққи иштирок, обунапулӣ
абонент (*abonnement< фр. abone < abonner*)	- муштарик, обуна
абонентская задолженность	- қарздории обуна
абсолютный (*олм. absolut<лот.absalutus*)	- мутлақ, комил
абсолютная величина	- андозаи мутлақ
абсолютная прибавочная стоимость	- арзиши изофаи мутлақ
абсолютное значение	- қимати мутлақ
абсолютное преимущество	- бартарии комил, афзалияти комил
абстракт (*олм. abstrakt< лот. abstractus*)	- таҷрид, мавҳум
абстрактный	- таҷридӣ, мавҳум
абстракция	- таҷрид
абсурд (*фр. absurde< лот. absurdus*)	- сафсата, ёва, ҳарза
аванс (*фр. absurde< лот. absurdus*)	- пешпардохт, пешмузд, байъона
авансирование	- пешпардохт додан, - пешмузд пардохтан,
авансирование бизнеса	- пешбардохтии бозаргонӣ
авансированные средства	- воситаҳои пешпардохт
авансированный капитал	- сармояи пешпардохт
авансовый отчет	- ҳисоботи пешпардохт
авансовый платёж	- пешпардохт, пардохти пешмузд
авангард (*фр. avant-garde*)	- пешоҳанг, пешсаф
авиа (*лот. avis*)	- ҳавоӣ, ҳавопаймоӣ
авиакомпания	- ширкати ҳавопаймоӣ
авиапочта	- почтаи ҳавопаймоӣ

авизо (*ит. avviso*)	- ёддошт, фиристнома
автобаза (*фр. avto-base*)	- муассисаи нақлиётӣ
автобиография (*фр. avtobio-graphie<юн. autos-"худ"+bios "зиндагӣ"*)	- шарҳи ҳол,зиндагинома, ҳолнома
автовокзал (*фр. auto+вокзал*)	- истгоҳ, терминали автобус
авторучка (*фр. auto+ручка*)	- худнавис
автостанция (*фр. auto+стансия*)	- истгоҳи автомобилӣ
автоматизация (*фр. automatisation <automate*)	- худкор кардан, худкорсозӣ
автоматизированная информационная система	- низоми худкори иттилоот
автоматизированная система управления	- низоми идории худкор
автономия (*юн. autonomia*)	- мухторият, мустақилият
автономный	- мухтор, мустақил
автономный бюджет	- буҷети мустақил
автономные капиталовложения	- сармоягузориҳои мустақил
автономный тариф	- таърифаи мустақил
автономный таможенный тариф	- тарифаи мустақили гумрукӣ
автор (*лот. auctor*)	- муаллиф, мусанниф
авторитарный (*фр. autoritaire< лот. autoritas*)	- худкомагӣ, фармонраво
авторитарный капитализм	- сармоядории фармонраво
авторский	- ...и муаллифӣ
авторский договор	- шартномаи муаллифӣ
авторский надзор	- назорати муаллифӣ
авторское право	- ҳуқуқи муаллиф
авторское свидетельство	- шаҳодатномаи муаллифӣ
авуары (*фр. avoir*)	- маблағ, маҷмӯи маблағҳо ва қоғазҳои қиматбаҳои бонк
агент (*олм. agent<фр. agent <лот. agents*)	- намоянда
агент коммерческий	- намояндаи тиҷоратӣ
агент промышленный	- намояндаи саноатӣ
агент страховой	- намояндаи суғурта, намояндаи бима

агентский	- намояндагӣ
агентские операции	- амалиёти намояндагӣ
агентское вознаграждение	- подоши намояндагӣ
агентское соглашение	- созишномаи намояндагӣ
агентство	- агентӣ, оҷонсӣ
агитатор (*олм. agitator< лот. agitator*)	- ташвиқгар
агитация (*олм. agitation< лот. agitatio*)	- ташвиқот
предвыборная агитация	- ташвиқоти пеш аз интихобот
агроном (*фр. agronome<юн. agronomos<agros*)	- зироатшинос
агропромбанк	- бонки зироату саноат
адаптация (*лот. adabtation*)	- интибоқ, мутобиқат, созгорӣ
адвокат (*олм. advokat< лот. advocatus*)	- додвар, адвокат.
адекватный (*лот. adaequat < лот. advocatus*)	- яксон, баробар
адвокатура	- додвар
администрация (*лот. administratio*)	- додвархона
администрация ценных бумаг	- маъмурият
	- маъмурияти коғазҳои қиматнок
административно – управленческий персонал	- ҳайати маъмурию идорӣ
административные методы управления	- равишҳои идораи маъмурӣ
администратор	- маъмур
адрес (*фр. adresse*)	- нишонӣ
адрес юридический	- нишонии ҳуқуқӣ
адресант (*лот. adressant<фр. adressant<adresser*)	- фиристанда
адресат (*олм. adressat<фр. adresse*)	- гиранда
адресный	- гирандаи нишонӣ
адресный стол	- дафтари роҳнамой
адресовать	- фиристодан, ирсол доштан
адресовать документы	- фиристодани аснод (ҳуҷҷатҳо)
ажиотаж (*фр. agiotage<ит. aggio*)	- ҳангома, ғавғо
аккорд (*фр. accord<лот. accordium*)	- созиш, аҳд
аккордный	- паймонӣ, паймонкорӣ

аккордная оплата - музди паймонӣ
аккордная работа - паймонкорӣ
аккредитив (*фр. accreditive*) - эътиборнома, чаки мусофиратӣ
аккридетив безотзывный - эътиборномаи бебозхонд
аккридетивная форма расчетов - шакли эътиборномавии ҳисобу китоб
аккумуляция денежных средств - захиранамоии воситаҳои пулӣ
акт (*фр. acte< лот.actus*) - санаи расмӣ, таъйиднома
административно-правовой акт - санади маъмуриву ҳуқуқӣ
акты гражданского состояния - санади ҳолати шаҳрвандӣ
законодательный акт - санади қонунӣ
нормативный акт - санади меъёрӣ
нотариальный акт - санади сабти нотариус
обвинительный акт - даъвонома, санади даъво
подлинный акт - санади асл
акт приёмки - санади қабул
акт приёмно-сдаточный - санади қабулу супурд
составить акт списания - тартиб додани санади хорисозӣ
актив (*лот. activus*) - дорой, актив
активы длительного пользования - дороиҳои истифодаи дарозмуддат
активность - фаъолият, фаъолиятмандӣ
активность деловая - кордонӣ
активный торговый баланс - тавозуни фаъоли савдо
актовый зал - маҷлисгоҳ
акцепт (*лот. acceptum*) - пазира, пазириш
акцептант - пазиро, пазиранда
акцептный кредит - кредити пазиравӣ
акциз (*фр. accise< лот. accsisum*) - андози изофа, изофаандоз
акционер (*фр. actionnaire< лот. action*) - саҳмдор, саҳом, саҳмиядор, дорандаи саҳм
акционерный - саҳомӣ, саҳомдорӣ
акционерное общество - ширкати саҳомӣ
акционерный капитал - сармояи саҳомдорӣ
акционерный сертификат - тасдиқномаи саҳомдорӣ
акция (*голл. akie< лот. actio*) - саҳм (ч. саҳом), саҳмия

акция с ограниченным правом голоса - саҳмия бо ҳаққи маҳдуди овоз
именная акция - саҳмияи номӣ
номинативная акция - саҳмияи боном
обыкновенная акция - саҳмияи одӣ, саҳмияи муқаррарӣ
плюральная акция - саҳмияи чандовоза
привелигированная акция - саҳмияи имтиёздор
простая акция - саҳмияи одӣ, саҳмияи муқаррарӣ
специальная акция - саҳмияи махсус
альпари (*ит. alla pari*) - алпар, баробарӣ, мусовӣ
альтернатива (*фр. alternative*) - алтернатив
альтернативная стоимость - арзиши алтернатив
альтернативный проект - лоиҳаи алтернатив
альянс (*фр. aliance< allier < лот. alligare<ligare*) - иттиҳод
амбулатория (*олм. ambulatorium < лот. ambulare*) - дармонхона
амортизация - истеҳлок
амортизационные начисления - маблағгузории истеҳлокӣ
анализ (*фр. analise< лот. analysis <юн. analisis*) - таҳлил
анализ затрат и результатов - таҳлили хароҷот ва натиҷаҳо
анализ финансовой деятельности - таҳлили фаъолияти молиявӣ
выборочный анализ - таҳлили интихобӣ
качественный анализ - таҳлили сифатӣ
количественный анализ - таҳлили миқдорӣ
макроэкономический анализ - таҳлили макроиқтисодӣ
микроэкономический анализ - таҳлили микроиқтисодӣ
отраслевой анализ - таҳлили соҳавӣ
перспективный анализ - таҳлили ояндадор
предварительный анализ - таҳлили пешакӣ
системный анализ - таҳлили бо низом
сравнительный анализ - таҳлили муқоисавӣ
текущий анализ - таҳлили ҷорӣ
аналитик - таҳлилгар
аналитический - таҳлилӣ

аналогия (*юн. analogia*) - шабоҳат, қиёс, ҳамонандӣ, ҳамтоӣ
аналогичный - мушобеҳ, монанд
анархизм (*фр. anarchisme < юн. anarchia*) - ҳарҷу марҷ
анкета (*фр. anquête<anquêste*) - пурсишнома
аннулирование (*олм. annlierence < лот. annulare*) - бекор кардан, лаґв намудан
аннулирование долга - ботилсозии қарз
аннулирование заказа - лаґви фармоиш
аннулирование договора - лаґви шартнома
анонс (*фр. annonce<annoncer*) - эълон, хабарнома
аннотация (*лот. annotatio*) - фишурда, шарҳи мухтасар
аноним (*фр. antiquar<anonymus < лот. anōnymos*) - мактуби беимзо
антиквар (*олм. annlierence < лот. antiquarius<antiquum*) - атиқашинос, атиқафурӯш
антикварный магазин - атиқафурӯшӣ
антимонопольный (*юн. anti+ лот. monopolium<юн. monos+poleo*) - зиддиинҳисорӣ
антимонопольное законодательство - қонунгузории зиддиинҳисорӣ
апелляция (*лот. appellation*) - шикоят; пажӯҳиш
аппарат (*олм. apparat< лот. apparatus*) - дастгоҳ
аппарат государственный - дастгоҳи давлатӣ
аппарат управления - дастгоҳи идорӣ
аппарат центральный - дастгоҳи марказӣ
аппараты контрольно-кассовые - дастгоҳҳои назорати хазина
аптека (*олм. apparat< юн. apotheke*) - дорухона
арбитр (*фр. arbitre< лот. arbiter*) - ҳакам
арбитраж (*фр. arbitrage< лот. arbitre*) - ҳакамият
арбитражная комиссия - комиссияи ҳакамият
арбитражный комитет - кумитаи ҳакамият
арбитражный суд - додгоҳи ҳакамият
аргумент (*лот. argumentum<arguo*) - далел
аренда (*пол. arenda< лот. arrenda*) - иҷора
арендатор - иҷоракор
арендный - иҷоравӣ
арендная плата - иҷорапулӣ, иҷорабаҳо
арендное предприятие - корхонаи иҷоравӣ

арендный договор - иҷоранома
арендный срок - мӯҳлати иҷора
арендодатель - иҷорадеҳ
арест (*олм. arrest<фр. arrest < лот. arrestum*) - ҳабс, боздошт
арест на вклад - ҳабси амонат
артикуль (*лот. articulus*) - навъи мол, модда
архив (*олм. archiv< лот. archivum*) - бойгонӣ
архивные материалы - маводи бойгонӣ, асноди бойгонӣ
архивариус (*олм. archiv< лот. archivum*) - бойгон, корманди бойгонӣ
архитектор (*олм. architect(or)< лот. architector<юн. architekton*) - меъмор
аспект (*фр. aspect< лот. aspectus*) - ҷиҳат, ҷанба, назар
ассамблея (*фр. assemblee*) - маҷмаъ, маҷлиси умумӣ
Генеральная Ассамблея Организации Объединённых Наций - Маҷмаи Умумии Меъмо ни Милали Муттаҳид
ассекурация (*лот. assecuratio*) - бимаи амвол, суґуртаи амвол
ассигнации (*пол. asygnacja < лот. assiygnatio*) - пули коґазӣ, искинос
ассигнования - тахсис, пулдиҳӣ
ассигновать (*лот. assignare<signare*) - тахсис додан
ассортимент (*фр. assortiment*) - таркиб, навъ
ассортимент товаров - навъи мол, навъи коло
ассоциация (*фр. association <associatio*) - иттиҳодия, иттиҳод
аттестат (*олм. attestat< лот. attestatum*) - гувоҳинома
аттестация (*лот. attestatio*) - санҷиш, муаррифӣ
аудит (*лот. oudite*) - таҳлили молиявӣ, бозраси молиявӣ
внешний аудит - таҳлили молиявии берунӣ
внутренний аудит - таҳлили молиявии дарунӣ
аудитор (*лот. attestatio*) - таҳлилгари молиявӣ
аудиторский риск - таҳлилгарии молиявӣ
аудитория (*лот. auditorium*) - дарсхона
аукцион (*олм. auktion< лот. auctio*) - музояда
двойной аукцион - музоядаи дучанда
добровольный аукцион - музоядаи ихтиёрӣ
вексельный аукцион - музоядаи векселӣ

закрытый аукцион	- музоядаи маҳдуд
открытый аукцион	- музоядаи озод
принудительный аукцион	- музоядаи иҷборӣ, музоядаи маҷбурӣ
чековый аукцион	- музоядаи чак
аукционист	- музоядабар
аукционер	- музоядакор
афиша (*фр. affiche<afficher*)	- эълоннома, огоҳинома
аэропорт (*фр. aeroport<aero+port*)	- фурудгоҳ

Ихтисорахо:
голл. – голландӣ
ит. – итолиёвӣ
лот. – лотинӣ
олм. – олмонӣ
пол. – поляки
фр. – франсавӣ
юн. – юнонӣ

МАЪЛУМОТ РОҶЕҲ БА МУАЛЛИФОН

Айнӣ С. – нависанда ва муҳаққиқи тоҷик, доктори илми филология.
Ваҳҳобов Т. – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров.
Дабири Сиёҳӣ С.М.– донишманди эронӣ.
Лившитс В.А. – доктори илми филология, профессор, ходими калони илмии Институти ховаршиносии Федератсияи Россия (Санкт-Петербург).
Камолиддинов Б. – доктори илми филология, профессори кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Маҳмадҷонов О. – дотсент, докторанти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Маҷидов Ҳ. – доктори илми филология, профессори кафедраи забони муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Мирзо Хасани Султон – доктори илми филология, ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Назарзода С. – доктори илми филология, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Саймиддинов Д. – доктори илми филология, профессор, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Ҷабборова Т.М. – доктори илми филология, профессор, раиси Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Эделман Ҷ.И. – доктори илми филология, ходими пешбари Институти забоншиносии АИ Федератсияи Россия.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

Айни С. – таджикский писатель и исследователь, доктор филологических наук.
Ваххобов Т. – доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедрой таджикского языка Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова.
Дабир Сийаки – иранский ученый.
Джабборова М.Т. – доктор филологических наук, профессор, председатель Комитета по науке, образованию, культуре и молодежной политике Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Таджикистан.
Лившиц В.А. – доктор филологических наук, профессор, главный научный сотрудник Института востоковедении АН Российской Федерации (Санкт-Петербург).
Камолиддинов Б. – доктор филологических наук, профессор кафедры журналистики Таджикского национального университета Республики Таджикистан.
Маджидов Х. – доктор филологических наук, профессор кафедры современного таджикского языка Таджикского национального университета Республики Таджикистан.
Махмаджонов О. – доцент, докторант Института языка и литературы им. Рудаки АН Республики Таджикистан.
Мирзо Хасан Султон – доктор филологических наук, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. Рудаки АН Республики Таджикистан.
Назарзода С. – доктор филологических наук, директор Института языка и литературы им. Рудаки АН Республики Таджикистан.
Саймиддинов Д. – доктор филологических наук, профессор, председатель Комитета по языку и терминологии при Правительстве Республики Таджикистан.
Эдельман Д.И. – доктор филологических наук, ведущий научный сотрудник Института языкознания АН Российской Федерации.

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор.....3
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....5
Назарзода С. Забон ва вахдати миллӣ.....19
Саймиддинов Д. Иқтибос, савтиёт ва меъёр.....29
Айнӣ С. Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик.....47
Лившитс В.А. Дар бораи қонуниятҳои дохилии инкишофи забони тоҷикӣ.....56
Эделман Ҷ.И. Таҳассуми таъриҳи мардуми Помир дар забонҳои помирӣ.....78
Мирзо Ҳасани Султон. Қолабҳои асосии вожасозии мураккаб дар осори қадимтарини илмии форсии тоҷикӣ.....86
Ҷабборова М.Т. Масъалаҳои маърифати забонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....98
Камолиддинов Б. Таъсири насри суннатӣ ба сабки нигориши С.Айнӣ.....107
Шодиев Р. Феълҳои портӣ ва сугдӣ дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ...114
Маводи Анҷумани нахустини илмӣ-забоншиносии тоҷик оид ба забони тоҷикӣ ва масъалаҳои ҳалталаби он (таҳияи **Назарзода С.**).....126
Ваххобов Т. Вазъи амалкарди забони тоҷикӣ дар ҶҲШ Бухоро ва баъзе масоили сиёсати забонӣ.....138
Сайид Муҳаммади Дабири Сиёҳӣ. Тоту тоҷик ва тозик.....148
Маҳмадчонов О. Назаре ба решашиносии номвожаи ҷуғрофии «Ҳисор».....182
Маҷидов Ҳ. Фарҳанги тафсирӣ чароғи ҳидояти ҳар соҳибзабон аст.....195
Вожаномаи истилоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ.....201
Маълумот роҷеъ ба муаллифон.....209

СОДЕРЖАНИЕ

Предисловие……3
Закон Республики Таджикистан о государственном языке Республики Таджикистан……12
Назарзода С. Язык и национальное единство……19
Саймиддинов Д. Заимствование, произношение и норма……29
Айни С. О состоянии таджикского языкознания……47
Лившиц В.А. О внутренних законах развития таджикского языка……56
Эдельман Д.И. Отражение в памирских языках истории народов Памира……78
Мирзо Хасан Султон. Основные модели словосложения в старейших персидско-таджикских научных сочинениях……86
Джабборова М.Т. Вопросы языкового образования в Республике Таджикистан……98
Камолиддинов Б. Влияние таджикско-персидской классической прозы на стилистическую манеру С.Айни……107
Шодиев Р. Парфянские и согдийские глаголы в «Шахнаме» Фирдоуси……114
Материалы Первого научно-языковедческого съезда таджикского языкознания о таджикском языке и его насущные проблемы (под редакцией **Назарзода С.**)……126
Ваххобов Т. Состояние функционирования таджикского языка в БНСР и некоторые вопросы языковой политики……138
Саид Мохаммад Дабир Сияки. Тат, таджик и тазик……148
Махмаджонов О. К вопросу об этимологии топонима «Хисор»……182
Маджидов Х. Толковый словарь – путеводитель для каждого носителя языка……195
Глоссарий социально-экономических терминов……201
Сведения об авторах……210

ҚОИДАҲОИ НАШРИ МАҚОЛАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Маҷаллаи «Забоншиносӣ» дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе) нашр мешавад.

Дар маҷалла мақолаҳо, ахбор, тақризҳо, маводи иттилоотӣ дар бахши забоншиносӣ ба табъ мерасанд.

Маҷаллаи «Забоншиносӣ» ба забони тоҷикӣ нашр мегардад ва барои чоп ҳамчунин мақолаҳо ба забони русӣ низ пазируфта мешаванд. Фишурдаи мақола, ки ҳамроҳ бо он пешниҳод мегардад, бояд ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия гардад.

Дар мақолаҳои ба чоп пешниҳодшуда муаллиф бояд мубрам будани мавзӯъро асоснок намояд, гузориши возеҳи ҳадафу мақсади таҳқиқ, истидлоли илмӣ, хулосаю натиҷаҳоеро пешниҳод намояд, ки аз лиҳози навоварӣ ва аҳамияти илмию амалии худ қобили таваҷҷӯҳ бошанд.

ТАЛАБОТИ ТАРТИБ ДОДАНИ ДАСТНАВИСҲО

1. Муаллиф дастнависро ба забонҳои тоҷикӣ ва ё русӣ п лиҳод мекунад. Фишурдаи мақолаҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд пешниҳод гардад, ки ҳаҷми он набояд аз 1 саҳифа зиёд бошад.

Матни мақола бояд дар принтер бо ҳуруфи андозаи 12 дар як тарафи қогази сафеди андозаи стандартӣ (А4) чоп шавад. Дар як саҳифаи дастнавис набояд аз 28 сатр, ки дар як фосилаи як сатр чоп шудаанд (ин ба замима ва поварақҳо низ дахл дорад), зиёд бошад. Ҳошияҳои дастнавис: боло ва поён – 2,5 см., чап ва рост – 3 см. Андозаи фосилаи байни бандҳо – 0,5 см.

Бо дастнависҳо замима мегарданд:

а) маълумот рочеъ ба муаллиф (ном, номи падар, номи хонаводагӣ, дараҷаи илмӣ, унвон, ҷои кор, вазифа, нишонаи ҷои зист, шохис (индекс)-и шӯъбаи почта, шумораҳои телефони хона ва кор, нишонаи почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад);

б) Мақола дар компютер чоп шуда, ҳамроҳ бо CD пешниҳод шавад, ки дар он маводи муаллиф ба сурати парванда дар вожапардози Word анҷом шудааст; агар ҳуруфи лотинӣ ё дигар аломатҳо истифода шуда бошад, бояд онҳо бо нишондоди номашон ирсол гарданд.

4. Ҳадди ниҳоии дастнавис:
- мақола – 16 саҳифа, фишурдаи мақола - 1 саҳифа;
- ахбор - 8 саҳифа, натичаи он - 0,5 саҳифа;
- тақриз - 4 саҳифа;
- воқеаномаи ҳаёти илмӣ - 4 саҳифа;

5. Сарлавҳаи мақола бо ҳарфҳои хурд ва аз матн бо фосилаи се сатр ҷудо карда мешавад.

6. Иқтибосҳо бо сарчашма дақиқ муқоиса карда шуда, дар пушти саҳифа асли онҳо аз ҷониби муаллиф оварда мешаванд.

7. Фехристи манобеъ дар охири макола (дар тартиби алифбо – нахуст ба хати кириллӣ, сипас бо дигар забонҳои хоричӣ оварда мешавад; осори як муаллиф дар тартиби хронологӣ дарҷ мешавад) бо шуморагузорӣ ва нишон додани маълумоти зайл оварда мешавад:

а) **барои китобҳо** – ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шаҳр ва соли нашр, мисли:

1. Айнӣ С. Куллиёт. – Сталинобод: Нашрдавлат, - 1958. Ҷ. 1.
2. Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985.

б) **барои мақолаҳо** – ному насаби муаллиф, номгӯи пурраи мақола, номгӯи маҷмӯаи мақолаҳо, китоб, рӯзнома, макони нашр, шаҳр (барои китоб), сол ва шумораи рӯзнома, маҷалла, мисли:

1. *Айнӣ С.* Маъноии калимаи тоҷик // Садои Шарқ. 1986, № 8. – С. 48-73.
2. *Кисляков Н.А.* Старийные приемы земледельческой техники и обряды, связанные с земледелием у таджиков бассейна р.Хингоу // Советская этнография. 1974, №1. – С. 114-125.

Дар дохили матн истинод ба манбаъ дар дохили қавси мураббаъ дода шуда, аз ҳам тавассути вергул ҷудо карда мешавад, мисол: [Писарек 2003, 272]; шумораи саҳифаҳои иқтибос бо воситаи вергул ё тире нишон дода мешавад, мисол: [Писарек 2003, 272-280].

7. Дар мақола аз тарафи муаллиф ё муаллифон бояд имзо гузошта шавад. Дастнавис бояд бодиққат хонда шуда, бидуни ғалат пешниҳод гардад. Дастнависҳое, ки бидуни риояи талаботи мазкур таҳия гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор намегиранд.

Ҳайати таҳрир дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад мақоларо кӯтоҳ кунанд, дар он таҳриру ислоҳ ворид карда, ба муаллифон ҷиҳати ислоҳ баргардонад.

Муаллифон пас аз саҳифабандии мақола онро хонда ризояти худро барои чоп ба таври хаттӣ тасдиқ мекунанд.

Нишонии мо: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷраи 31, нашриёти маҷаллаи «Забоншиносӣ»
Факс 221-56-89, телефон 221-60-11, 227-29-07.
Сомонаи мо: **www.iza.tj**; E-mail: **iza_rudaki@mail.ru**

ПРАВИЛА ПУБЛИКАЦИИ ДЛЯ АВТОРОВ

Журнал «Языкознание» издается Институтом языка и литературы имени Рудаки Академии наук Республики Таджикистан (г. Душанбе).

В журнале публикуются статьи, сообщения, рецензии, информационные материалы по языкознанию.

Журнал «Языкознание» выходит на таджикском языке; к публикации также принимаются статьи на русском языке. Статьи сопровождаются резюме на таджикском, русском и английском языках.

В предлагаемых для публикации научных статьях автор должен дать обоснование актуальности темы, четкую постановку целей и задач исследования, научную аргументацию, обобщения и выводы, представляющие интерес своей новизной, научной и практической значимостью.

ТРЕБОВАНИЯ К ОФОРМЛЕНИЮ РУКОПИСЕЙ

1. Автор представляет рукопись на таджикском или русском языках. Резюме к статье должно быть представлено на таджикском, русском и [illegible]йском языках, объем которого не должен превышать 1 страницы.

2. Текст должен быть отпечатан на принтере - размер шрифта 12 [illegible] одной стороны белого листа бумаги стандартного формата (А4). На странице рукописи должно быть не более 28 строк, отпечатанных через два интервала (это относится также к примечаниям и сноскам). Поля рукописи: верхнее и нижнее - 2,5 см, левое и правое - 3 см. Размер абзацного отступа - 0,5 см.

3. К рукописи прилагаются:

а) сведения об авторе (фамилия, имя, отчество, ученая степень, звание, место работы, должность, домашний адрес, индекс почтового отделения, номера служебного и домашнего телефонов, при наличии - адрес электронной почты);

б) статья должна быть отпечатана на компьютере и представлена редакции одновременно с CD, содержащей файл авторского материала, выполненного в текстовом редакторе Word; шрифты, если таковые использовались для латинских или иных символов, с указанием их названия.

4. Предельный объем рукописей:
- статья - 16 страниц, резюме - 1 страница;
- сообщение - 8 страниц, резюме - 0,5 страницы;
- рецензия - 4 страницы;
- хроника научной жизни - 4 страниц.

5. Заглавие статьи печатается строчными буквами и отбивается тремя интервалами снизу от текста.

6. Цитаты тщательно сверяются с первоисточником и визируются автором на оборотной стороне страницы.

7. Литература, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом поряд-

ке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием следующих выходных данных:

а) **для книг** - фамилия, инициалы автора, полное название книги, город и год издания, например:

3. Айнӣ С. Куллиёт. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, - 1958. Т. 1.

4. Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985.

б) **для статей** - фамилия, инициалы автора, полное название статьи, название сборника, книги, газеты, журнала, где опубликована статья, город (для книг), год и номер газеты, журнала, например:

1. *Айнӣ С.* Маъной калимаи тоҷик // Садои Шарқ. 1986, № 8. – С. 48-73.

2. *Кисляков Н.А.* Старинные приемы земледельческой техники и обряды, связанные с земледелием у таджиков бассейна р. Хингоу // Советская этнография. 1974, №1. – С. 114-125.

Ссылки на литературу в тексте даются в квадратных скобках через запятой, например: [Писарек 2003, 272]; при цитировании указываются страницы через запятую или тире, например: [Писарек 2003, 272-280].

7. Статьи должны быть обязательно подписаны автором, а при наличии нескольких авторов - всеми соавторами.

Рукопись должна быть тщательно вычитана и сдана без опечаток.

Рукописи, оформленные без соблюдения указанных требований, не рассматриваются.

Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку.

Авторы читают готовую верстку статьи и в письменном виде подтверждают свое согласие на публикацию.

Адрес: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки 21, Институт языка и литературы им. Рудаки Академия наук Республики Таджикистан, комн. 31, редакция журнала «Языкознание»
Факс: 221-56-89, Телефон: 221-60-11, 227-29-07.
Наш веб-сайт: **www.iza.tj**; E-mail: **iza_rudaki@mail.ru**

Маълумот роҷеъ ба ҳайати таҳрир:

Ваҳҳобов Т. д.и.ф., мудири кафедраи забони тоҷикии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров.
Зикриёев Ф.Қ. д.и.ф., профессор, сарходими илмии ИЗА ба номи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Камолиддинов Б. д.и.ф., профессори кафедраи рӯзноманигории ДМТ.
Қосимова М.Н. д.и.ф., профессори кафедраи таъриҳи забон ва типологияи ДМТ.
Маҷидов Ҳ. д.и.ф., профессори кафедраи забони муосири тоҷикии ДМТ.
Сулаймонов С. д.и.ф., профессор, мудири кафедраи забони арабии ДМТ.
Султон М.Ҳ. д.и.ф., ходими пешбари шӯъбаи фарҳангнигории ИЗА ба номи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Ҷабборова М.Т. д.и.ф., профессор, раиси Кумита оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Ҷамшедов П. д.и.ф., профессор, мудири кафедраи забони англисии ДМТ.
Ҷӯраев Ғ. д.и.ф., профессор, сарходими илмии ИЗА ба номи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба матбаа 26.08.2010. таҳвил шуд. Ба чопаш 26.09.2010 имзо шуд.
Андозаи 70х10 1/8. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 27,25.
Адади нашр 1000 нусха. Супориши № 35. Нархаш шартномавӣ.

ҶДММ «Шуҷоиён»
ш. Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47